211406.

М. ФОЗИЛОВ

31+635+1

# ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО дар ТАМСИЛУ ҲИКОЯҲО

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЕТИ БА НОМИ А. РУДАКИ

М. ФОЗИЛОВ

# ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО ДАР ТАМСИЛУ ҲИКОЯҲО

НАШРИЕТИ «ДОНИШ»
ДУШАНБЕ—1973

...мати миллии
...ҳурии Тоҷикистон ба
номи А. Фирдавсӣ
...106
Тоҷик ф

Дар ин маҷмӯа 108 тамсил, латифа ва ҳикояҳои гуногуне, ки дар онҳо зарбулмасал ва мақолҳо рукни асосӣ шуда омадаанд, гирд оварда шудааст. Ҳамаи инҳо аз маъхазҳои мӯътабаре, ки дар давоми ҳазор сол ба вуҷуд омадаанд, интихоб шудаанд. Аҳамияти омӯхта шудани ин ҳикояҳо барои равшан намудани таърихи пайдоиши баъзе аз зарбулмасал ва мақолҳои забони адабии форсу тоҷик, тафсири маънои онҳо ва таъин карда шудани географияи паҳншавии онҳо ва инчунин барои омӯхтани пайдоиш ва инкишофи минбаъдаи жанри тамсилу ҳикоя ва муқаррар намудани хусусиятҳои забон ва бадеияти онҳо ниҳоят бузург аст.

Ф $\frac{0722-021}{М\ 502-73}$ 105—73

**Ҳикоят аз масал бе назир шавад**

## САРСУХАН

Дар ин маҷмӯа ҳикояҳое гирд оварда шудаанд, ки зарбулмасалу мақолҳо рукни асосии онҳоро ташкил медиҳанд. Мақсад аз ҷамъоварии ин ҳикояҳое, ки дар давраи гузашта эҷод шудаанд, ба миён гузоштани масъалаи ҳартарафа омӯхтани зарбулмасал ва мақолҳои забони адабии форсу тоҷик мебошад.

Тамсил, афсона, латифа ва ҳикояҳои хурду калон, ки дар онҳо зарбулмасал ва мақолҳо кор фармуда шудаанд, ё зарбулмасал ва мақолҳои ҳикоядоре, ки ҳар яки онҳо ҳикояву ривояте доранд, барои муқаррар намудани маъно, мафҳум ва мавриди истеъмоли зарбулмасалу мақолҳо яке аз манбаъҳои муҳим мебошанд.

Як гурӯҳи ин ҳикояҳо тамсилҳо мебошанд. Тамсил яке аз қадимтарин жанри ҳикоя буда, ҳамеша бо зарбулмасал ва мақолҳо алоқаи зич доштааст. Ин алоқаи тамсилот бо зарбулмасал ва мақолҳои халқҳои Шарқ дар адабиёти илмии фольклоршиносӣ борҳо қайд шудаанд. Аз ҷумла паремиологи машҳур А. Тэйлор дар китоби худ[1] қайд намудааст, ки баъзе мақолҳои халқҳои Африка ва Осиё тамоман нофаҳмо аст, зеро ки ба кадом таъриху ҳодиса ишора кардани онҳо маълум нест. Инаш бешубҳа аст, мегӯяд ӯ, ки тамсилҳои Эзоп бо бисёр зарбулмасалҳои Европа алоқаи зич доранд. Яъне, аз бисёр тамсилҳо ҷудо карда истеъмол шудани зарбулмасал ва мақолҳо барои халқҳои Европа аз қадим то имрӯз як чизи муқаррарӣ шуда будааст.

Ҷои зарбулмасал ва мақолҳо дар матн масъалаи беаҳамияте нест. Зарбулмасалу мақолҳо метавонанд дар ҳикояҳо ё дар даруни матн ё чун хулосаи онҳо истеъмол шаванд.

Мавқеи зарбулмасал ва мақолҳо дар аввал ва ё охири тамсил ва латифаҳо масъалаи пайдоиши онҳоро ба миён

[1] The Proverb and index to the proverb by Archer Taylor, Copenhagen, 1962, саҳ. 28.

меоварад. Дар ҳақиқат аз тамсил, латифа ва ҳикояҳои гуногун ба вуҷуд омадани зарбулмасал ва мақол аз эҳтимол дур нест, хусусан, сарлавҳа ва хулосаи онҳо агар маънои таълимӣ дошта бошанд, вирди забон шуда, рафта-рафта ба зарбулмасал ва мақол мубаддал гаштани онҳо табиӣ аст.

Тамсилу зарбулмасал ва мақолҳо аз ҷиҳати маънию ба ҳам наздик буда, аксар маънои таълиму тарбиявӣ доранд. Одатан дар тамсилу латифаҳо ва чи дар зарбулмасалу мақолҳо асли мақсад рост гуфта нашуда, танҳо ба он ишора мешавад. Домани маънои киноявии онҳо чунон васеъ аст, ки онро ба як доира даровардан кори мушкил аст. Фақат ба тариқи умумӣ гуфтан мумкин аст, ки онҳо ҷиҳатҳои гуногуни зиндагии дуру дарози ин ва ё он халқро дар бар мегиранд. Сабаби вирди забон гаштани зарбулмасал ва мақолҳо ва аз як забон ба забонҳои дигар тарҷима шуда, маъмул шудан ва дар охир дарозумрии онҳо ба маънои худи зарбулмасалу мақолҳо вобаста мебошад.

Панду андарзнависи дар адабиёти бадеии мо ҳануз дар даврaи Сосониён ба вуҷуд омада, насиҳатномаҳои «Андарзи Хусрави Қубодиён», «Андарзи Озарбоди Морсипандон», «Андарзи Бехзодфаррухи Фирӯз», «Панди Зартушт» ва ғайраҳо аз он давр ба мо расидаанд. Маълум аст, ки дар даврaи Хусрави Анушервон китоби «Панчатантра» аз забони ҳиндӣ ба форсии миёна тарҷима шудааст, ки ин китобро баъдҳо ибни Ал-Муқаффаъ аз забони форсии миёна ба забони арабӣ тарҷима намуда, ба он «Калила ва Димна» ном ниҳодааст. Дар замони Сомониён, тахминан дар соли 932 милодӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ин китобро ба назм даровaрда буд, ки аз он ба мо фақат порчаҳои ҷудогона расидаанд. Баъд ин китоб аз тарафи Насруллоҳ Абулмаолӣ ибни Муҳаммад ибни Абдулҳамиди Мунши соли 1143/1144 ва мавлоно Камолиддин Ҳусайн бинни Байҳақии Воизи Кошифӣ соли 1501/1502 ба шакли наср даровaрдаанд.

Таъсири хеле пуркимати ин китоби пандомези дилчасп иборат аз ин аст, ки жанри тамсил, яъне, ҳикояҳои пандомез ва умуман ҳикояҳо дар адабиёти форсу тоҷик барои худ мавқеи мустаҳкаме пайдо карда, ҳамаи китобҳои бадеие, ки баъд навишта шудаанд, аз таъсири «Калила ва Димна» берун намондаанд. Ин даъворо «Қобуснома — Насиҳатнома» (таълифаш 1082/1083 м.) «Марзбонном»-и (асри XII—XIII), «Баҳористон» (1487) ва осори манзуми Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва ғайраҳо метавонанд ба хубӣ собит намоянд ва бешубҳа, қуллаи баланд ва намунаи беҳамтои ҳикояҳои пандомез ҳамоно «Гулистон»-и Муслиҳиддини Саъдии Шерозист.

Хулоса, тамсилу латифанависӣ на танҳо боиси зинда мондани зарбулмасал ва мақолҳои зиёди давраи дури гузашта гардидааст, балки мусаббиби бой гардидани захираи зарбулмасал ва мақолҳост, ки дар натиҷаи суфта карда ба асарҳои адабӣ дохил намудани зарбулмасалҳои халқӣ ва аз забонҳои дигар ва қисман эҷод намудани онҳо ба амал омадааст.

Тамсил, латифа ва умуман ҳикояҳои дидактивӣ натанҳо сабаби пайдошавии зарбулмасал ва мақолҳо мегарданд, инчунин мумкин аст, ки бисьёре аз ҳикояҳо дар асоси зарбулмасалу мақолҳои гуногун навишта шуда бошанд. Барои равшан шудани фикри боло якчанд ҳикояҳои ин маҷмӯаро аз назар мегузаронем.

Бигирем яке аз тамсилоти адиб ва мутафаккири бузурги халқи тоҷик Носири Хисрави Қубодиёниро, ки чунин аст:

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост.
Бар ростии бол назар карду чунин гуфт:
«Имрӯз ҳама рӯи замин зери пари мост.
Гар авҷ бигирам, бипарам аз назари тед,
Мебинам агар заррае андар таги дарьёст.
Гар бар сари хошок яке пашша биҷунбад,
Ҷунбидани он пашша аён дар назари мост».
Бисьёр манӣ карду зи тақдир натарсид,
Бингар, ки аз ин чархи ҷафопеша чӣ бархост.
Ногаҳ за камингоҳ яке сахткамоне
Тире зи қазову қадар андохт бар ӯ рост.
Бар боли уқоб омада он тири ҷигарсӯз,
В-аз абр мар ӯро ба сӯи хок фуру кост.
Бар хок бияфтиду бигалтид чу моҳӣ
В-он гоҳ пари хеш кашид аз чапу аз рост.
Гуфто: Аҷаб аст, ин ки зи чӯб асту зи оҳан
Ин тезию тундию паридани кучо хост?
Зи тир нигаҳ карду пари хеш бар ӯ дид.
Гуфто: **«Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост».**
Ҳуҷҷат ту маниро зи сари хеш бадар кун,
Бингар ба уқобе, ки манӣ кард, чиҳо хост!

Аз мутолиаи ин тамсил ба назар мерасад, ки мисраи «Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост» и ин тамсил ё қаблан дар забони адабиёти мо мавҷуд будааст ва ё худи ҳамин мисраъ ба мурури замон шояд зарбулмасал шуда бошад. Ба ҳар ҳол дар замонҳои баъд ин зарбулмасал дар осори шуаро хеле зиёд истеъмол шудааст, ки чанд намуна меоварем.

Мебигзарад оби мижаи мо зи сари мост,
Некӯ масале, ин ки ҳам **«Аз мост, ки бар мост»**.

Хусрави Деҳлавӣ

Зад пошна бар остару аз ҷой барангехт,
З-он сон ки аз ӯ астараки хаста амоқ хост.

Астар чу ба танг омада ӯ бонг баровард,
«Гуфто: **«Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост»**

Хоҷуи Кирмонӣ

Ва ин масал бад-он овардам, ки бидонӣ, ки роҳи ин меҳнат худ аз худ намудӣ ва дари ин ранҷу машаққат худ ба худ кушодаӣ. Охир, **«Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост»**.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

Ҷон гар ба лаби мо расад, аз ғайр нанолем,
Бо кас насиголем,
Аз хеш бинолем, ки ҷони сухан ин аст,
**«Аз мост, ки бар мост»**.

Муҳаммадтақии Баҳор

Ситора (худ ба худ) Гуфто: **«Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост»**. Чаро дӯсташ доштам? Чаро дар дилаш тухми муҳаббат коштам? Не, не! Худи ӯ гунаҳкор аст. Охир, чаро ба нигоҳҳои гарм ва чеҳраи хандон ба сӯям нигарист? Чаро ба васфам шеър навишт? Оҳ, чӣ қадар чораҳои бисьёре! Ба кадоми онҳо ҷавоб мегардонад кас!

Мирсаид Миршакар

Инчунин мавридҳое ҳаст, ки шоирони номии забардаст дар асарҳои худ ба ин зарбулмасал ишора намудаанд.

Ҳамчу мо рӯзгор махлуқ аст,
Гила кардан зи рӯзгор чарост?
Гила аз ҳеч кас набоянд кард,
К-аз тани мост, **«Он чи бар тани мост.**

Масъуди Саъди Салмон

Агар шодист моро, ҳам ғам аз мост,
**Ки бар мо ҳар чӣ меояд, ҳам аз мост**

Фаридаддини Аттор

Муайян шуд ба табъи мањнандеш,
Ки сирри халқ беруи нест аз хеш.
Ҳамин як нола дар кӯҳсор пайдост,
**Ки бар мо он чи меояд, ҳам аз мост.**

Абдулқодири Бедил

Вале аз мисолҳои зер маълум мегардад, ки ин зарбулмасал, ки маънои «ҳар ногуворие, ки бар сарамон меояд, натиҷаи ғафлату сахлгирии худамон ё хиёнати хешу наздикҳоямон аст ва ҳар баде, ки ба мо мерасад, ба амали худи мо вобаста аст» дорад, пеш аз Носири Хисрав вуҷуд дошта аст.

Аз мо бар мост чун нигоҳ куни нек,
Дар табару дар дарахту охану сӯхон.
Кор зи сар гиру асбу теги дигар соз,

Хоса, ки пайдо шуд аз баҳор зимистон.
Абўҳанифаи Аскофӣ (аз «Таърихи Байҳақӣ»)

Бад-ӯ гуфт, к-ин бар ман аз ман расид,
Замона ба дасти ту долам калид.
Абулқосим Фирдавсӣ

Пас, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ин зарбулмасал дар байни халқҳои гуногуни форсзабон то Носири Хисрав вуҷуд доштааст ва Носири Хисрав ба он тамсили пандомези хеле ҳаяҷонбахш навишта, боиси вирди забон шудани он гардидааст.

Дар ин маҷмӯа ҳикояхое низ ҳастанд, ки дар асоси зарбулмасал ва мақолҳо навишта шудаанд, ва чунин ҳикояҳои пандомез хусусан дар «Ҷомеъ-ут-тамсил»-и Муҳаммадалии Ҳаблрӯдӣ, ки дар охири асри XVI ва аввали асри XVII умр ба сар бурдааст,бештар дида мешаванд. Ба ин ҳикояи «Ҷӯёнда ёбанда аст» мисоли хеле хуб шуда метавонад.

Ҳикояте бо мазмуни ин зарбулмасал бори аввал аз тарафи Муҳаммад Авфии Бухорой (асри XIII) ба қалам оварда шудааст. Аммо ҳикоят дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» бе зарбулмасали «Ҷӯянда ёбанда (аст)» омадааст. Баъди бештар аз 400 сол Ҳаблрӯдӣ дар «Ҷомеъ-ут-тамсил»-и худ ба ин мазмун ҳикояти хеле дилпазир ва мароқоваре навишта, онро бо зарбулмасали «ҷӯянда-ёбанда аст» ба итмом мерасонад. Аммо аз ин чунин хулоса намебарояд, ки ин зарбулмасал бори аввал дар асри XVII, аз тарафи Муҳаммадалии Ҳаблрӯдӣ кор фармуда шудааст. Баръакс, пеш аз Ҳаблрӯдӣ вуҷуд доштани ин зарбулмасалро мисолҳои зерин тасдиқ менамоянд.

Дили ман ҳаме ҷуст пайваста ёре,
Ки хуш бигзаронад бад-ӯ рӯзгоре.
Шунидам, ки **«Ҷӯянда ёбанда бошад»,**
Ба маънӣ дуруст омад ин лафз боре.
Буте чун баҳоре ба дасти ман омад,
Ки чун ӯ буте нест андар баҳоре.
Абулҳасани Фаррухӣ

Ман ҷавоб гуфтам, ки ҳукамо ҷуз он чизе натавонанд сохт, ки андӯҳи дунё кам кунанд.

Ҷавоб дод, ки бехирадӣ ва беҳушӣ роҳате набошад. Ҳаким натавон гуфт касеро, мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, балки чизе бояд талабид, ки хирад ва ҳушро бияфзояд.

— Гуфтам, ки ман инро аз куҷо орам?
— Гуфт: **«Ҷӯянда ёбанда бошад».**
Носири Хисрав

Ба ин зарбулмасал Фирдавсӣ, Низомӣ ва Хоҷуи Кирмонӣ дар шеърҳои худ ишора намудаанд:

Аз он пас чунин гуфт Баҳромро,
Ки ҳар кас, ки ҷӯё бувад комро,
Чу дархӯрд ҷӯяд биёбад ҳамон,
Дароз асту ёбанда дасти замон.

Сӯи чашмаи зиндагӣ роҳ ҷуст,
Кунун ёфт он чашма к-он гоҳ ҷуст.
Чунин зад масал шоҳи гӯяндагон,
Ки ёбандагонанд ҷӯяндагон.

Наёбад мурод он-к ёбанда нест,
Ки ҷӯяндагӣ айни ёбандагист.

Аз ин мисолҳо маълум мегардад, ки пайдоиши ҳикояи он зарбулмасал ба монанди худи зарбулмасал чандон таърихи зиёде надоштааст. Агар эҷоди ҳикояро ба Муҳаммадалии Ҳаблрӯдӣ мансуб донем, хато нахоҳем кард.

Дар маҷмуа ҳакояҳои зиёдеро дидан мумкин аст, ки дар асоси панду ҳикматҳо навишта шудаанд. Яке аз ин ҳикояҳо ҳикояи «Нигаҳ дор к-ояд замоне ба кор, агарчи бувад дар ҷаҳон раъси мор!» аст.

Ин ҳикоя аз рӯи чаҳор панди падари пурдида ба писаре, ки ба сафари дур ва хавфнок меравад, чун дастур навишта шудааст. Барои обуранг ёфтани ҳикоя ва инчунин таъкиди фикрҳо якчанд зарбулмасал ва мақолҳои дигар низ кор фармуда шудаанд. Пас, рукни асосии ин ҳикоя зарбулмасал ва мақол набуда, панду ҳакмат мебошад.

Мушоҳида мешавад, ки як қатор ҳикояҳо ё маҳз барои тасдиқ ва аёнӣ шудани фикри наҷиби пандомези шоирони бузурги гузашта навишта шудаанд ва ё мумкин аст, ки мисраъҳои ҷудогонаи онҳо барои тасдиқи фикри баёньёфта оварда шуда бошанд.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и худ ҳикояе овардааст, ки дар он водор карда шудани Ёқут ва Ҳиндухоча ном ду ҷавон ба омӯхтани ҳунаре, ки дӯст намедоранд ва аз машғули маҷбурии онҳо хосил нашудани натиҷае тасвир шудааст. Аз ин иштибоҳ зуд огоҳ шуда, онҳоро барои омӯхтани ҳунари дӯстдоштаи худ мегузоранд, ки аз ин дар андак муддат натиҷаи мусбат ба даст медароянд. Дуруст будани ин амал бо ду мисраи Ҷалолиддини Румӣ, яъне,

«Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,
Меҳри ӯро бар дилаш андохтанд»

тасдиқ карда шудааст.

Албатта, Восифӣ мисраъҳои Ҷалолиддини Румӣ будани онро медонист, вале қайд накардани номи муаллиф сабаби вирди забон будани он байт бояд бошад. Дар ҳақиқат ин мисраъҳо то Восифӣ борҳо чун мақол аз тарафи муаллифони дигар низ истеъмол шудааст.

Дар адабиёти бадеии мо чун зарбулмасал, мақол ё пан-

ду ҳикмат истеъмол шудани мисраъҳои ҷудогонаи нависанда ва шоирони бузург як ҳодисаи мукаррарӣ мебошад ва дар ин мавридҳо ҳатто зикри номи гӯяндагон лозим шумурда намешудааст. Муаллифони ин мисраъҳо бо мурури замон фаромӯш гашта, худи онҳо аз афоризмӣ ба фонди зарбулмасал ва мақолҳо гузаштаанд.

Дар ин маҷмӯа ҳикояҳои пандомӯз низ ҷамъ оварда шудаанд, ки гӯяндагонашон маълум буда, мисраъҳои ҷудогонаи онҳо ба сабаби пурмаъно ва хеле суфтаву равон будани худ асрҳо вирди забон гашта, ба қатори зарбулмасал ва мақолҳо дохил шудаанд. Афоризмҳои «бо сияҳдил чӣ суд гуфтани ваъз», «наравад мехи оҳанин дар санг», «дурӯғи маслиҳатомез беҳ, ки рости фитнаангез», «ҳар чи ба дил фурӯ ояд, дар дида накӯ намояд»- и Саъдии Шерозӣ, «мори бад беҳ, ки ёри бад»- и Абдураҳмони Ҷомӣ ва ғайраҳо ба гуфтаи боло мисол шуда метавонанд.

Дар як қатор ҳикоя ва хусусан ҳикояҳои хурд зарбулмасал ва мақолҳо сарлавҳа ва ё дар аввал ҳамчун чистон оварда шудаанд, ки диққати хонанда ва ё шунавандаро дарҳол ба худ ҷалб мекунанд. «Аз кӯза ҳамон берун тароад, ки дар уст» сарлавҳаи ҳикоя шуда омадааст. Ин зарбулмасали аслан арабӣ буда, ба забони адабии халқҳои форсзабон тарҷима шудааст. Маънои киноявии ин зарбулмасал на ба ҳама фаҳмо мебошад. Барои ҳамин ҳам Муҳаммадалии Ҳаблрӯдӣ воқеаеро тасвир кардааст, ки гунаҳгор дар ҷавоби савол беихтиёр табиати дуздии худро маълум карда мемонад. Ҳикояи «Забони сурх сари сабз медиҳад барбод» низ аз қабили ҳикояи болост.

Ғайр аз ин дар маҷмӯае, ки дар даст доред, ҳикоячаҳои зиёде гирд оварда шудаанд, ки онҳо бо зарбулмасал ва ё мақол хотима ёфтаанд. Дар ҳикоячаҳои «Аввал намоз, баъд аз он ниёз», «Аввал таом, баъд аз он калом», «Гуноҳи бача ба гардани оча», «Гурусна имон надорад», «Инсоф болои тоат аст», «Кас нагӯяд, ки дӯғи ман турш аст» ва ғайраҳо худи ҳамон ҷумлаҳои кор фармудашуда ба эътибори мавқеи худ як қисми он ҳикояҳо буда, мумкин аст, ки ба мурури замон онҳо зарбулмасал ва ё мақол шуда бошанд. Эҳтимол, ки баъзе аз онҳо ба ҳамин роҳ низ пайдо шуда бошанд, вале исбот кардани ин мушкил аст.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки пеш аз ҳама ҳикояҳои тамсилӣ ва баъд ҳикояҳои гуногуни дигар, ки дар онҳо зарбулмасал ва мақолҳо оварда шудаанд, на танҳо барои омӯхтани хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии он ҳикояҳо ва забони онҳо беҳтарин маъхаз мебошанд, балки барои ҳартарафа омӯхтани пайдоиш ва сайри таърихии зарбулмасал ва мақолҳо низ кӯмаки калон расонда метавонанд.

Боз як ҷиҳати муҳимми ҳартарафа омӯхтани ҳикояҳои дидактикӣ, латифаҳо ва умуман ҳикояҳои даврай гузаштаи дур дар он аст, ки мо ба воситаи онҳо таърихи пайдоиши баъзе зарбулмасал ва мақолҳоро тахмин карда метавонем. Албатта, аниқ муқаррар намудани таърихи пайдоиши зарбулмасал ва мақолҳое, ки умри чандҳазорсола доранд, кори хеле мушкил аст. Аксари он зарбулмасал ва мақолҳое, ки мо таърихи пайдоиши онҳоро аз ҳикояҳо муқаррар карданӣ ҳастем, эҳтимол дорад, пеш аз он ҳикояҳо вуҷуд дошта бошанд ва муаллифон онҳоро фақат суфта намуда, ба асарҳояшон даровардаанд. Бо вуҷуди ин наметавон гуфт, ки таърихи пайдоиши зарбулмасал ва мақолҳои мустаъмал дар забони адабӣ ҳаргиз маълум нахоҳад шуд. Барои маълум намудани таърихи пайдоиши зарбулмасал ва мақолҳо дар забони адабӣ имкониятҳои зиёде мавҷуданд. Аз ҷумла, таърихи пайдоиши баъзе аз онҳоро, ки дар матнҳо омадаанд, бо худи муаллифони он матнҳо мутааллиқ донистан мумкин аст. Аз сохт ва мазмуни зарбулмасал ва мақолҳои «ҷӯянда-ёбанда (аст)», «тухмдузд шутурдузд мешавад», «раҳмат ба кафандузди аввал», «дастбурида қадри дастбурида медонад», «дуредгарӣ кори бӯзина нест» ва ғайра фарз кардан мумкин аст, ки онҳо дар асл зарбулмасал ва мақоли халқӣ бояд бошанд. Дар боло қайд шуда буд, ки зарбулмасали «ҷӯянда-ёбанда (аст)» бори аввал аз тарафи Абулҳасани Фаррухӣ (вафоташ соли 1037/1038 м.) ба матн дароварда шудааст. Онро бори дигар Носири Хисрав (1003/1004—1068) дар «Сафарнома»-и худ ба кор бурдааст. Пас шубҳае нест, ки ин зарбулмасал дар асри XI байни мардуми Ҳирот ва Мовароуннаҳр дар истеъмол будааст. Аммо ин ҳаргиз ба кай аз тарафи кӣ сохта шудани он далел шуда наметавонад. Мавҷуд будани ин зарбулмасал дар байни халқҳои гуногуни Шарқу Ғарб далели байналмилалӣ будани он буда, байналмилалӣ буданаш далели умри хеле дарози он мебошад, зеро маъмул шудани зарбулмасал ва мақоли як халқ дар байни халқҳои дигар солҳои зиёдеро талаб мекунад. Афсӯс, ки муқаррар намудани соҳибони ҳақиқии зарбулмасал ва мақолҳо кори чандон осон нест.

Зарбулмасали «Аз мост, ки бар мост» умри зиёде дорад. Онро драматурги бузурги Юнон Исхил (соли 525—956 давраи то милодӣ) дар асари худ истеъмол намудааст, ки мо онро бо тамсилаш дар тарҷимаи русӣ меоварем.

### РАНЕННЫЙ ОРЕЛ

«Острее жалит боль, когда ее причиняет кто-нибудь из близких». Орел сидел на скале, высматривая зайцев, чтобы

броситься на них. Один охотник выстрелил в него из лука. Острая стрела вонзилась орлу в тело, а другой конец, с оперением, торчал перед его глазами. И орел, увидев его, сказал: «Вдвойне мне больно от того, что умираю я от своих же перьев».[2]

Пас умри ин зарбулмасал аз ду ҳазор сол бештар тахмин мешавад, ки ин далеле ба дарозумрии ин зарбулмасал мешавад. Дар асоси матнҳо ҳазор сол ва зиёда аз он мукаррар шудани умри зарбулмасал ва мақолҳо гарчанде ки умри чандон зиёде набошад ҳам, аз ин харгиз қимати илмии он матнҳое, ки дар онҳо зарбулмасал ва мақолҳо қайд гардидаанд, кам намегарданд. Агар ин ҳикояҳо аз тарафи филологҳо ҳартарафа омӯхта шаванд, бешубҳа таърихи ҳазорсолаи калони бадей ба забон хохад даромад.

Чун мисол зарбулмасали «дуредгарӣ кори бӯзина нест»-ро аз назар мегузаронем.

Ин зарбулмасалро Ғаззолии Тӯсӣ (тав. 1058/1059, ваф. 1111/1112) дар «Кимиёи саодат» («Бидонӣ, ки чашми охират чун чашми дунёӣ бувад, ки чашм ҷуз ба ҷиҳат набинад ва чашм беҷиҳат бинад ва беш аз ин раво нест, ки аз ин гӯяд ва баҳс кунад, ки ин кор ба қадри қуввати ӯ нест. «Дуредгарӣ кори бӯзина нест» ва Муншӣ дар «Калила ва Димна» (таълифаш 1143/1144 м.): Бӯзина дар чӯб нишаст ва буридан гирифт. Аз ин ҷониб, ки бурида буд, унсайни ӯ дар шикофи чӯб овехта шуда ва он мех, ки даркор буд, пеш аз он ки дигаре бикӯфтӣ, баровард ва ҳарду шаққи чӯб ба ҳам пайваст ва унсайни ӯ маҳкам дар миёни чӯб бимонд. Аз дард ранҷур гашт ва ин ҷо гуфтаанд, ки «дуредгарӣ кори бӯзина нест» кор фармудаанд. Пас аз Ғаззолӣ ин зарбулмасал варианти дигар пайдо намудааст.

«Кори бӯзина набудаст фани наҷҷорӣ,
Даъвии ёфа макун, ёфта магӯ, жож махой!
Ҷалолиддини Румӣ

Бӯзина он мехро, ки дар пеши кор буд, қабл аз он ки дигаре фурӯ бикӯбад, аз шикофи чӯб баркашид. Чун мех аз шикоф кашида шуд, филҳол ҳар ду шаққи чӯб ба ҳам пайваста ва унсайни бӯзина дар чӯб маҳкам бимонд. Бӯзина аз дард ранҷур шуда менолиду мегуфт:

Он беҳ ки ҳар касе ба ҷаҳон кори худ кунад,
В-он кас, ки кори худ накунад, нек бад кунад.

... Бӯзина бо худ дар ин гуфтугӯ буд, ки дуредгар бозомад ва ӯро дастбурде ба сазо намуд ва кори бӯзина бад-

[2] Басни Эзопа. Перевод, статья и комментарии М. Л. Гаспарова. Изд-во «Наука», М., 1968, стр. 162—163.

он фузулӣ ба ҳалокат анҷомид. Ва аз ин ҷо гуфтаанд: «Кори бӯзина нест наҷҷорӣ».

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

Аз мисолҳои боло маълум мегардад, ки зарбулмасали «дуредгарӣ кори бӯзина нест» тахминан 900 сол пеш аз ин ҳам кор фармуда мешудааст. Барои ин ки таърихи ин зарбулмасал аниқтар гардад, ба болои он 900 сол боз тахминан 300 ва ё 500 илова карда шавад (зеро барои вирди забон гаштани зарбулмасал ва мақол солҳои зиёде лозим аст), он таърихи тахминии пайдоиши зарбулмасал мешавад. Дигар он ки зарбулмасали «дуредгарӣ кори бӯзина нест» агар бо варианташ «кори бӯзина нест наҷҷорӣ» аз ҷиҳати сохташон муқоиса карда шавад, халқӣ будани зарбулмасали якум ба назар мерасад, ки ин ҳол боз як далел ба қадимӣ будани он мешавад.

Нӯҳсад, ҳазор сол ва зиёда аз он тахмин карда шудани умри зарбулмасал ва мақолҳо, хусусан барои зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ чандон умри дароз набошад ҳам, ба ҳар ҳол он тағйиротҳое, ки дар давоми он солҳои дароз, дар сохт ва семантикаи онҳо рӯй медиҳад, қобили диққат мебошад.

Маънидод намудани зарбулмасал ва мақолҳое, ки умри зиёдеро аз сар гузаронидаанд, кори басо мушкил аст, зеро ки мо он шароит, он зиндагӣ, он воқеа ва сабабҳоеро, ки боиси ба вуҷуд омадани онҳо шудаанд, намедонем ва шояд даниста ҳам натавонем. Барои ҳамин ҳам матнҳое, ки дар онҳо зарбулмасал ва мақолҳо оварда шудаанд, хеле пурарзишанд. Зарбулмасал ва мақолҳо, хусусан зарбулмасал ва мақолҳои замони гузашта бе матн аҳамияти худро аз даст медиҳанд.

Кори фольклоршинос ва фарҳангнавис бо маънидод кардани зарбулмасал ва мақолҳо тамом намешавад. Дар баробари маънидод кардан доираи истеъмоли онҳо, яъне, дар кадом мавқеъ ва маврид гуфта ва ё оварда шудани онҳоро низ муайян кардан лозим аст. Дуруст ва мукаммал муайян кардани доираи истеъмоли зарбулмасал ва мақолҳо вобаста ба зиёд будан ва хубии сифати матнҳост.

Тартиб додани фарҳанги тафсирии зарбулмасал ва мақолҳо яке аз вазифаҳои муҳимми филологҳо мебошад. Эҳтиёҷи хонандагони бешумори республикамон ва берун аз он тартиб дода шудани чунин фарҳангеро тақозо мекунад.

Хулоса, аҳамияти ҳикояҳои гуногун дар омӯхтани зарбулмасал ва мақолҳо ва тартиб додани фарҳанги тафсирии онҳо хеле зиёд аст. Барои ҳамин ҳам ин қабил матнҳоро бо диққат ва сифатан хуб тайёр намуда, ба чоп расонидан

гараби муваффақияти корҳои илмии ояида довр ба зарбулмасал ва мақолҳо хоҳад буд.

Дуруст муқаррар намудани сабаби истеъмоли зарбулмасал ва мақолҳо дар матнҳо яке аз масъалаҳои шоёни диққат аст ва ин кор боиси равшан шудани баъзе хусусиятҳои зарбулмасал ва мақолҳо шуда метавонад.

Пеш аз ҳама истеъмоли зарбулмасал ва мақолҳо дар ҳар матн ба сабку услуб ва маҳорату дониши худи гӯянда ва ё нависандаи онҳо вобаста аст. Муаллифоне, ки забони модарии худ ва забонҳои дигарро нағз медонанд, бо фольклор ва каломи бадеӣ шинос буда ба замми ин табъи шуху зариф ва истеъдоди сухансанҷӣ низ доранд, онҳое, ки ба зиндагӣ ба назари таҳқиқу файласуфона менигаранд, бешубҳа нақлу ҳикояҳои худро бо зарбулмасал ва мақолҳои халқию адабӣ бамаврид, бамантиқ ва зебо оро дода тавонистаанд.

Истеъмоли зарбулмасал ва мақолҳо ба мундариҷаи ҳикоя ва нақл низ вобаста аст. Дар ҳикояҳои ахлоқӣ, дар ҳикояҳое, ки баҳсу мунозира, зарофатгӯӣ ва гапгузарони ҷой дорад, зарбулмасал ва мақолҳо фаровон истеъмол шуда онҳо дар матн ва гуфтугӯ барои тасдиқ ва ё радди фикре ҳо оварда мешаванд. Аксари онҳо амалу хислатҳои неки инсонро сутуда, амалу хислатҳои бади ӯро сахт маҳкум мекунанд. Онҳо беҳтарин китоби ибратомӯзи зиндагӣ буда раҳнамое ҳастанд, ки инсон ба воситаи онҳо роҳи ҳаёти худро равшантар муайян карда метавонад.

***

Ҳикояҳои ин маҷмӯа аз маъхазҳои мӯътабари гуногун, ки таърихи таълифи баъзе аз онҳо то ба ҳаштсад сол мекн расад, ҷамъ карда шудаанд. Аз ҷумла, аз «Сиёсатнома» (асри XI, ду ҳикоят), «Қобуснома» (асри XI, ҳашт ҳикоят), «Марзбоннома» (асри XI, як ҳикоят), «Калила ва Димна» (асри XI, ду ҳикоят), аз асарҳои Носири Хисрав (асри XI, ду ҳикоят), Низомии Ганҷавӣ (асри XII—XIII, як ҳикоят), Ҷалолиддини Румӣ (асри XIII, ду ҳикоят), Саъдии Шерозӣ (асри XIII, понздаҳ ҳикоят), Убайди Зоконӣ (асри XIV, ду ҳикоят), Абдураҳмони Ҷомӣ (асри XV, панҷ ҳикоят), «Анвори Суҳайлӣ»-и Қошифӣ (асри XV, шаш ҳикоят), «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (асри XV—XVI, ду ҳикоят), «Ҷомеъ-ут-тамсил» (понздаҳ ҳикоят), «Маҷмӯъ-ул-амсол»-и Муҳаммадалии Ҳаблрӯдӣ (даҳ ҳикоят) ва аз дигарҳо хӯшачинӣ карда шудаанд. Дар байни асарҳои номбаршуда «Ҷомеъ-ут-тамсил» мавқеи махсусе дорад, ки мо дар бораи он каме таваққуф мекунем,

чароки ин асар маҷмӯаи аввалини тамсилхо аст, ки дар онҳо зарбулмасал, мақол, афоризм, панду ҳикмат, нукта, ривояту ҳадисҳо фаровон кор фармуда шудаанд.

«Ҷомеъ-ут-тамсил» соли 1054/1644 дар Ҳайдарободи Дакан аз тарафи Муҳаммадалии Ҳаблрӯдӣ навишта шуда, борҳо ба чоп расидааст, ки чопи сангии Табриз, ки соли 1295/1877—78 анҷом ёфтааст, дастраси мо гашт. Ношир қайд намудааст, ки «Муҳаммад Содиқ саъйи том ва эҳтимоми тамом дар итмоми он нусха намуд. Баъд аз истинсох аз рӯи кутуби мӯътабар ҷидду ҷаҳд дар муқобилаи он намуда, ба табъ расонид». Мақсади ба чоп ҳозир намудани ин маҷмӯаро худи Ҳаблрӯдӣ (Муҳаммад Содиқ ва чопи ҳозираи Машҳад саҳван Ҳаблрӯдиро Ҷабалрӯдӣ навиштааст. Ҳаблрӯд номи он руд ва деҳае аст, ки дар Фирӯзкӯҳи Мозандарон воқеъ гардидааст) дар дебочаи китобаш қайд мекунад: «ҳеҷ як аз фусаҳои фурс ба ҷамъ намудани амсоли форсӣ напардохтанд ва дурри мусавваро дар як ришта мунтазам насохта». Боз гуфтааст, ки «Баъд аз татаббӯъ ва таълифи ин амсол пас аз муқаддима тартиби онро ба ҳуруфи таҳаҷҷӣ бисту ҳашт қарор додам ва ин маҷмӯаро «Ҷомеъ-ут-тамсил» ном ниҳодам ва баъзе ҳикоёте дигар ба унвони мулҳақот ба ӯ манзум намудам».[3]

Маълум мешавад, ки муаллиф ба баъзе зарбулмасал ва мақолҳое, ки дар китоб ҷо дода шудаанд, тамсил ва ҳикояҳо овардааст. Дар ҳикояҳое, ки барои таъйини мавқеи ягон зарбулмасал ё мақол оварда шудаанд, на танҳо худи ҳамон зарбулмасал ва ё мақол қайд ёфта, балки боз чандон зарбулмасал ва мақолҳои дигар низ зикр шудаанд, ки ин қимати китобро як барчанд меафзоянд. Албатта, ҳамаи ин тамсилу ҳикояҳои гуногун аз ҷиҳати мазмун ва аҳамияти илмии худ баробар нестанд ва на ҳама он чӣ, ки ба номи «амсол» оварда шудаанд, зарбулмасал ва мақол мебошанд, балки аксари онҳо иборахои фразеологӣ, нукта, баъзе аз онҳо ҷумлаҳои оддӣ, панду ҳикмат ва ривояту ҳадисҳо мебошанд. Лекин аз ин қимати китоб ҳаргиз паст намегардад, вақти омӯхтани ҳар яке аз инҳо ин китоб аҳамияти бузург пайдо мекунад.

Чопи ҳозираи «Ҷомеъ-ут-тамсил» (интишороти Муҳаммадҳасанлии Илмӣ) ба номи «Куллиёти Ҷомеъ-ут-тамсил» нашр шудааст. Ҷои таассуф аст, ки ношир аксари ҳикояҳои дуньявиро, ки дар онҳо зарбулмасал, мақол, афоризм ва панду ҳикматҳои зиёде оварда шудаанд, мухтасар кардааст ва аз ин рӯ қимати чунин китобе хеле костааст.

---

[3] «Ҷомеъ-ут-тамсил», саҳ. 1, 4, 6.

***

Пешоҳанги ҷамъ намудани тамсилу ҳикояҳои зарбулмасал ва мақолдор дар фольклоршиносии халқҳои форсзабон мудири рӯзномаи «Исфаҳон» оқои Амиркулии Аминӣ мебошад, ки соли 1954 бо номи «Достонҳои амсол» маҷмӯае нашр карда дар он достонҳоеро ҷамъ овардааст, ки аз маъхазҳои адабӣ дастрас шуда ва аз мардум шунидааст.

Дар ин маҷмӯа 334 достон ҷамъ оварда шудаанд. Дар қатори достонҳои «Забони сурх сари сабз медиҳад барбод», «Он вақт, ки чик-чаки мастонат буд, ёди зимистонат набуд», «То аблаҳ дар ҷаҳон ҳаст, муфлис дарнамемонад», «Тухмдузд шутурдузд мешавад», «Чароғе ки ба хона равост, ба масчид ҳаром аст», «Чашми соҳиб асари дигар дорад» ва ғайраҳо боз ҳикояҳои «Халлоҷ гург шуда», «Холаи ғардандароз», «Дасташ ба ҳики шира банд аст», «Даъво сари лиҳофи Мулло буд», «Рӯи танобаш арзан пахн кардааст», «Мисли саг пушаймон шуд» ва ғайра оварда шудаанд, ки инҳоро бо ҳикояҳои дар боло зикршуда ҳаргиз дар як қатор гузоштан мумкин нест. Маълум мегардад, ки тартибдиҳанда дар «Достонҳои амсол» зарбулмасал, мақол, иборахои фразеологӣ нукта, панду ҳикмат, инчунин афоризм ва ҳадису ривоятҳоро, ки аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд, дар як ҷо оварда, дар ин маврид фақат шоеъ ва вирди забон будани онҳоро ба эътибор гирифтааст. Бароӣ ин ба оқои Аминӣ эрод гирифтан чандон дуруст нест, чунки дар зери калимаи «масал» дар гузашта ва ҳатто ҳозир ҳам ҳамаи мафҳумҳои дар боло зикршуда фаҳмида мешаванд.

Ба ғайр аз «Достонҳои амсол»-и Аминӣ боз ба ҳамин ном соли 1340 ш./1961 Сайидкамолиддини Муртазавиён (Форсонӣ) маҷмӯае интишор намуд. Мақсади китобро худи тартибдиҳанда чунин ифода мекунад: «Хонандагони гиромӣ бояд бидонанд, ки «Зарбулмасал»-ҳое, ки дар афвоҳи умум ҷорист, бар ду қисманд: Аввал, масалҳое, ки шомили андарзҳои ҳакимона, насоеҳи оқилона, пандиёти орифона, киноёти адибона ва нукоти шоиронаанд. Дуввӯм, амсоле, ки мазмуни онҳо аз ҳодисае ҳикоят ва аз сониҳае ривоят ва ё ба иттифоқе ишорат мекунад. Қисми аввал дар зимни давовини шуаро ва кутубе, ки дар ин хусус таълиф гардида, каму беш ёфт мешавад. Вале қисми дуввӯм ба истисноӣ қалиле, ки аз лобалои кутуб қисмеро метавон ба даст овард. Бақия ҷуз теъдоде, ки аз сина ба сина ва аз даҳон ба даҳон то ин замон расида, чизи дигаре аз чигунагии пайдоиш ва ваҷҳи тасмияи ин навъ амсол дар даст нест, дар сурате ки мусалламан ҳар як аз ин гуна амсо-

ли масбук ба савобику вакоеи таърихӣ ҳастанд».[4] Аз ин ҷост, ки тартибдиҳандаи китоб ба мӯҷтамеъ намудани «ганҷинаи гуҳар» шурӯъ намудааст.

Гарчанд ки ин ду маҷмӯа дар як мавзӯъ бо як ном нашр шудаанд, аммо такрори якдигар нестанд. Агар 159 масали «Достонҳои амсол»-и Муртазавиён бо 334 достонҳои Аминӣ муқоиса карда шавад, фақат такрор шудани ду достон («Аз мост, ки бар мост» ва «Фаввора чун баланд шавад, сарнагун шавад») ба назар мерасад. Ин «Достонҳо» ҳам ба монанди «Достонҳои амсол»- и Аминӣ ба аҳамияти илмии калон моликанд ва баъзе камбудиҳое, ки дар бораи «Достонҳои амсол»- и Аминӣ гуфта шуд, ба «Достонҳо»-и Муртазавиён низ дахл дорад.

Аҳамияти дигари ин ду «Достонҳо» боз дар ин ҷост, ки онҳо пас аз ҳар як ҳикоя дар кадом маврид истеъмол шудани зарбулмасал ва мақолҳоро муқаррар намудаанд. Ин кори чандон саҳл нест. Зарбулмасал ва мақолҳоро донистан ин ҳоло донистани мавриди истеъмоли онҳо намешавад. Ин кори ниҳоят муҳим дар тартиб додани фарҳанги тафсирии зарбулмасал ва мақолҳо кӯмаки бузург хоҳад расонд.

Ҷолиби диққат аст, ки гурӯҳи паремиологҳои сектори фольклоршиносии Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АФ Тоҷикистон ба ҷамъ намудани ҳикояҳои дидактикӣ, латифа, афсона ва умуман ҳикояҳои халқие, ки дар онҳо зарбулмасал ва мақолҳо кор фармуда шудаанд, шурӯъ намудаанд. Қайд кардан лозим аст, ки фольклоршинос Сангин Норматов ба гирдоварии фольклори даризабони Афғонистон машғул гардида, материали фаровоне ҷамъ намудааст. Як қисми материалҳоро афсонаҳо ташкил медиҳанд, ки дар асоси зарбулмасал ва мақолҳо тартиб ёфтаанд. Аз хулосаи ҳар як аз ин афсонаҳо зарбулмасал ё мақоле ба вуҷуд омадааст. Афсонаҳое, ки аз забони гӯяндагон айнан навишта шудаанд, барои муайян намудани мавқеъ ва мавриди истифодаи зарбулмасалу мақолҳо аҳамияти бузург доранд.

Соҳиби ин сатрҳо соли 1967 маҷмӯае ба номи «Ҳикояҳои зарбулмасал» (Нашриёти «Ирфон», Душанбе) ба чоп расонид. Гарчанде ки ин китоб бо баъзе нуқсонҳо нашр шуда бошад ҳам, худи ҳамон сол ба фурӯш рафт, ҳоло битамомноёб гашта, эҳтиёҷи аз нав тартиб додани он пайдо шуд. Муаллиф ба чопи баъзе ҳикояҳое, ки қимати илмӣ ва тарбиявӣ надоштанд, тамсилу ҳикояҳои зиёди боэътимодро дохил намуд ва кӯшиш намуд китоб сифатан хуб бошад, то ки мақбули табъи баланди хонандагони киромӣ гардад.

---

[4] «Достонҳои амсол» II, Исфаҳон, Сайидкамолиддини Муртазавиён (Форсонӣ), 1340.

# ЧАНД СУХАН ОИД БА ПАЙДОИШ, ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ЖАНРИ ТАМСИЛ ДАР АДАБИЕТИ КЛАССИКИИ ФОРСУ ТОҶИК

## I

Тамсил ё масал (басня) таърихи ниҳоят дуру дароз дорад ва ҳануз дар асрҳои VIII—VI то даврам милодӣ дар адабиёти Юнони қадим вуҷуд доштааст. Барои пайдоиш ва инкишофи он дар Юнон заминаҳои муносиб мавҷуд буд, ин заминаҳо на танҳо боиси пайдоиши тамсил, балки сабаби нашъу намо ва ба жанри мустақил табдил гаштани он ҳам шуд.

«Тамсил дар ин давра, — менависад М. Л. Гаспаров, — тамоман жанри лафзи буд. Тамсилҳо шакли устувор надоштаанд ва ҳар кас онҳоро ба таври худ нақл мекард, онҳо, албатта, ба ягон муносибати конкрет гуфта мешудаанд ва фақат ба ҳамин тариқ чун яроқи муборизаи иҷтимоӣ хидмат карда метавонистанд. Тамсил дар таркиби гуфтор чун далели сухани гуфташуда ё чун эзоҳи он истеъмол карда мешуд ва тарзи баёни он тамоман вобаста ба мавқеъ ва вазифаи калом буд. Тамсил ана ба ҳамин тариқ аз каломи лафзи ба якумин осори адабии хаттӣ мегузарад».[1]

Аввалин касе, ки дар асри VIII қабл аз милодӣ тамсилро ба адабиёти хаттии Юнон даровардааст, Гесиод мебошад. Баъд драматурги машҳури он замон Эсхил (асрҳои V—IV қабл аз милодӣ) ва дигарон тамсилро ба адабиёти даврам классикии Юнон, ки даврам тантанаи демократия буд, дохил кардан гирифтанд. Аммо дар Юнони қадим аввалин касе, ки ба тамсилгӯӣ ном баровардааст, шахси афсонавӣ ва қаҳрамони халқӣ — Эзоп аст. Тамсилҳои Эзоп ҳанӯз дар асрҳои II—I қабл аз милодӣ ба шакли маҷмӯа дароварда шудааст ва он, хушбахтона то даврам мо расидааст.

Тамсил бо мурури замон ба жанрҳои дигари адабиёти бадеии Юнони қадим аз қабили фоҷиа (трагедия), комедия ва ҳатто дар таърихнигорӣ (историография) тадриҷан ворид гардида, рӯз аз рӯз мавқеи худро мустаҳкамтар намуда, дар айни замон дар давоми асрҳои зиёд аз ҷиҳати шакл ва гоя басе сайқал ёфтааст.

---

[1] Басни Эзопа. Перевод, статьи и комментарии М. Л. Гаспарова. Изд-во «Наука», М., 1969, сах. 244.



21406

Шаклҳои гуногуни равобити як халқ бо халқи дигар ба замон ва вазъиятҳои гуногуни таърихӣ вобаста аст. Равшан аст, ки равобити бобоёни халқи тоҷик бо мардуми Юнонзамин аз қадим вуҷуд дорад. Яке аз ҳелҳои робитаҳо алоқаи маданӣ ва илмӣ аст, ки дар бораи он каме таваққуф кардан зарур аст.

Шубҳа нест, ки гузаштагони халқи тоҷик дар замонҳои қадим аз санъату адабиёти юнониён хабардор будаанд ва дар навбати худ юнониён низ аз фарҳангу адаби гузаштагони халқи тоҷик бебаҳра набудаанд. Ин шиносой, ки баъдан боиси таъсири мутақобила гардидааст, дар замонҳои давлатдории ҳахоманишиён, кишваркушоиҳои Искандари Макдунӣ (аввали асри IV—V қабл аз милодӣ) ва дар замони ҳукмронии селевкиҳо хеле равнақ ёфта хусусан дар давраи охир таъсири намоён гузоштааст. Дар ин давра таъсири юнониён ба санъат, меъморӣ, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва соҳаҳои гуногуни илм ва афкори ҷамъиятии мардуми Шарқ зиёд мегардад. Яке аз фактҳои муҳимми имконпазир гаштани равобити гуногуни он халқҳои қадим, ҷорӣ карда шудани забони юнонӣ чун забони расмии давлатӣ ва дипломатӣ буд. Дере нагузашта одамоне пайдо шуданд, ки забони юнониро нағз омӯхта, процесси шиносой ва баъд таъсири мутақобили адабиёт, илму маданияти ду халқро ба ҳам тезониданд. Рӯз аз рӯз шумораи донандагони забони юнонӣ меафзуд. Акнун пулҳо бо забони юнонӣ сикка зада мешуданд, дар сангҳои кабрҳо катибаю ёдгориҳо ба забони юнонӣ навишта мешуданд. Инчунин имкониятҳои муҳимми амалӣ пайдо шуданд, ки дар натиҷаи онҳо халқҳои қадим бо ақидаҳои динӣ, фалсафавӣ, илмӣ ва эстетикии ҳамдигар шинос гарданд. Албатта, адабиёт аз он таъсир хориҷ намондааст, ҳатто дар забони юнонӣ қисми адабиёти Шарқ пайдо шудааст, ки мутаассифона, он ба давраи мо нарасидааст.

Муқаррар намудани таъсири адабиёти як халқ ба адабиёти халқи дигар, хусусан, агар он ба давраи гузаштаи дур мутааллиқ бошад, кори ниҳоят мушкил аст.[2]

---

[2] «Сложность и зачастую спорность констатации влияний, особенно литературных, — мегӯяд П. А. Гринцер, — зависит также от того, что, как правило, нелегко установить, где мы имеем дело с заимствованием, вызванным культурными контактами, а где с типологическими параллелями, обусловленными сходными условиями развития. Поэтому так важно, с одной стороны рассматривать каждый факт литературного соответствия не изолированно, но в общей системе данной литературы, а с другой — желательно исследовать ту культурно-историческую почву, на которой могло или не могло произойти столкновение различных литературных традиций» (Две эпохи литературных связей. См.: Типология и взаимосвязи литератур древнего мира. Изд-во «Наука». Главная Редакция Восточной литературы. М., 1971, стр. 9—10).

Мо ин боби сухани худро бо гуфтаҳои ҳаққонии В. М. Массон анҷом медиҳем, ки гуфтааст: «Дар он замоне, ки равобит бо маданияти ғарб сар зада буд, дар Осиёи Миёна анъанаҳои устувори маҳаллии маданияти ба дараҷаи баланди тараққиёт расидае мавҷуд буд. Юнониҳо дар ин ҷо ҷунончи дар қисми шимолии соҳилҳои Баҳри Сиёҳ буд, ба қабилаҳои нимвахшӣ мавҷуд буданд (В. Д. Блаватский, 1964), дучор нашуда, балки ба маданияти тамоман ташаккулёфтае вохӯрданд. Аз ин ҷиҳат ҳатто баъд аз рӯй додани ҷунин ҳодисаҳои сиёсӣ, аз қабили юриши Искандари Мақдунӣ ва ташкилёфтани давлатҳои эллинӣ барои барқарор шудани таъсири юнониҳо ин анъанаҳои маҳаллӣ роли ниҳоят муҳиммеро бозиданд. Дар баробари ба ин асоси маҳаллӣ зам гардидани як қатор муваффақиятҳои фарҳанги Юнону Рим хусусан ба соҳаҳои гуногуни маданият аҳамияти калон дошт. Дар ин ҷо сухан дар бораи он чизу ҷораҳои ҷудогонаи аз хориҷ барои хонадонҳои ҳукмрон ва ашрофи маҳаллӣ оварда шуда намеравад, балки дар бораи хусусиятҳои барҷастаи санъатҳои кӯшониён меравад, ки ташаккули он бе истифода аз он комьёбиҳои олами Юнону Рим аз имкон дур буд. Робита бо маданияти Ғарб дар маданияту таърихи Осиёи Миёна нақши ниҳоят амиқ гузошт».[3]

Қобили қайд аст, ки бо мурури замон таъсири адабиёти бадеӣ ва хусусан адабиёти илмии Юнон суст нагашта, балки то рафт афзудааст. Дар замони Сомониён (асрҳои IX—X) нуфузи фалсафа ва илми юнониёни қадим дар афкори ҷамъияти халқи тоҷик аз нав афзун мегардад. Мутафаккирони мо Форобӣ (870—950), Берунӣ (973—1048), Ибни Сино (980—1037) ва дигарон ба осори фалсафавӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ ва тиббии ба забони арабӣ тарҷимашудаи Арасту (Аристотель), Афлотун (Платон), Буқрот (Гиппократ), Батлимус (Птоломей), Суқрот (Сократ), Ҷолинус (Гален), Эвринид, Геродот ва ғайра шарҳ баста, нуктаҳои нав илова карда, дониши умумибашариро пеш бурдаанд. Маълум аст, ки Форобӣ бо номи «Муаллими Сонӣ» машҳур буд, қиссаи «Саломон ва Абсол»-ро Ибни Сино бо номи «Ҳай бинни Яқзон» ба риштаи таҳрир кашидааст ва «Вомиқ ва Узро», ки Унсурӣ ба назм даровардааст, аслан юнонӣ будаанд ва дар достони Унсурӣ ба ғайр аз «Вомиқ ва Узро» номи тамоми қаҳрамонони дигари юнонӣ ва ҳатто маҳалли воқеа ҷазираи Самос нигоҳ дошта шудааст.

Минбаъд ҳам ҳаммазмунӣ ва ҳамрангии баъзе асарҳои бадеии шоиронӯ нависандагони тоҷику форс ба монанди Но-

---

[3] В. М. Массон. Археологические памятники Средней Азии и Греко-Римские влияния и связи. См.: Problemi attuldi sclenza e di cultura. Roma, 1966, стр. 352—353.

сари Хисрав, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдурахмони Ҷомӣ ва баъзе порчаҳои «Насиҳатнома»-и Кайковус, «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ, «Марзбоннома»-и Испаҳбади Марзбон, «Синдбоднома-и Заҳирӣ Самарқандӣ, «Анвори Суҳайлӣ»-и Кошифӣ ва ғайраҳо бо асарҳои бадеии Юнони қадим дида мешавад.

Акнун ба сари тамсил бармегардем. Агар тамсилҳои адабиёти бадеии классикии форсу тоҷик бо тамсил ва ҳикояҳои пандомези адабиёти бадеии Юнон аз ҷумла бо тамсилҳои Эзоп муқоиса карда шаванд, дар онҳо ду чизи ҷолиби диққат ба назар мерасад. Аввал ин ки баъзе тамсилу ҳикояҳои пандомез битамом ба ҳам монанданд ва дигар ин ки баъзе тамсилҳо аз ҷиҳати мазмун бо ҳамдигар наздиканд. Чунончи: тамсилҳои Юнонии «Человек с проседью и его любовницы» (Марди нимсол ва маъшуқаҳои он)[4] «Путник и медведь» (Ҳамсафарон ва хирс), «Лев и мышь» (Шер ва муш), «Раненый орел», (Уқоби маҷруҳ), «Собака с куском мяса» (Саг бо порчаи гушт) ва ғайра бо «Марде, ки ду зан дошт», «Зи ки нолем, ки аз мост, ки бар мост», «Саги гурусначашм»-и халқҳои форсизабон якранганд. Мо дар сарсухани ин китоб (саҳ. 5—7) дар борам айнан бо ҳам монанд будани «Раненый орел»-и драматурги Юнони қадим Эсхил ва «Зи ки нолем, ки аз мост, ки бар мост» мутафаккири бузурги адабиёти классикии форсу тоҷик Носири Хисрави Қубодиёнӣ чанд сухане гуфта будем. Илова бар ин боз ду тамсили Эзопро, ки шакли тоҷикӣ доранд, муқоиса мекунем. Тарҷимаи тамсили Юнонӣ ба забони русӣ чунин аст:

### ЧЕЛОВЕК С ПРОСЕДЬЮ И ЕГО ЛЮБОВНИЦЫ

У человека с проседью было две любовницы, одна молодая, другая старуха. Пожилой было совестно жить с человеком моложе ее, и потому всякий раз, как он к ней приходил, она выдергивала у него черные волосы. А молодая хотела скрыть, что ее любовник — старик, и вырывала у него седину. Так ощипывали его то одна, то другая, и в конце концов он остался лысым.

Так повсюду неравенство бывает пагубно.[5]

Шакли тоҷикии ин тамсил чунин аст:

### МАРДЕ, КИ ДУ ЗАН ДОШТ

Овардаанд, ки пирамарде думӯя буд, дуто занро ба хиболаи никоҳи худ даровард. Яке аз онон мисли ӯ солхӯр-

[4] Тамсилҳои Эзоп дар тарҷимаи ба забони русиаш оварда мешавад.
[5] Басни Эзопа. Изд-во «Наука», М., 1968, стр. 72—73.

ла буд ва дигаре навчавон, ки ҳамчу духтари пирамард ба назар омадӣ.

Ҳар ду зан билиттифоқ маросими такрим ва таъзимаш ба ҷо меовper, магар ҳангоми шона задан дар риши шавҳар иродаи яке мухолифи дигаре буд. Пирзан мӯи сиёҳи риши ӯ баркандӣ ва зани ҷавон мӯи сафедро истисол намудӣ. Пас дар муддати қалил дар риши марди бечора мӯе боқӣ намонда.

Хулоса: Дар хидмати ду ҳарифи мухолиф пардохтан холӣ аз мазаррат-гунае нахоҳад буд.[6]

Ин ҳикоят дар «Анвори Суҳайлӣ» аз тарафи Кошифӣ ин навъ таҳрир ёфтааст:

Овардаанд, ки шахсе ду аврат дошт: яке пиру дигар ҷавон ва худ думӯӣ буд. Ва ҳар ду авратро дӯст медошт. Шаборӯзӣ дар хонаи ҳар як будӣ. Ва одат карда буд, ки чун ба хона даромадӣ, сар дар канори зан ниҳодӣ ва хоб рафтӣ.

Рӯзе ба хонаи зол даромад ва ба ҳукми одат сар дар канори ӯ ниҳода дар хоб шуд. Зол дар рую мӯи вай нигарист ва бо худ гуфт: «Ҳеҷ беҳ аз он нест, ки дар маҳосини ин шахс чанде мӯи сиёҳ аст, барканам, то риши ӯ тамом сафед намояд, ва он зани ҷавонро бад-ӯ рағбат намонад. Ва чун аз он рағбате набинад ва нафрате ва малоле фаҳм кунад, оташи муҳаббати вай низ илтифоъ ёфта, дил аз ӯ бардорад ва ба куллӣ бо ман бипардозад». Пас он қадар ки тавонист, мӯи сиёҳ аз риши ӯ барканд. **«Барканда беҳ он риш, ки дар дасти занон аст».**

Рӯзи дигар он шахс ба хонаи зани ҷавон шуд ва ба тарики маъмул сар бар канори ӯ ниҳода дар хоб шуд. Зани ҷавон дар маҳосини ӯ чанде мӯи сафед дид. Бо худ андешид, ки ин мӯйҳои сафедро барбояд канд, то тамоми риши ӯ сиёҳ намояд. Ва чун худро сиёҳмӯй бинад, ҳароина аз сӯҳбати пиразан мутанаффир гашта, ба ман рогиб гардад. Пас ӯ низ он микдор, ки муқтазои вақт буд, аз мӯйҳои сафед барканд. Чун бар ин чанд вақт бигузашт, рӯзе он шахс даст ба маҳосини худ фуруд овард, дид, ки мӯе бар ҷо намонда ва хирмани риш битамом бод бурда. Фарьёд бикашид ва ҳеҷ ҷо нарасид.[7]

Ин мазмунро Жан Лафонтен низ аз рӯи ақидаи худ ба таҳрир даровардааст. Мо онро ба забони русӣ дар тарҷимаи О. Чюмина меоварем.

---

[6] Ҳикоёти дилписанд. Таҳрири Ғуломмуҳаммади Маҳдӣ мутахаллис ба Восиф, чопи сангии Нувал Кишур, соли 1879/1880, саҳ. 35.

[7] Анвори Суҳайлӣ. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Чопи сангии Калкатта, 1885, саҳ. 372—374.

## МУЖЧИНА СРЕДНИХ ЛЕТ И ЕГО ДВЕ ВОЗЛЮБЛЕННЫЕ

(L'Homme entre deux âges, et ses deux Maîtresses).
Мужчина средних лет, заметив седину,
Которая в кудрях его блистала,
Решил, что для него избрать себе жену
Теперь как раз пора настала.
Он был владельцем капитала,
А потому
Мог выбирать: понравиться ему
Желали все. Он не спешит однако:
Ведь дело здесь касалось брака.

Две вдовушки приобрели права
Над сердцем зрелого поклонника и чувством
Была моложе первая вдова,
Но старшая была одарена искусством
Восстановлять успешно то,
Что было у неё природой отнято.

И обе вдовушки исправно,
Среди веселья, смеха и услад,
Его на свой причесывали лад,
И голову при том намыливали славно.

Меж тем как старшая из них по волоску,
Своих корыстных целей ради,
Все темные выдергивала пряди,
Другая седину щипала бедняку.

Жених, оставшись лыс, заметил эту штуку
— Спасибо, — молвил он, — красотки, за науку.
Пусть вами я ощипан наголо,
Зато в другом мне повезло:

О свадьбе мы отложим попеченье.
Которую б из вас ни выбрал я женой —
Она по-своему вертеть захочет мной.
Ценой волос купил я избавленье,
И голове плешивой в прок
Пойдет, красотки, ваш урок!*

Байни навишта шудани тамсил ва таҳриру тарҷимааш зиёда аз ду ҳазор сол фарқ бошад ҳам, он аз ҷиҳати мазмун дигар нашуда, танҳо аз ҷиҳати шакл сайқал ёфта, ба қонуну қоидаи каломи бадеии давра ва ақидаи замон мувофиқ кунонида шудааст. Фарқи ҷузъии ин ду тамсил дар он аст, ки дар шакли тоҷикӣ-форсиаш ба ҷои «любовницы» ду зани «ба ҳиболаи никоҳи худ» даровардa гуфта шудааст. Дигар хел шуданаш ҳам мумкин набуд, зеро ки аз рӯи қоидаи шариати мусулмонӣ мард танҳо ба зане, ки ба ақди никоҳи худ даровардааст, метавонад маҳрам бошад.

* Басни Лафонтена. Полное собрание (в двух томах). Т. 1. СПб., 1901, стр. 40, 41.

Фарқи дигар дар он аст, ки дар хулосаи тамсили юнонӣ «так повсюду неравенство бывает пагубно» гуфта шуда бошад, дар таҳрири тоҷикиаш «дар хидмати ду ҳарифи мухолиф пардохтан холӣ аз мазаррат-гунае нахоҳад буд» ва дар охир дар таҳрири Воизи Қошифӣ натиҷаи бади дар зери итоати занон будани баъзе мардон бо мақоли «Барканда беҳ он риш, ки дар дасти занон аст» маҳкум карда шудааст. Ҳар сеи ин хулоса зеби ин тамсил аст. Ба онҳо эрод гирифтан нашояд, чунки ин мушоҳидаи се каси даврап гуногун аст, ки ба ин воқиа ақидаи худ ва замонашонро баён намудаанд. Варианти Лафонтен бошад аз аслаш хеле дур буда, ба он танҳо аз рӯи сюжет қаробат дораду халос.

Боз як тамсили дигари Эзоп:

### СОБАКА С КУСКОМ МЯСА

Собака с куском мяса в зубах перебиралась через речку и увидела в воде свое отражение. Она решила, что это другая собака с куском побольше, бросила свое мясо и кинулась отбивать чужое. Так и осталась она без того и без другого: одного не нашла, потому что его и не было, другое потеряла, потому что его унесла вода.[9]

Ин мазмунро Абдураҳмони Ҷомӣ чунин ба назм даровардааст:

### САГИ ҶАШМГУРУСНА

Сагаке мешуд устухон ба даҳон.
Карда раҳ бар канори оби равон,
Баски он об софу равшан буд,
Акси он устухон дар об намуд
Бурд бечора саг гумон, ки магар
Ҳаст дар об устухони дигар.
Лаб чу бикшод сӯи ӯ баштоб,
Устухон аз даҳон фитод дар об.
Нестро ҳастие таваҳҳум кард,
Баҳри он нест ҳастро гум кард.[10]

Таҳрири Восифӣ — чунин аст:

### ҲИКОЯТИ САГ ВА СОЯАШ

Овардаанд, ки саге пораи гӯшт дар даҳон гирифта аз болои дарьёе убур мекард, акси худро дар об дид ва пиндошт, ки саге дигар аст, ки порчаи гӯшт дар даҳон дорад. Саги нопухтамағз аз тамаи хом хост, ки аз саги ди-

---

[9] Ҳамон асар, саҳ. 102.
[10] Маснавии «Ҳафт авранг», ба тасҳеҳ ва муқаддимаи оқои Муртазо, Теҳрон, 1337, саҳ. 91.

гар он гўштпораро даррабояд ва ҳаргиз надонист, ки он чи дар об мебинад, акси худаш аст. Алҳосил бар вай ҳамла овард ва гўште, ки дар даҳани худ дошт, гум кард.

Хулоса: Арбоби тамаъ дар талаби моли бисьёр матои худро барбод медиҳанд.[11]

Акнун ҳамин тамсилро дар таҳрири Лафонтен дар тарҷимаи русиаш (тарҷимаи А. Зарин) меоварем:

### СОБАКА И ЕЕ ТЕНЬ

(Le Chien qui lache sa proie pour lombre).

Как часто мы людей встречаем здесь и там,
Отдавшихся корыстному влеченью,

Которые бегут за тенью,
Мечтая, что бегут за счастьем по следам.

Чтоб глупость их яснее показать,
Им надо басню рассказать.

С добычею в зубах, Собака увидала
В реке изображение свое.

Напала жадность на нее
И, бросив свой кусок, она взять пожелала

И тот, что речка отражала.
И что ж? В реке она едва не захлебнулась:
Когда ж назад вернулась,

И брошенной добычи не нашла:
Ее вода снесла.[12]

Аз муқоисаи ин чаҳор шакли тамсил ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо ҳам аз ҷиҳати сюжет ва ҳам аз ҷиҳати мазмун, ҳатто аз рўи хулоса ҳам ба якдигар хеле монанданд.

Дар маҷмўаи тамсилҳои Эзоп боз бисьёр тамсилҳое ҳастанд, ки онҳо аз ҷиҳати мазмун ба мазмуни зарбулмасал ва мақолҳои забони адабии форсу тоҷик баробар меоянд, ба назар чунин мерасад, ки аз тамсилҳои юнонӣ танҳо хулосаашон ба мо расида бошад.

Мисол меоварем:

### ПОТЕРПЕВШИЙ КОРАБЛЕКРУШЕНИЕ

Один богатый афинянин вместе с другими плыл по морю. Поднялась страшная буря, и корабль перевернулся. Все остальные пустились вплавь, и только афинянин без конца взывал к Афине, обещая ей бесчисленные жертвы за

---

[11] Ҳикоёти дилписанд, саҳ. 3.
[12] Ҳамон асар, саҳ. 281.

свое спасение. Тогда один из товарищей по несчастью, проплывая мимо, сказал ему: «Афине молись, да и сам шевелись».

Так и нам следует не только молиться богам, но и самим о себе заботиться.[13]

Хулосаи тамсили Эзоп зарбулмасали халқии тоҷикон «Ба умеди худо нашаву буттаро маҳкам дор»-ро ба хотир меоварад. Мазмуни даҳриёнаи ин зарбулмасал, яъне, «шубҳа овардан ба қудрати худо» бебаҳс аст. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ин тамсил тарҷима нашудааст ва дар адабиёти бадеӣ истеъмол нагардидааст.

Албатта хатман ин зарбулмасали тоҷикиро бо тамсили Эзоп алоқадор пиндоштан амри маҳол буда онро эҷоди танҳо халқи тоҷик гуфтан ҳам мумкин нест. Вале ба он чиз шубҳа нест, ки мазмун яке аз мазмунҳои «байналхалқӣ» аст. Аз ин рӯ гумон меравад, ки барои байналхалқӣ шудани он мазмун шояд ин тамсил сабаб шуда бошад.

## II

Дар гузаштаи дур халқи тоҷику форс на танҳо бо халқҳои Юнон балки бо яке аз халқҳои қадими ба худ хеш мардуми Ҳиндустон низ равобити пурсамари иқтисодӣ, маданӣ, илмӣ ва адабӣ дошт, ки он дар ташаккули афкори ҷамъиятии аҳли илму маданият ва санъати форсҳову тоҷикон роли муҳим бозидааст. Ойд ба мавзӯи тамсил пеш аз ҳама аҳамияти хеле бузурги «Панчатантра»-ро гӯшзад кардан зарур аст. Таъсири ин асари ҷаҳоншумул аз тарафи В. Иванов чунин қайд шудааст: «Кам китобе ёфт мешавад, ки ба адабиёти тамсилии ҷаҳон чун маҷмӯаи ҳикоёт ва тамсилоти «Панчатантра», ки дар асри якуми милодӣ дар Ҳиндустон навишта шудааст, чунин таъсири иқтоят муҳимме расонида бошад».[14] Ин фикри Ивановро бо фактҳо тасдиқ кардан мумкин аст. Қайд шуда буд, ки «Панчатантра» дар асри VI милодӣ бо номи «Калила ва Димна» ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) гардонида шуда, баъдтар ба забони сурьёнӣ (тахминан соли 570) ва баъд забони арабӣ (тахминан соли 750) тарҷима шудааст. Устод Рӯдакӣ онро аз рӯи тарҷимаи арабӣ ва ё таҳрири паҳлавияш ба риштаи назм кашида буд. Ин китоб инчунин аз тарҷимаи арабияш соли 1081 ба забони юнонӣ бо номи «Стефанит ва Ихнилат» тарҷима шудааст, ки аз он дар асри XVI ба забони италиянӣ ва аз италиянӣ ба забонҳои французӣ ва англисӣ тарҷима шудааст. То ҳоло ин асари пурқимат зиёда аз 200 маротиба ба

[13] Ҳамон асар, саҳ. 72.

[14] В. В. Иванов. Панчатантра. Ниг. «Панчатантра». Изд-во АН СССР, М., 1958, саҳ. 307.

60 забони гуногун тарҷима шудааст. Аз тарҷимаи асосгузори назми форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки аз он ба мо танҳо мисраъҳои ҷудогона расидаанд,[15] маълум мешавад, ки бо санъати бадеӣ ниҳоят баланд тарҷима карда шудааст ва ин ҳодисаи фавкуллода дар навбати худ ба ташаккули як катор жанрҳои бадеӣ сабаб шудааст.

«Панчатантра», ки яке аз шоҳасарҳои адабиёти бадеии ҷаҳон аст, бе заминаву шароитҳои муайяне ба вуҷуд наёмадааст. Пайдоиши ин асарро ба замони Гупта, ки он даврай нашъунамои адабиёту санъати Ҳиндустони қадим аст, тахмин мекунанд. В. В. Иванов дар бораи таърихи пайдоиши ин асар чунин менависад: «... мустакил факат дар ҳазораи якуми солшумории мо ба майдон баромада бошад ҳам, аммо ҳикояҳои алоҳидае, ки ба ин маҷмӯа даромадаанд, ба замонҳои хеле пеш мансуб донистан мумкин аст. Баъзе масалҳо, ки аз ҷонварон баҳс мекунад, эҳтимол дорад, ки аз мероси адабии кадимтарини аҳолии орьёни Ҳиндустон сар зада бошанд».[16]

«Панчатантра»-ро китоби афсона ва ё асари иборат аз тамсилҳо гуфтан нашояд. Ин асар аз ҷиҳати сохт мураккаб аст. Дар он ҳам тамсил, ҳам ҳикояҳои пандомез, ҳам новелла, ҳам афсона ва ҳам латифаҳо мавҷуданд. Хусусан он ҳикояҳо қобили диккатанд, ки дар навишта шудани онҳо равияи нав пеш гирифта шудааст, ки он бо мурури замон яке аз аъзои ҳатмии асарҳои бадеӣ гаштааст.

Мо дар ин ҷо равияи «аз як ҳикоя сар задани ҳикояи дигар ва аз он боз ҳикояи дигар»-ро дар назар дорем, ки он акнун бо номи «ҳикоя андар ҳикоя» машҳур шудааст. Намунаи хуби такмильёфтаи ин равияро дар «Тӯтинома»-и Зиёуддини Нахшабӣ ва «Ҳазору як шаб» ва ғайраҳо дидан мумкин аст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки «Панчатантра — Калила ва Димна» бо шеърҳои гуногуне, ки ба накли воқеае алока доранд, ороста шудаанд, ки ин равияро ҳозир ҳам дар насру назми тоҷикӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Қайд шуда буд, ки вазифаи матнии ин шеърҳо ва шеърҳои иктибосшуда гуногунанд.[17] Онҳо гоҳо барои оғози накл ё чун рукни асосии ҳикоя, ё барои тасдики ягон фикри заруръ ва ё чун хулосаи ҳикоя истеъмол шудаанд. Агар «Калила ва Димна»-и Насруллоҳи Абулмаолӣ ва «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайни Воизи Кошифӣ бо оригиналаш — «Панча-

---

[15] Ниг. Рудаки. Стихи. Редакция и комментарии И. С. Брагинского. Изд-во «Наука», М., 1964, стр. 208—354.
[16] «Панчатантра», стр. 314.
[17] Ниг.: ба сах 3—4 ҳамин китоб.

тантра» муқоиса карда шаванд (ба фикри мо муқоиса карда шудани онҳо аҳамияти ниҳоят калони илмӣ дорад), маълум мешавад, ки мутарҷимони «Панчатантра» барои тароват ва обу ранг додан ба ҳикояҳо беҳтарин байту мисраъҳои шоирони давраи гузаштаро иқтибос карда, ба асари худ «ҷомаи ҳамазеби миллӣ» пӯшонида, ин равияро (хусусан Кошифӣ) боз ба дараҷаи олитар баровардаанд.

Акнун лозим меояд, ки якчанд сухан дар бораи муносибати тамсилҳои қадими адабиёти бадеии Юнон бо тамсилҳои Ҳинд гуфта шавад. Агар тамсилҳои ин ду сарзамин бо ҳамдигар муқоиса карда шаванд, на танҳо умумияти онҳо, балки фарқияташон низ ба назар мерасад. Баъзе аз олимон гумон кардаанд, ки сюжети тамсилҳои ҳиндӣ аз тамсилҳои юнонӣ ва баъзеҳо баръакс гумон кардаанд, ки сюжети тамсилҳои юнонӣ аз сюжети тамсилҳои ҳиндӣ гирифта шудааст. Албатта, қаробати сюжети тамсилҳои халқҳои гуногун ҳодисаи ҷолиби диққат аст, вале ин ҳанӯз далели асосии аз як забон ба забони дигар гузаштани онҳо шуда наметавонад. Барои ҳукми қатъӣ дода тавонистан ба тааллуқи ин ё он тамсил ба як халқ муҳити иҷтимоӣ, дараҷаи тараққии тафаккури одамон ва инкишофи илму маданияти давраи пайдоиши онҳоро бояд муқаррар намуд, яъне, барои пайдо шудани ягон жанри адабиёти бадеӣ заминае лозим аст, ки онро ба вуҷуд меоварад, мепарварад ва ба камол мерасонад, муҳайё бошад, вагарна пайдо шудани он амри маҳол аст. Ба ғайр аз ин барои ба вуҷуд омадани ягон жанри адабиёти бадеӣ, масалан: жанри тамсил эҳтиёҷи куллӣ бояд мавҷуд бошад. Махсусан тамсил, ки барои маҳкум кардани ҳаракати носазовор, сарзаниши одамони бад, насиҳати одамони хомтабиат, мубориза бо душманони берунӣ ва дарунӣ хеле мувофиқ аст, эҳтиёҷи халқ ҳамеша мавҷуд аст.

Сухан агар маҳз дар бораи «аввалӣ будани» тамсилҳо дар Юнон ва ё Ҳиндустон равад, дар ин бора як фикри қатъӣ гуфтан ҳоло аз имкон берун аст, зеро ки ҳар дуи он сарзамин аз қадим соҳиби маданияту санъат ва илму ҳунари баланд мебошад. Гарчанде, ки пайдоиш ва инкишофи онҳо дар Ҳиндустон нисбат ба Юнон муқаддамтар бошад ҳам, жанри тамсил аз Ҳиндустон ба Юнон гузаштааст, гуфтан бе асос аст. Мумкин аст, ки пайдоиши жанри тамсил дар он сарзаминҳо бе таъсири якдигар ба амал омада бошад. Албатта, тамсил пеш аз ҳама дар байни халқ пайдо мешавад, халқ эҷодкори он аст. Ин тамсилҳо бо мурури замон, яъне, пас аз пайдо шудани адабиёти хаттӣ ба он даромада, як узви ҷудонашавандаи адабиёти хаттӣ гардида, минбаъд инкишоф ва сайқал меёбанд. Аз ин ҷост,

ки ҳаққонӣ муқаррар намудани таъсири «беруна» барои муҳаққиқ кори на чандон осон аст.

Яке аз роҳҳои муқаррар намудани «аввалӣ будани» тамсили забони китобатии ягон халқ ин худи тамсилҳо мебошанд, ки дар муқоиса бо тамсили забони хаттии халқи дигар муқаррар карда мешавад. Масалан тамсили Эзоп «Деҳқон ва мор»-ро бо «Бараҳман, писараш ва мор» муқоиса мекунем.

Инак тамсили Эзоп дар тарҷимаи русиаш:

## КРЕСТЬЯНИН И ЗМЕЯ

Змея подползла к сыну крестьянина и ужалила его насмерть. Крестьянин, не помня себя от горя, схватил топор и засел возле ее норы, чтобы убить ее сразу, едва она покажется. Выглянула змея, и ударил он топором, но по змее не попал, а расколол возле норы камень. Однако потом стало ему страшно, и стал он просить змею помириться с ним. «Нет, — ответила змея, — ни я не могу тебе добра желать, глядя на трещину в камне, ни ты мне — глядя на могилу сына.

Басня показывает, что на почве сильной вражды нелегким бывает примирение.[18]

Ҳамин тамсил аз «Панчатантра»:

Жил в одном городе некий брахман, проводивший время в бесплодных занятиях земледелием. Однажды в конце жаркого времени года, измученный зноем, он лег спать в тени дерева посреди своего поля. И видя, как недалеко от него под муравейником страшный змей протягивает свой большой вздутый капюшон, он подумал: «Наверное, я ни разу не почтил это божество поля. Вот и не приносит мне плодов занятие земледелием. Поэтому я окажу ему почет». Подумав так, он попросил в одном месте молоко, налил его в тарелку, подошел к муравейнику и сказал: «О, хранитель поля! Все это время я не знал, что ты живешь и поэтому не оказывал тебе почета. Будь же теперь милостив». Сказав это и предложив ему молока, он пошел домой. И когда, придя утром, он поглядел на то место, то увидел на тарелке один динар. Так он приходил туда каждый день, давал змею молоко и получал по одному динару.

И однажды брахман поручил сыну нести к муравейнику молоко, а сам отправился в деревню. Мальчик принес туда молоко, а поставил его и вернулся домой. Когда же на следующий день он пришел туда и увидел один динар, то подумал: «Несомненно, этот муравейник наполнен динарами.

[18] Басни Эзопа, саҳ. 78.

Поэтому я убью змея и все возьму себе». Решив так и принеся на следующий день молоко, сын брахмана ударил змея дубинкой по голове. А тот, еле оставшись в живых по воле судьбы, разгневавшись, так укусил его своими остроконечными зубами, что он сразу отошел в небытие. Тогда родственники умершего сложили груду поленьев недалеко от поля. На второй день вернулся его отец. Узнав от родственников о причине смерти сына и поразмыслив об этом, он сказал:

«Кто с ищущим убежища жестоко обращается,
Теряет тот свое добро, как гуси в Латоском пруду».

Люди спросили: «Кто это? Брахман рассказал...

Поэтому я и говорю: «Кто с ищущим убежища...» И сказав это, брахман снова взял на рассвете молоко, пошел туда и, чтобы вызвать доверие змея, сказал: «По собственной вине отошел мой сын в небытие». Тогда змей ответил: «Гляди: пылает вот костер...».[19]

Ин аст тасвири як вокиа дар ду забон, дар ду замон ва дар ду макони гуногун. Шубҳае нест, ки мазмуни ин тамсилҳо ба ҳамдигар монандаст. Фарқ фақат дар сюжети онҳо мушоҳида мешавад. Фарқияти ин ду тамсил иборат аз инҳост:

1. Тамсили юнонӣ содда, схематикӣ, яъне, дар як қолиби муайян иншо гардида, илова бар ин бе ҳеч тасвири бадеӣ, бо услуби «паст» навишта шудааст. Тамсили ҳиндӣ бошад аз ҷиҳати сохт мураккаб, бе ҳеч маҳдудият, бо доманаи фароҳ навишта шудааст.

2. Тамсили юнонӣ бо шакли қадимааш дар Европа машҳуру маъмул гашта, то ба имрӯз ба ин шакл расидааст. Тамсили санскритӣ бошад, битамом дигар буда, танҳо аз сабаби ҳайвонҳо будани персонажи он ба тамсил шабоҳат пайдо мекунад.

3. Тамсили ҳиндӣ аксаран ҳикоямонанд мебошад ва ҳатто аз ҳикоя ҳикояи дигар сар зада, дорои тамоми хусусияти лозимии ҳикоя мешавад.

4. Дар тамсилҳои юнонӣ мақсади асосии тасвири ягон воқиа ба сари ягон мақсад овардани хонандагон аст ва хулосаи он рукни асосиест, ки диққати хонанда ҳатман ба он ҷалб карда мешавад, ки бе он хулоса тамсил шуданаш ҳам мумкин нест. Дар тамсилҳои ҳиндуӣ бошад, на хулосаи тамсил, балки худи он ҳикоя мақсади асосӣ аст, ки хонанда аз он бояд мазмун бардошта, худ бо ягон хулоса ояд ва ё ибрате ба худ гирад.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тамсилҳои юнонӣ ва ҳиндӣ тамсилҳои гуногун буда, дар

---

[19] «Панчатантра», саҳ. 217—219.

даврахои гуногун, шароити мухталиф ва дарачахои гуногуни инкишофи илму маданият ва шароити гуногуни ичтимоӣ бе воситаи якдигар яъне, мустакилона ба вучуд омада, бо рохи махсуси худ инкишоф ёфта, ба камол расидаанд. Сабаби як хел будани мазмуни баъзе тамсилхо ин натичаи як хел будани шароити пайдоиши тамсилхо ва баъд натичаи равобити гуногуни халкхо мебошад. Ягон жанри адабиёти бадей нест, ки он дар давоми солхои зиёди ташаккули худ аз адабиёти халкхои дигар битамом чудо, дар як махдудият, бе таъсири адабиётхои дигар сайкал ёфта, ба камол расида бошад. Хусусан жанри тамсил, ки аз рӯи табиати худ хамазебу хамамувофик аст ва дар «забт» кардани кишвару мамлакатхои дуньё машхур гардида аст.

## III

Нашриёти Давлатии Точикистон соли 1964 «Ишки шер» ном мунтахаби тамсилхои тартибдодаи Х. Зохидов — корманди илмии Институти забон ва адабиёти АФ Точикистонро дастраси хонандагон намуд. Х. Зохидов дар сарсухани ин мачмӯа кайд намудааст, ки «Материали ин мачмӯа аз «Хикоёти дилписанд» ном китоби Мухаммад Махдӣ (мутахаллис ба Восиф), ки худ онро аз забони юнонӣ тарчима кардааст, гирифта шуд». Албатта, ин факти таърихии хеле мухим диккати моро дархол ба худ чалб намуд. Маълум мешавад, ки иштибохе рӯй додааст. Дар «Дебоча»-и ин китоб кайд шудааст, ки «Мани хечдони жӯлидабаён Ғуломмухаммади Махдӣ мутахаллис ба Восиф аз забони ахли Фаранг ба лисони ахли Ачам даровардам».

> «Ин нусха, ки аз мутолиааш максад аст панд,
> Номида шуд ба номи «Хикоёти дилписанд».

Ғайр аз ин Восиф бори дигар дар «Хотимаи баъди тарчима» навиштааст, ки «асари хикоёт нусхае, ки худи онро доноёни Фаранг барои ифодаи кавм аз лисони юнонӣ тарчима карда, дар хама мадориси худ ривоч додаанд».[20] Албатта, «забони ахли Фаранг» забони ахли Юнон набуда, забони франсавӣ ва ё хеч набошад забони англисӣ ва ё немисист. Пас «Хикоёти дилписанд» аз яке забонхои аврупоӣ тарчима шудааст. Маълум мешавад, ки ин масъала аз диккати Зохидов берун мондааст.

Чунин бедиккатӣ дар «Собрание рукописей АН УзССР» (ч. VI, сах. 365) дар шархи дастнависи «Хикоёти дилписанд» низ рӯй додааст. Кайд шудааст, ки «Сочинение на-

[20] Хикоёти дилписанд, сах. 6, 96.

писано на основе европейский источников». Ин дуруст нест. Дар боло қайд шуда буд, ки «Ҳикоёт» аз кадом як маҷмӯаи тамсилҳои барои бачагон таҳриршуда, «аз забони аҳли Фаранг ба лисони аҳли Аҷам» тарҷима карда шудааст. Пас, Восиф муаллифи «Ҳикоёт» не, балки тарҷимони он мебошад. Боз қайд шудааст, ки «Он содержит 224 анекдота и басни, изложенные в прозе, заимствованные у Эзопа и др». Ин низ шубҳаовар аст. Дуруст аст, ки маҷмӯа аз тамсилҳои якчанд тамсилнависон, аз ҷумла Эзоп, Лафонтен, Крылов интихобан тартиб дода шудааст, на ин ки аз онҳо иқтибос «заимствованные») бошад. Дигар он ки шарҳдиҳанда, шояд қаҳрамони як миқдор тамсилҳои «Ҳикоёти дилписанд», ки ҳайвонот нестанд, онҳоро ба қатори латифа (анекдот) даровардa бошад. Персонажи тамсилҳо шарт нест, ки ҳатман ҳайвонот бошанд. Дар маҷмӯаи тамсилҳои Эзоп, Лафонтен, А. Сумароков, И. Крылов бисьёр тамсилҳое ҳастанд, ки қаҳрамонҳои онҳо одамон мебошанд. Мисол аз Эзоп меоварем:

### ҲИКОЯТИ ЗУҒОЛФУРӮШ ВА ГОЗУР—УГОЛЬЩИК И СУКНОВАЛ

Овардаанд, ки зуғолфурӯш гозуреро гуфт, ки ту агар дар хонаи ман сукунат варзӣ, хушвақт хоҳам шуд.

Гозур ҷавоб дод, ки аз ин лутфу карами ту мамнуни эҳсон шудам, валекин иқомати ман бо ту холӣ аз заҳмат нахоҳад буд, зеро ки ҳар ҷомаеро, ки пок кунам, ту онро сиёҳ хоҳӣ кард.

Хулоса: Одамиро бояд ки дар ихтиёр кардани сӯҳбати дӯстон ва ҳамнишинон лиҳози кирдор ва сиришти инсон ба воҷибӣ намояд.[21]

Мисоли дигар аз Крылов:

### ҲИКОЯТИ ҚӮДАК ВА МОР — МАЛЬЧИК И ЗМЕЯ

Овардаанд, ки кӯдаке мормоҳиро дар об меҷуст. Иттифоқан дасташ бар мор афтод. Мор донист, ки ин ҳаракат бекина ва беирода воқеъ шуда. Афъӣ аз хатои кӯдак ӯро насиҳат кард ва гуфт:

— То ин ки тандуруст бошӣ, худро аз ман барӣ дор, чаро ки агар бо ман тақарруб ҷӯӣ, пушаймон хоҳӣ шуд.

Хулоса: дар миёни ато ва амд имтиёз кардан амрест мақрун ба савоб.[22]

---

[21] Ҳикоёти дилписанд, саҳ. 14—15.
[22] И. А. Крылов. Басни. Гослитиздат, М., 1951, стр. 22.

Бешубҳа аст, ки ҳар дуи мисоли овардашуда ҳам аз «Сочихати мазмун ва ҳам аз рӯи сохташон чуноне ки дар «Собрание рукописей АН Узб. ССР» қайд шудааст, «латифа» кабуда, балки тамсил мебошанд.

Мо дар боран тартибдиҳандаи ин маҷмӯа ба ғайр аз он маълумоти хеле хурде, ки дар «Дебоча», «Хотимаи баъди тарҷима» ва «Хотима-ут-табъ»-и китоб, ки зикр шудаанд, дигар чизе ба даст даровардан натавонистем. Ношир қайд мекунад, ки «Маҳдии Восифи маҳрум мутаваттини балдаи фархундаи Ҳайдарободи Дакан» аст. Агар маҷмӯа соли 1279 х. — 1879/1880 м. ба табъ расонида шуда бошад, маълум мегардад, ки Восиф чанде пештар аз нашри «Ҳикоёти дилписанд» аз ҳаёт чашм пӯшидааст, яъне фавти ӯро қабл аз соли 1880 гумон кардан мумкин аст.

Аз муқоисаи «Ҳикоёти дилписанд» бо тамсилҳои юнонӣ, дурустараш бо тамсилҳои Эзоп, маълум мешавад, ки дар ҳақиқат аксари тамсилҳои «Ҳикоёти дилписанд» «аз лисони юнонӣ тарҷима» шуда будааст. Восиф дуруст қайд мекунад, ки аксари он тамсилҳо тамсилҳои юнониянд, аммо қайд накардааст, ки боқии дигари онҳо тарҷимаи тамсилҳои тамсилнависони машҳури ҷаҳон Жан Лафонтен, Иван Крылов ва дигарон мебошад. Дар «Ҳикоёти дилписанд»-и Восиф 224 тамсил оварда шудааст, характери тарҷимаҳо ҷолиби диққатанд.

Аввалин тамсили қайдшуда тамсили «Le coq et la Perle «Петух и Жемчужное Зерно»-и Жан Лафотен мебошад, ки онро И. Крылов ба забони русӣ тарҷима кардааст, мо онро меоварем.

Навозную кучу разрывая,
Петух нашел Жемчужное Зерно
И говорит: «Куда оно?
Какая вещь пустая.

Не глупо ль, что его высоко так ценят?
А я бы, право, был гораздо боле рад
Зерну ячменному: оно не столь хоть видно,
Да сытно».

Невежи судят точно так:
В чем толку не поймут, то все у них пустяк».[38]

Тарҷимааш:

Овардаанд, ки хурӯсе хоки гулхаиро зеру забар мекард. Ногоҳ гавҳари гаронмоя аз он ҷо падид омад. Хурӯс хурӯш бардошт, ки ин гавҳар аз баҳри ҷавҳарӣ ғаниматест азим, аммо дар ҳаққи ман як донаи биринҷ бар амсоли чунин ашьёи муҳаққар ба ҳазор дараҷа фавқият ва руҷҳон дорад.

---

[38] И. А. Крылов. Басни, стр. 48.

Хулоса: Махлук хар гох чизеро ихтиёр кунанд, аксар бар нафъи сардасти он нигох кунанд ва ба хубй ва нафосати ашьё кор надоранд.[24]

Азбаски ин тарчима «шӯрбои шӯрбо» яъне, «тарчимаи тарчима» аст, гуфтан мушкил аст, ки баъзе нуқсонҳо, ки дар тарчима рӯй додааст, айби кадом тарчимон бошад. Хусусан хулосаи муаллифи тамсил ва тарчимааш аз асли мақсади тамсил дур рафтааст. Агар дар асли тамсил он чохилоне, ки қадру қимати чизи хубро дарк карда натавониста, онро беахамият эълон мекунанд, сарзаниш карда шаванд, дар тарчима хулоса баровардя мешавад, ки махлук яъне, бандаи худо бештар ба он чизе, ки нафъ аз он зёя аст, майл карда, ба «хубй ва нафосати ашьё кор надоранд».

Тарчимаи русии тамсили «Осел и волк»-и Эзоп:

Осел пасся на лугу и вдруг увидел, что на него бежит волк. Осел притворился, что хромает. Когда волк приблизился и спросил, почему это он хромает, осел ответил: «Скакал через плетень и занозился колючкой». И попросил волка сперва вытащить колючку, а потом уж его съесть, чтобы не уколоться. Поверил волк. Задрал осел ногу, и стал волк старательно разглядывать его копыто, а осел как ударил его копытом прямо в пасть, так и вышиб ему все зубы. Мучаясь от боли, промолвил волк: «Поделом мне. Отец меня вырастил мясником — не к лицу мне делаться лекарем.

Так и люди, которые берутся за не свойственное им занятие, поделом попадают в беду.[25]

Тарчимаи точикиаш:

«Овардаанд, ки хареро хор дар пой шикаста буд, чарроҳи чобукдаст дар ин чо ёфт нашуд. Лочарам хар ба гург ручӯъ овард: гуфт: «Агар бифармой хорро бо нештари дандони худ барорам. Хар ичозат дод, чун хор аз пояш баромад, хар аз бадмаишии гург мутанаббеҳ шуда, бар сари ӯ аз пои дигар чунон зад, ки сари пурсавдояш ба дард омад. Пас, хар ба сурати харчи тамом роҳи фирор пеш гирифт.

Хулоса: Чоҳканро чоҳ дар пеш масалест машҳур».[26]

Маълум аст, ки сюжети ин ду тарчима аз ҳамдигар дуранд, шояд тарчимаи французияш аз ягон таҳрири дигари ин масал бошад ва ё мумкин аст, ки Восиф аз рӯи ақидаи худ чунон тарчима карда бошад, ки дар натича аз аслаш хеле дур шуда бошад. Ин қабил тарчимаҳо дар «Ҳикоёти дилписанд» бисьёранд. Сабаби рӯй додани чунин вазъ эҳтимол аз майли «точикӣ-форсӣ» кунонида шудани тамсил-

[24] Ҳикоёти дилписанд, сах. 3.
[25] Басни Эзопа, стр. 118.
[26] Ҳикоёти дилписанд, сах. 10.

ҳои ғайритоҷикӣ-форсӣ сар зада бошад. Барои муқоиса боз як мисоли дигар меоварем.

**«Сосна и терновник»-и Эзоп:**

Сосна терновнику говорила надменно: «Нет от тебя никакой пользы, а из меня строят и дома, и крыши храмов». Отвечал терновник: «А ты вспомни, несчастная, как топоры и пилы тебя терзают, и тебе самой захочется из сосны стать терновником».

Лучше безопасная бедность, чем богатство с гордостями и тревогами.[27]

Тарҷимаи тоҷикиаш:

## ҲИКОЯТИ САНАВБАР ВА ХОРБУН

Овардаанд, ки санавбари лофзан бо хорбуни мискин гуфт, ки сари ман дар миёни ситорагон расидааст, аз баҳри кӯшкҳо, шаҳтирҳо ва барои сафинаҳо сутунҳо медиҳам ва рутубати тани ман аз баҳри беморон ва маҷрӯҳон шоҳдоруст. Эй, хорбун, ту дар хандақҳо оҳиста меруйӣ ва дар ҷаҳон аз ту фоидае нест, магар мазаррат.

Хорбун гуфт: Эй санавбар, дар сифатҳое, ки ту ба-дон фахр мекунӣ, бо ту даъвои муқобила намекунам, валекин бидон, ки ҳар он ки туро **санавбар шомих** карда, хорбуни мискин кардан метавонист, валекин илтимос мекунам, бифармой, ки чун боз дуредгаре бо тешаи худ биёяд, оё ту хорбуне нахоҳӣ гашт?

Хулоса: Аз офоте, ки тавонгарон дар он мубтало мешаванд, ифлосҳоро нигоҳ медорад ва ғазаби илоҳӣ ба сурати раъду тӯфон нисбат ба хорбунони мискин бар дарахтони баланд ба сахтии тамом воқеъ мешавад».[28]

Фарқ байни ин тарҷимаҳо маълум шуда истодааст. Ин тарҷимаи аввалин тамсилҳо шояд аввалин тарҷимаи адабиёти бадеии мардуми Аврупо дар Ҳиндустон бошад, ки як факти шоёт ҷолиби диққат аст. Ин иқдоме, ки дар роҳи шинос кардани хонандагони тоҷику форс бо тамсилҳои халқҳои дигар 80 сол пеш аз тарафи Восиф карда шудааст, давоми худро дар замони мо ёфт.

Акнун саволе меояд, ки дар адабиёти классикии мо оё пеш аз «Ҳикоёти дилписанд»-и Восиф тамсил ба шакли юнониаш вуҷуд дошт ё не? Дар бораи он ки ин жанр дар адабиёти халқ — фольклор вуҷуд дошт, ҷои шубҳа нест. Баъзе ҳикояҳои ҳайвонот ва ё латифаҳо аз қабили тамсилҳо мебошанд. Албатта, дар адабиёти классикӣ низ жанри тамсил буд, лекин мавқеи онро каме бояд равшан намуд.

---

[27] Басни Эзопа, саҳ. 138.
[28] Ҳикоёти дилписанд, саҳ. 61.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки аз руи ақидаи аҳли адабиёти Шарқ ду адабиёт ҳаст, ки яке адабиёти бадеии ҳақиқӣ, ки бо услуби баланд, бо забони фосеҳ навишта шудааст, дигаре адабиёти «авом», ки барои омма аст. Дар гузашта ба ин адабиёт бо назари нописанд нигаристани баъзе аҳли қалам ва хонандагон чой дошт, барои ҳамин ҳам жанрҳои гуногуни адабиёти халқӣ бо мушкилӣ ба адабиёти хаттӣ роҳ пайдо мекард. Азбаски тамсил шаклан ва мазмунан халқӣ аст, дар адабиёти хаттӣ мақоми сазоворе нагирифт. Ин услуби «паст» бо услуби баланди адабиёти бадей, ки дар санъат ба авчи камолот расонида шуда буд, дар як қатор истода наметавонист. Барои ҳамин ҳам тамсил дар адабиёти классикии форсу тоҷик ба таври бояду шояд инкишоф наёфт. Албатта, гоҳо ба ин жанр мурочиат кардани шоирон ва нависандагон мушоҳида мешавад, вале он аксаран характери тасодуфӣ дорад. Ҳамин буд, ки касе дар давоми солҳои дароз ба монанди Лафонтен, Иван Крылов ва дигарон ба масалнависи машҳур нагаштааст.

## ТАМСИЛҲО ДАР «КАЛИЛА ВА ДИМНА» ВА «АНВОРИ СУҲАЙЛӢ»

### IV

Каме бошад ҳам дар бораи мавқеъ ва тасвири самарабахши минбаъдаи тарчимаи «Панчатантра» «Калила ва Димна» гуфта шуд. Акнун навбати он аст, ки дар бораи таҳрири дигари он — «Анвори Суҳайлӣ» чанде сухан гуфта шавад. Пеш аз он ки дар бораи «Анвори Суҳайлӣ» чизе гӯем, бояд ба саволҳои аз қабили 1. Чӣ сабаб буд, ки таҳрири дигари «Калила ва Димна» ба вучуд омад, магар дар замони Ҳусайни Воизи Кошифӣ «Калила ва Димна» вирди забон набуд? 2. Байни ин ду асари бадей фарқ ҳаст ё на, агар бошад он фарқҳо иборат аз кадомҳоанд? 3. Хусусияти фарққунандаи тамсилҳои ин ду асар кадомҳоанд, чавоб гуфта шавад.

Ҳусайни Воизи Кошифӣ «Анвори Суҳайлӣ ё Калила ва Димна»-и худро пас 358-соли ба вучуд омадани «Калила ва Димна»-и «Абулмаъолӣ ба қалам овардааст. Бешубҳа дар замони Кошифӣ «Калила ва Димна» дар мутолиаи гарму чӯшони хонандагон буд, худи Кошифӣ ҳам дар бораи он китоб қайдҳо кардааст. «Калила ва Димна» ба монанди шоҳасарҳои дигар ҳама вақт вирди забони хонандагон ва дар зери назари шоирон ва нависандагон буда, онҳо аз ҳикоя ва тамсилҳои он мазмунҳо бардоштаанд. Дар бораи

сабаби таҳрири «Анвори Суҳайлӣ» худи Қошифӣ чунин мегӯяд: «Дигар он, ки дар асвои ҳикоёт аз ачноси калимоти арабия ба эроди баъзе оёту аҳодиси заруриӣ-аз-зикр ва осору амсоли машҳура иктисор намуда, мутарризи исботи абъёти арабӣ намегардад ва чаридаи суханро ба чавоҳири ашъори форсӣ, ки чун таркиби зар ба гавҳар сифати тарсеъ дорад, зевар мебандад». Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки он коре, ки Қошифӣ кардааст, гӯё характери дарачаи дуюмӣ дорад. Албатта, ин сабаби асосии аз сари нав таҳрир намудани варианти дигари «Калила ва Димна» шуда наметавонад. Чунин донишманд ва адиби бузурге чун Ҳусайни Воизи Қошифӣ хуб медонист, ки асаре, ки чанд ҳазор сол пеш дар асоси ақидаҳои то давраи исломӣ навишта шудааст, мазмунан кӯҳна шудааст, ба талаби замон чавоб дода наметавонад.

Сабаби дигаре, ки онро ҳам Қошифӣ хуб медонист, ин ниҳоят соддалавҳона ва ба таври схематикӣ сохта шудани ҳикоёт ва тамсилҳои он буд. Дар замони Қошифӣ (асри XV) суханпардозӣ ба авчи аъло бадошта шуда, дар композицияи асарҳои бадеӣ тағйироти куллӣ ба вучуд омада буд, ки дар пеши он услуби «Калила ва Димна» паст, бе ранг ва фасурда менамуд.

Сабаби саввум, ки ба он низ Қошифӣ ишорат намудааст, ниҳоят зиёд истеъмол шудани иборaҳои гуногуни арабӣ аст, ки ин боиси осонфаҳмӣ ва дилгармии хонандагон намешуд. Ақидаи шоирон ва нависандагони замони Абдураҳмони Чомӣ ба суханпардозӣ ва гуфтани каломи бадеӣ ва равияи изҳори он битамом дигар шуда буд. Дар ин бора назари худи Қошифӣ чунин аст:

«Суханҳоро ба дастури хирадманд
Зи назму наср бояд дод пайванд,
Ки гоҳе табъ з-ин ором ёбад,
Замоне з-он дигар ҳол ком ёбад».

Ва дар маҳалли исботи абвоб ҳар чо, ки эроди ҳикояте ва иншои масале муносиб хоҳад буд, бинобар ин мулоҳиза, ки масраъ «Бар дасти гул низ бубандад гиёро», ба иқдоми часорат бар сабили тасарруф иқдом хоҳад рафт.[29]

Дар омади сухан инро ҳам бояд қайд намуд, ки чунин як кори неки Воизи Кошифиро Абдулазими Қариб дар сарсухани худ ба «Калила ва Димна» нодуруст маънидод намудааст, ки бо он ҳаргиз розӣ шудан мумкин нест. Ӯ навиштааст: «Барои он ки китоби «Анвори Суҳайлӣ» дар замони инҳитот ва таназзули забони форсӣ иншо шуда ва

[29] Анвори Суҳайлӣ. Ҳусайни Воизи Қошифӣ. Нувал Кишур, 1885, сах. 8, 9.

истиорот ва ташбеҳоти нохуш ва такаллуфоте, ки дар ба кор рафтааст, фавкулодда ва кадри он коста». Азбаски ба воситаи забон алоқаи байниҳамдигарии ҳаррўзаи одамон ба вуҷуд оварда мешавад ва фикри онҳо дар навиштаҷот баён мегардад, ҳаргиз дар ҳолати сукуну беҳаракатӣ шуданаш мумкин нест он ҳамеша дар тағйирёбӣ буда, рўз ба рўз рў беҳбудӣ меоварад. «Аз ин сабаб, — менависад Абдулғанӣ Мирзоев, — забони «Калила ва Димна»-и Баҳромшоҳӣ (таҳрири Абулмаолӣ Насруллоҳ бинни Муҳаммад бинни Абулҳамид дар назар дошта шудааст — *М. Ф.*) ва забони «Анвори Суҳайлӣ»-ро ба якдигар муқобил гузоштан, якеро хуб ва дигареро маҳсули даврай таназзули забон гуфтан тамоман хатост. Барои мо ҳар ду ҳам муҳиманд, ҳар кадом маҳсули даврахои ҷудогонаи тараққиёти фикрӣ ва ҳаёти халқҳои ин сарзамини мебошад. Бинобар он хусусиятҳои зиёди худ аз якдигар фарқ мекунанд ва нисбат ба якдигар бартарӣ доранд».[30]

Шубҳае нест, ки забони «Анвори Суҳайлӣ» инкишофи минбаъдаи забони «Калила ва Димна» мебошад. Он намунаи беҳтарини насри асри XV аст. Таҳрири Кошифӣ намунаи хуби кўшиши осон ва фаҳмо намудани забони адабӣ барои табақаҳои гуногуни хонандагон мебошад. Барои ҳамин ҳам «Анвори Суҳайлӣ» яке аз китобҳои дўстдоштаи халқи форсу тоҷик мебошад.

Барои ба ду саволи охир ҷавоб гуфтан, ду варианти як ҳикоеро, ки дар «Панчатантра» қайд нашудааст, меоварем.

Аз «Калила ва Димна»:

Гуфт:

— Оварда, ки зоғе рўзе кабкро дид, ки мерафт. Хиромидани ў зоғро хуш омад ва аз таносуби ҳаракати ў ва чустии ў орзу бурд чи табоеъро ба абвоби маҳосин илтифоте тамом аст ва ҳар оина онро ҷуён бошад. Дарҷумла хост, ки онро биёмўзад. Якчанде бикўшид ва бар асари кабк пўид, рафтани ўро наёмўхт ва рафтори хеш фаромўш кард чунон ки руҷўъ бад-он мумкин нашуд.

Ва ин масал овардам то бидонӣ, ки ранҷи зоеъ ва саъйи ботил пеш гирифтаӣ, забони аслоф мебигузорӣ ва ибрӣ натавонӣ омўхта. Гуфтаанд: «Ҷоҳилтари халоиқ он аст, ки хештанро дар коре андозад, ки мулоими пеша ва мувофики насаби ў набошад».[31]

Аз «Анвори Суҳайлӣ»:

[30] Абдулғанӣ Мирзоев, Сайри таърихи «Калила ва Димна», «Шарқи сурх», № 1, Сталинобод, 1949, саҳ. 46.

[31] Калила ва Димна, чопи оқои Абдулазими Қариб, Теҳрон, соли (?), саҳ. 279.

Гуфт:

— Овардаанд, ки рӯзе зоғе дар парвоз буд, кабке дид, ки дар арсаи замин мехиромид ва бад-он рафтори ширину хиромидани зебо диди наззорагӣ сайр мекард. Фард:

> Ба як навбат, ки сӯи ман хиромидӣ, дилам бурдӣ,
> Хиромон навбате дигар биё, то ҷон биафшонам.

Зоғро хиромидани кабк хуш омад ва аз таносуби ҳаракат ва чустию чолокии ӯ мутаҳайир шуд. Орзуи рафтани ӯ бар он минвол дар дили вай ҷой гирифт ва савдои хиромидан ба ҳамон шева аз сувайдои дилаш зуҳур кард. Мулозимати кабкро камари хидмат барбаста ва тарки хобу хӯр гирифта, мутаваччеҳи он такопӯй шуд. Пайваста бар сари кабк медавид ва тамошои чилваҳои ӯ мекард. Фард:

> Эй кабки дарӣ, чилвакунон мегузарӣ,
> Лангон-лангон ман аз ақиб меоям.

Рӯзе кабк гуфт:

— Эй девдидори тираруxсор, мебинамат, ки ҳамвора гирди ман мегардӣ ва ҳаракату саканоти маро мутаррасид мебошӣ, дояи ту чист?

Зоғ гуфт: Эй зебохӯи хандонрӯй, Фард:

> Рафтори ту дил бурду ман акнун зи пайт
> Фарёдкунон дар пайи дил мегардам.

Бидон, ки маро таманнои равиши ту дар сар афтода. Муддатест, ки дар қадами ту мебошам ва меҳоҳам, ки он рафторро омӯхта, пои ифтихор бар тораки ҳамсарон ниҳам.

Кабк қаҳқаҳа зад ва гуфт:

— Ҳайҳот- ҳайҳот. Мисраъ:

«Оё ту кучову мо кучоем. Хиромидани ман амрест зотӣ ва рафтани ту сифатест чибиллӣ. Зотиётро ба ҳеч вачҳ зоил натавон сохт ва муқтазои фитратро ба такаллуф тағйир натавон дод. Роҳи ман бар вазъе дигар аст ва равиши ту бар вазъе дигар. Мисраъ:

> «Бубин тафовути раҳ аз кучост то ба кучо?»

Аз ин хаёл бигузар ва ин андешаро аз даст бидор! Мисраъ:

> «Бигзор, ки ин камон ба бозуи ту нест».

Зоғ чавоб дод, ки «ашшурӯъи мулзимун», чун дар коре хавз кардаам, ба афсуну афсона тарк нахоҳам кард ва то мурод ба даст наёяд, пой аз ин роҳ боз нахоҳам кашид. Фард:

> Киштии сабр ба дарёи ғам андохтаем,
> Ё бимирем дар ӯ ё ба каф орем гуҳар.

Бечора муддате дар ақиби кабк бидавид ва рафтани ӯ наёмӯхта, рафтори худ низ фаромӯш кард ва дигар ба хеҷ навъ рӯҷӯи ӯ бад-он муяссар нагашт.

Ва ин масал бад-он овардам, то бидонӣ, ки ранҷе зоеъ пеш гирифтаи ва саъйи ботил менамоӣ ва гуфтанд: «Ҷоҳилтарини халоиқ он аст, ки худро дар коре афганад, ки лоиқи ҳирфат ва муносиби нисбати ӯ набошад».[32]

Аз муқоисаи ин ду таҳрири як масал маълум мешавад, ки мабдаи онҳо як буда, фарқияти онҳо пеш аз ҳама дар шакл ва дар баёни як мазмун пеш гирифта шудани равияҳои гуногун мебошад. Ин фарқият натанҳо дар ин масал, балки дар тамоми китоб мушоҳида мешавад. Барои ҳамин ҳам «Калила ва Димна»-ро танҳо тарҷимаи «Панчатантра» ва «Анвори Суҳайлӣ»-ро айнан «Қалила ва Димна» гуфтан ғалат аст. Онҳо бо ҳамдигар қаробат доранд, вале на якхелу на якранганд. Мутарҷимон аз асл мазмунро гирифта, он мазмунро ба тарзи эҷодӣ аз нав кор карда, аз рӯи донищи худ, мувофиқи ақидаи замонашон ва мутобиқи шароити зиндагӣ таҳрир карда, онро аз рӯи услуби мавҷудаи баёни каломи бадей оростаанд.

Фарқи ин ду тамсили қайдшуда низ аён аст. Тамсили аз «Қалила ва Димна» овардашуда аз ҷиҳати сохт ва тарзи баёни воқеа ба тамсили қадим, яъне, бо тамсили юнонӣ наздик аст. Тамсили аз «Анвори Суҳайлӣ» овардашуда бошад, аз тамсили ҳақиқӣ дур буда, ба ҳикоят монанд шудааст.

Худи Кошифӣ фармудааст: «Аммо нахостем, ки тағьири куллӣ ба авзои китоб роҳ ёбад, лоҷарам мутаарризи зиёдатии абвоб нашуда, бар ҳамон минвол, ки ҳакими Ҳинд эрод карда, илзом намудем ва ду боби аввал аз китоби «Қалила ва Димна», ки дар он зиёда фоида мутасаввир набуд, дар асли китоб мадхал нодошта, исқот карда чаҳордаҳ боби бокиро ба иборати равшану осон мусаббит сохтем ва ҳикоётро ба тарики саволу ҷавоб аз Рой ва бараҳман ба дастуре, ки дар асл мазкур буд, ба қайди китоб даровардем».[33] Ин қайди Кошифӣ тасдиқи он аст, ки «Анвори Саҳайлӣ» як асари оргиналӣ набуда, таҳрири нави «Панчатантра — Калила ва Димна» мебошад.

## V

Акнун лозим аст, ки якчанд сухан дар бораи сабабҳои жанри мустақил шудани тамсил баён карда шавад. Шубҳае нест, ки дар адабиёти даҳанакию хаттии халқи тоҷик ва халқҳои дигар тамсил як жанри мустақил ба ҳисоб ме-

[32] Ҳамон асар, саҳ. 379—380.
[33] Ҳамон асар, саҳ. 8.

равад. Албатта, онро дар қатори жанрҳои дигар ба монанди жанри ҳикоя, новелла, очерк, сатира, комедия ва ғайраҳо гузоштан мумкин нест, вале аз қатор баровардан ҳам аз рӯи инсоф намебошад. Мо онро дар саҳифаҳои мачаллаю газетаҳо, дар адабиёти бачагона мебинем, хусусан, чун сатираи сиёсӣ истеъмол карда шудани он қобили диққат аст.

Хусусиятҳои фарқкунандаи жанри тамсил аз жанрҳои дигар аз инҳо иборат аст.

1. Хусусияти хоси тамсил пеш аз ҳама маънои мачозӣ доштан ва дуҳӯра будани маънои он аст. Он чӣ дар тамсил нақл карда мешавад, натанҳо нақли ягон воқиа аст, балки ишораи хеле нозуку дақиқ ба ягон воқиаи ногуворест ки хонанда ва ё шунавандаи тамсил бояд аз он ибрате гирад.

2. Қаҳрамону иштироккунандагони тамсил ҷонварону предметҳои беҷон мебошанд. Онҳо дорои тамоми хусусият ва қобилиятҳои инсонӣ буда, чун предмети оқил амал мекунанд. Онҳо бо забони инсонӣ сухан мегоянд, фикрҳои нозук ва нуктаҳо мегӯянд. Ҳар яке аз онҳо бо хусусиятҳои хоси худ қаҳрамони тамсил гашта, алоқаҳои гуногуни печдарпечи инсониро ифода менамоянд.

Мумкин аст, ки гоҳо қаҳрамони тамсил худи инсон бошад, аз ин на сохту на мазмуни тамсил дигар намегардад.

3. Хусусияти сеюми фарққунандаи тамсил аз жанрҳои дигари адабӣ сохти махсуси сюжети он, яъне, кутоҳӣ, кӯтоҳбаёнӣ ва мухтасар будани он аст. Ин хусусият на дар тамсилҳои ҳиндуӣ балки танҳо дар тамсилҳои юнонӣ дида мешавад. Дар асоси сохти чунин тамсилҳо равияи муқоиса, баробаркунӣ ва тазод гузошта мешавад. Аксаран схемаи тамсил аз қисмати аввал, ки дар он воқиае нақл мешавад ва дар қисми дуйӯм он воқиа бар хилофи умеди хонанда битамом дигар хел анҷом меёбад, иборат аст. Умуман тамсил аз ҷиҳати сохт хеле гуногун буда, ҳамаи онро дар ин гуфтори мухтасар таҳлил намудан зарурат надорад.

4. Яке аз қисмҳое, ки бе он тамсил ноқис менамояд, хулосаи он аст. Хулоса барои тамсили ҳиндуӣ шарт нест, вале барои тамсилҳои юнонӣ ҳатмӣ буда, бе он тамсилро тасаввур кардан маҳол аст.

Аз ҷиҳати шакл фарқи куллие байни тамсилҳои давраи қадим ва ҳозир дида намешавад. Он қолабе, ки чанд ҳазор сол пеш муқаррар шудааст, ҳоло ҳозир роиҷ аст. Дар ин муддати дурудароз тамсилҳо танҳо аз ҷиҳати услуб тағйиру сайқал ёфта, бехтару дилработар гардидаанд.

Инкишоф ва такомули ин жанр дар рӯзҳои мо ҳам давом дорад.

---

## АВВАЛ НАМОЗ БАЪД АЗ ОН НИЁЗ

Бузурге намоз мекард ва аз рохи риккати калб дар хини намоз шурўъ дар ачзу зори мекард ва гояти маскапат намоз фаромўш мешуд, то гуфтаанд, ки **«Аввал намоз, баъд аз он ниёз».**

Аз «Мачмуъ-ул-амсол»

## АВВАЛ РАФИҚ, ОХИР ТАРИҚ

Марде буд дар бани Сорух. Ў хикоят кард, ки ман сӣ сол тичорати бахру бар кардам. Харгиз дар сафар бе рафиқ дар ибтидои сафару тичорат. Аввал падар маро васият кард, ки эй фарзанд, бар ту бод, ки харгиз сафари танхо ва бе рафиқ накуни ва рафиқи рохозмуда бояд, ки ўро шиносӣ ва мардро дар сафар тавон шинохт, ки дар сафар таабн рох ҳавсалаҳоро танг мекунад ва табиат ба як карор намемонад ва хуи тагьир меёбад. Ва рафиқ аз хонаи худ мебояд ё хамсояи худ, ки дар миёнаи ў эмин бошӣ, ки бузургон гуфтаанд: **«Аввал рафиқ, охир тариқ».**

Эй писар, харгиз макун танхо сафар,
Қ-он сафар бошад туро бешак сақар.

Иттифокан баъд аз фавти падар аз ақвом дилгир шуда ва озурда гардида ва як хамьён зар доштам, бар камари худ бастам ва бе рафиқ аз хона берун омадам. Сар ба сахро ниходам. Ва рохи бероха пеш гирифта, аз чахлу хомии чавонӣ надонистам, ки ба кучо меравам ва озурдагӣ, ки доштам, хеч насихати падар ба хотир нарасид. Баъд аз ду рўзу шабе гармии тааби гурбат бар ман асар карда ва васияти падар ба хотирам расид, хостам баргардам. Васвасаи шайтонӣ ва чахлу гурури чавонӣ ва пуштгармии хамьёне, ки бо худ доштам, гуфтам: «Агар баргардам, ақвом маро сарзаниш кунанд». Пас ба хотирам расид, ки насихати падарро биозмоям. Чун шайтон рафиқи рохи ман буд, маро бар ин дошт, ки сарзаниши дўсту душман натавон шунид.

Мешудам бо хазор фикру хаёл
Пой дар пешу рўй дар дунбол.

Рафта-рафта то он ки ба нахлистоне расидам, ки аз ободӣ дур буд. Пушаймону хайрон ва саргардон гашта, ки на тоқати рафтан доштам, на қудрати баргаштан. Ногох дар он бешаи пурандеша ду нафар дидам, ки ба чониби ман меоянд ва хар ду дузд буданд. Иттифокан дузди дигар дар баробар пайдо шуд ва хар се бо хам даромехтанд ва чадал мекарданд. Донистам, ки хар се дузданд. Гуфтам: «Зи хар тараф, ки шавад кушта, суди ислом аст». Охир он дузде, ки пиёда буд, он хар ду дузди савораро халок кард ва асбоби ишон-

ро бар дарахте баст ва фориғ шуд. Пас теғ кашиду рӯй ба ман овард.

Ман колаброро тиҳӣ карда, рӯҳро видоъ намудам ва аз тарс ҳамьёне, ки дар камар доштам, кушуда, дур андохтам, ки гуфтаанд: «Зар бисьёр дӯст дорад ва душмани бисьёр». Чун дид, ки ман чизе ба дур андохтам, аввал рафт ва ҳамьёни зарро бардошт ва рӯ ба ман овард ва чун ба ман расид, ман гуфтам:

— Эй, ҷавонмард, ман заифу ҳақиру нотавонам, бо ту ҳарб накардам ва дар баробари ту муночеҳ нашудам. Маро озод кун!

Пас пеши ман омаду ҷомаҳои маро берун кард ва дасти маро маҳкам барбаст ва дар ҳамон ҷо андохт ва бар асби дузд савор шуд ва як асбро кӯтал кард ва ба роҳи худ бирафт.

Ман он шаб гуруснаву ташна дар он саҳро бимондам ва бо худ гуфтам: «Худкардаро тадбир нест». Ин сазои ман аст, ки васияти падарро нашунидам ва «озмударо озмудан аблаҳӣ аст». Пас бисьёр гиристам ва ба парвардигори худ пайвастам ва муночот мекардам, ки эй карими корсоз ва эй раҳими бандаавози дастгири дармандагон ва эй фарьёдраси бечорагон, ҷуз ту фарьёдрасу дастгире нест; каси бекасон ва паноҳовар туӣ. Он шаб то субҳ ба ҳазор меҳнат дасти худ кушода, то ба рӯз хоб накардам. Ҳар лаҳза наъраи шер мешунидам. Чун рӯз шуд, бо худ гуфтам:

— Ба тарафе бояд рафт. агарчи гумони роҳи наҷоте намебурдам ва ҷодда намедидам. Боре сари худ ба даст гирифта, аз он бешаи пурхавфу андеша равона шудам, ки мабодо балое дигар бар сари ман ояд, ки «бахт чун баргардад, полуда дандон бишиканад». Бо худ дар ҷанг будам, ки чӣ кор буд, ки ман кардам?! Боре пушаймониву афсӯс суде накунад. «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард» ва коре, ки шуданист, мешавад. Пас худро тасаллӣ медодам. «Шояд ки воқеаи хайри ту дар ин бошад!» Пас «оллоҳ, оллоҳ» гӯён ва лангону афтону хезон мерафтам ва худ мегуфтам:

> Гила аз дасти дигарон чӣ кунам,
> Ҳар чӣ кардам, ба дасти худ кардам.

Ҳар гоме, ки бармедоштам, донаи шукре мекоштам ва аз ҳар тараф овози шер мешунавондам ва дил ба худо баста, худро бад-ӯ супурдам ва шукр баҷо меовардам, ки мабодо ба балои дигар гирифтор нагардам.

> Ҳар ранҷу меҳнате, ки расид дар ҷаҳон туро,
> Рав, шукр кун, мабодо ки аз бад батар шавад.
> Ба ҳар ҳол мар бандаро шукр беҳ,
> Ки бисьёр бад бошад аз бад батар.

Ва он рӯз то шаб дар он нахлистон мегардидам ва аз дур равшание дидам ва дилро хуш кардам, ки ба ободонӣ расидам. Аммо наъраи шер аз ҳар тараф мешунидам. Рӯ ба сӯи он равшанӣ кардам, чун ба наздик расидам, оташи бисьёре афрӯхта дидам. Пеш рафтам ва салом кардам. Дидам, ки ҳамон дузд бо зане нишаста ва шароб заҳри мор мекунад. Маро дид, бишинохт ва гуфт:

— Эй аҷамии хирасар, охир ба пои худ ба гӯр омадӣ. Алҳол туро зинда нагузорам, ки бар сирри ман мутталеъ шудӣ.

Ман баргаштам ва рӯ ба гурез ниҳодам. Он дузд бархоста ва теғ кашида, дар ақиби ман медавид ва масту лоақл буд. Гоҳе меафтоду гоҳе бармехост ва боз медавид ва фарьёд мекард, ки ман дирӯз туро бахшидам, алҳол ба ҷосусӣ омадай. То се тирпатоб роҳ, ки рафтам, дузд ба ман расида, маро бигирифт ва бар замин зад. Ман ҷазаъу фазаъ мекардам, ки маро бубахш! Гуфт:

— Туро нагузорам, ба ин макон, ки омадай, заҳраи шер об мешавад.

Ва дар вақти ҷадал теғ аз дасташ дарафтод, маро гузошт ва рафт, ки теғро бардорад. Ногоҳ шере дар камин буда, бад-ӯ расид ва ӯро бигирифт ва бар замин зад, аз ҳам бидаррид. Ман аз тарс болои дарахте рафтам ва шер он аъробиро нисф бихӯрд ва нисфи дигарро ба дандон гирифт, кашон-кашон ба макони худ бибурд. То аз назар ғоиб шуд, ман дар болои дарахт медидам ва шукр мекардам... Аз болои дарахт поин омадам ва саҷдаи шукр ба ҷо овардам ва теғи ӯро бардошта, ба макони дузд рафтам. Занрэ дидам нишаста. Ба гӯшае рафтам, то беҳ бубинам он аврат чӣ мекунад ва каси дигар дар пеши ӯ ҳаст ё на. Дидам, ки он зан ба даргоҳи қозӣ-юл-ҳоҷот мегирист ва зорӣ мекард, ки илоҳӣ, ту масобиб-ул-асбабе бисоз ва мани оҷизро бинавоз, аз дасти шақӣ халос бикун! Чун ин шунидам, пеши ӯ рафтам ва салом кардам. Чун чашми он зан бар ман афтод, гуфт:

— Эй бандаи худо, магар он дузди шақиро куштӣ?

Гуфтам: — Худо ӯро кушт.

Зан гуфт: Маро ва худро халос кардӣ. Ва ҳақтаоло туро барои халосии ман ба ин макон овард, ки ҳаргиз гузар одамиро ин ҷо наяфтад, ки бешаи шерон аст ва илло ту куҷову ин макон куҷо!

Гуфтам:

— Ҳақтаоло чунин тақдир карда буд. Аммо, эй некзан, имрӯз се рӯз аст, ки чизе нахӯрдаам, гурусназу ташнаам. Агар чизе бошад, ҳозир кун, то бихӯрам ва қуввате биёбам. «Аввал таом, баъд аз он калом», ки қудрати сухан гуфтан надорам ва забонам дар ком хушк гашта.

Дарсоат он аврат таому шарбат ҳозир кард. Чун чизе бихурдам, биёсудам. Он зан бархост ва ҳимаи бисьёре болои оташ ниҳод ва равшан кард. Ман гуфтам:

— Ин чист?

— Гуфт:

— Ин макони шерон аст ва шер аз оташи равшан мегурезад. Он аъробӣ дар ин макон чунон умр ба сар мебурд ва ин бодия то хонаи ин дузд серӯза роҳ аст. Ҳар чанд гоҳ ба ин ҷо меомад ва роҳзанӣ мекард ва моли мардумро дар ин ҷо ҷамъ менамуд. Баъд аз чанд рӯз ҳамли шутурон карда, ба манзили худ мебурд ва фардо ваъда буд, ки ин молҳоро ба хона барад, насибаш нашуд. Ва ин канизаи муъбади яҳудиён аст ва молу асбоби бисьёр дар он ҷост. Дар ин чанд рӯз дузд бар сари қофилаи мо омада буд, бисьёр далер ва забардаст буд. Худро танҳо бар қофила зад ва шавҳар ва бародари маро кушт ва маро бо моли бисьёре овард ва амволро дар гунбад гузошт. Имрӯз шаш рӯз аст, ки ба дасти он шақӣ гирифторам. Ва фардо мехост маро бо мол ба хонаи худ барад, ки ин казия рӯ дод. Алҳол, эй ҷавон, ин ҷо будани мо нафъе надорад, бархез аз ин мол ҳар чӣ тавонӣ, ҳамли шутурон ва асбоб намуда, аз ин беша бадар равем.

Чун ба он макон даромадам, ҳамьёни худро дидам ба канори афтода, бо чанд ҳамьёни дигар бардоштам ва шукри худой ба ҷо овардам. «Моли ҳалол, — ба ҷое намеравад ва насиби касеро касе намехурад». Аввал моли худро ёфтем. Баъд аз он зан гуфт:

— Эй ҷавон, чун ба ин сарзамин афтодӣ?

Гуфтам:

— Панди падари худро нашунидам, ин ҳама ранҷу меҳнат кашидам ва маълум шуд, ки масали бузургон абас нест.

Чун рӯз шуд, бархостанд ва он чӣ аз нақлу ҷинс буд, бардоштанд. Ҳамли асбоб намуда, баъди ду рӯзи дигар ба ободонӣ расиданд ва он зан касе пеши ақвоми худ фиристод. Хабар кард, ҷамъе аз ақвоми ӯ пешбоз омада ва сорухиро бо духтар ба шаҳр оварданд ва духтарро ба ақд бастанд, бо моли бисьёр ба сорух доданд.

Ва ин аз он рӯз монда, ки **«Аввал рафиқ, охир тариқ».**

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

### АВВАЛ ТАОМ, БАЪД АЗ ОН КАЛОМ

Зарифе бо шахсе ҳамсуфра шуд ва дар ҳини таом хӯрдан ҳикояте аз ӯ пурсид, ки то машғули ҳикоят шавад ва аз хӯрок бебаҳра гардад. Ӯ дарьёфта, гуфт, ки **«Аввал таом, баъд аз он калом».**

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

### АГАР БИНӢ, КИ НОБИНОВУ ЧОҲ АСТ. АГАР ХОМӮШ БИНШИНӢ, ГУНОҲ АСТ.

Гурӯҳе аз ҳукамо дар боргоҳи Кисро дар маслиҳате сухан мегуфтанд. Бӯзурҷмеҳр хомӯш буд. Гуфтандаш:

— Чаро дар ин баҳс бо мо сухан намегӯӣ?

Гуфт:

— Вузаро бар мисоли атиббоанд, табиб дору надиҳад ҷуз сақимро. Пас чун мебинам, ки раъйи шумо бар наҳҷи савоб аст, маро дар он сухан гуфтан ҳикмат набошад.

Чу коре бе фузули ман барояд,
Маро дар вай сухан гуфтан нашояд.
**«В-агар бинам, ки нобинову чоҳ аст,
Агар хомӯш биншинам, гуноҳ аст».**

Саъдии Шерозӣ

### АГАР ДУОИ АТФОЛ МУСТАҶОБ БУДИ, ЯК МУАЛЛИМ ДАР ҲАМА ОЛАМ ЗИНДА НАМОНДӢ

Ҷамъе ба дуои борон ба саҳро рафтанд ва атфоли мактабро ҳам бо худ burданд. Шахсе пурсид:

— Ин тифлонро куҷо мебаред?

Гуфтанд:

— Барои он ки дуо кунанд, борон биёяд, зеро дуои атфол мустаҷоб аст.

Гуфт:

— **«Агар дуои атфол мустаҷоб бувад, як муаллим дар ҳама олам зинда намондӣ».**

Аз «Базми Эрон»

### АГАР РАФТӢ, БУРДӢ В-АГАР ХУФТӢ, МУРДӢ

Шабе дар биёбони Макка аз бехобӣ пои рафтанам намонд, сар биниҳодаму дил аз ҷон баркандам ва шутурбонро гуфтам:

— Даст аз ман бидор!

Пои мискин пиёда чанд равад,
Қ-аз таҳаммул сутӯҳ шуд бухтӣ.

То шавад ҷисми фарбеҳе логар,
Логаре мурда бошад аз сахтӣ.

Гуфт:

— Э, бародар, ҳарам дар пешу асту ҳаромӣ дар пас.
**«Агар рафтӣ, бурдӣ в-агар хуфтӣ, мурдӣ».**

Саъдии Шерозӣ

## «АГАР»-РО БО «МАГАР» ТАЗВИҶ КАРДАНД, АЗ ИШОН БАЧЧАЕ ШУД «КОШКӢ» НОМ

Бо орзуву ҳавас раҳ наметавон паймуд,
Ба лофу арбада коре наметавон пардохт.
Ҳазор кас ба таманнои хом сӯхта шуд,
Ки рӯзгор якеро ба коми дил нанавохт.

Гуфт:

Овардаанд, ки марди порсо дар ҳамсоягии бозаргоне хона дошт ва ба юмни муҷовирати ӯ рӯзгоре ба рафоҳият мегузошт. Бозаргон пайваста шаҳду равған фурӯхтӣ ва бад-он муомилаи чарбу ширин судҳо андӯхтӣ. Ба ҳукми он ки порсомард авқоте сутуда дошт ва пайваста ҳабби ҳубби илоҳиро дар мазраи дил мекошт. Бозаргон ба вай эътиқоде карда буд ва мояхтоҷи ӯро бар зиммаи ҳиммати худ гирифта. Ва фоидаи тавонгарӣ ҳамин тавонад буд, ки дили дарвеше ба даст оранд ва захираи боқӣ аз моли фонӣ бардоранд. Фард:

Тавонгаро, дили дарвеши худ ба даст овар,
Ки махзани зару ганҷу дирам нахоҳад монд!

Хоҷаи бозаргон низ фурсати хайрро ғанимат шумурда, ҳар рӯз аз он бизоат, ки ба баъю широъ бе он иштиғол намудӣ, барои қути зоҳид мефиристод ва зоҳид аз он чизе ба кор бурда, боқиро дар гӯша мениҳод ва андак фурсатеро сабӯе аз он пур шуд. Рӯзе порсо дар он сабӯ менигарист ва андеша мекард: «Оё чӣ миқдор асалу равған дар ин зарф ҷамъ шуда бошад?»

Охир-ул-амр, ба тахмин даҳ ман тасаввур кард ва гуфт: Агар ба даҳ дирам тавонам фурӯхт, бифурӯшам. Ба ҳамин маблағ панҷ гусфанди тавоно бихарам ва ин ҳар панҷ ба ҳар шаш моҳ бизоянд ва ҳар як ду бача биоранд. Солеро бисту панҷ шавад ва даҳ солро аз натоиҷи ишон рамаҳо пайдо оянд ва маро бад-он истизҳори куллӣ ҳосил шавад. Баъзеро бифурӯшам ва асбоби худ бад-он ороста гардонам ва зане аз хонадони бузург бихоҳам ва нӯҳ моҳро ҷиҳати ман писаре бизояд ва илму адаб биёмӯзад. Аммо чун заъфи туфулият ба қуввати шабоб мубаддал гардад ва он сарви ноз дар чамани ҷавонӣ боло кашад. Мумкин ки аз фармудаи ман таҷовуз намуда саркашӣ оғоз кунад ва бар он тақдир адаб кардани ӯ лавозим бошад ва ба ҳамин асо, ки дар даст дорам, адабаш бифармоям.

Пас асо бикашид ва чунон дар баҳри хаёл мустағриқ буд, ки сару гардани писари беадабро дар ҳузур тасаввур карда, асо фуруд овард ва бар сабӯи шаҳду равған зад. Қазоро он сабӯй бар болои тоқ ниҳода буд ва худ дар зери тоқ рӯ ба рӯи ӯ нишаста. Чун асо бар сабӯ омад, фил-

хол бишикаст ва шаҳду равған тамом бар сару руй ва ҷомаву мӯи ворсо рехт ва он ҷумла хаёлхо ба як дам бигурехт.

Ин масал бад-он овардам, то бидонӣ, ки бе яқине содиқ дар мисли ин калимот хавз набояд намуд. Ва гуфтаанд: Касе агару магарро ҷуфт созад, фарзанде, ки аз ишон мутаваллид шуд, «кошкӣ» хоҳад шуд.

**«Агарро бо магар тазвиҷ карданд,**
**Аз ишон баччае шуд кошкӣ ном».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

## АГАР ТӮТӢ ЗАБОН МЕБАСТ ДАР КОМ, НА ХУДРО ДАР ҚАФАС ДИДӢ НА ДАР ДОМ!

Овардаанд, ки дар замони қадим дар шаҳре шаҳриёре буд, ки халоини фаровону дафоини бекарон ва мадохили бепоён дошт ва ӯро писаре буд дар ғояти покию зиракӣ ва ниҳояти хубию оростагӣ. Подшоҳ писарро ба олими доное ва донишманди биное супурд, то ӯро илму адаб биёмӯзад. Ва он марди олим оромишу осоишро бар худ ҳаром карда ва тамоми авқоти хешро масруфи таълиму тарбияти шоҳзода намуд.

Рӯзе шоҳзода гуфт: Е мавлоно, чун кишвари илмро сомоневу дарёи донишро поёне нест, маро панде омӯз дар як калима, ки мӯҷиби наҷоти ман дар ҳар ду ҷаҳон бошад. Устодаш гуфт: Эй фарзанд, агар мехоҳӣ дар ду саро растагор бошӣ, «хомӯшӣ»-ро ихтиёр кун, ки:

Ба пои шамъ шунидам зи қайчии фӯлод:
«Забони сурх сари сабз медиҳад бар бод».

Ҳар кӣ сукутро мадору хомӯширо шиори худ кард, сарзанишу маломат нашунид ва сарангушти пушаймонию надомат нагазид, ки гуфтаанд:

Ангушти хамӯши ба лаби худ ниҳодам
Аз он ки бихоӣ ба лаб ангушти надам бег!

Ҳар кас мӯҳри хамӯшӣ бар лаб ниҳод ва забон ба сухан накушод, аз тамоми балоё масун ва аз ҷамеи масоиб маҳфуз аст, ки гуфтаанд:

Гаҳе ки марками тақрир тозиёна кунӣ,
Забон кашида нигаҳ дор, то зиён накунӣ.
«Забони сурх сари сабз медиҳад бар бод»,
Бахуш бош, ки сар бар сари забон накунӣ!

Ҷамоҳири донишмандон бар онанд, ки ҳарчанд шахс хабиру басиртар шавад, камҳарфтар гардад, ба далели он ки марди оқил саъй мекунад, ҳаргиз ҳарфе нопухтаву насанҷида назанад ва чун пас аз санҷиш дар мизони ақл су-

хаони қобили гуфтан камонд. Лочарам, ҳар касро ҳар чи ақлаш фузунтар гардад, ба ҳамон андоза нақлаш камтар шавад...

Ҳар киро андак аст мояи ақл,
Ҳаст беҳуда гуфтанаш бисьёр.
Мардро ақл чун биафзояд,
Дар мачомеъ бикоҳадаш гуфтор.

Ва Шайх Саъдӣ алайҳирраҳма фармуда:

Ба пире расидам дар ақсои Юнон
Бад-ӯ гуфтам: Эй он ки бо ақлу ҳушӣ,
Зи мардум чӣ беҳтар ба ҳар ҳол? Гуфто:
Хамӯшӣ, хамӯшӣ, хамӯшӣ, хамӯшӣ!

Укало гуфтаанд: «Забони кӯтоҳ ҳеҷ вақт ба даст намеояд» ва фузало гуфтаанд: Аглаб сукут беш аз тамоми ҳарфҳо мақсудро баён мекунад ва удабо гуфтаанд: Ё хомӯш бош ё ҳарфе бизан, ки аз хомӯшӣ беҳтар бошад ва яке аз шуаро гуфта:

«Чӣ гӯям, ки ногуфтанам беҳтар аст,
Забон дар даҳон посбони сар аст».

Шоҳзода пас аз истимои суханони устод ангушти итоат бар дида ниҳод ва аз он баъд забони сухан накушод ва чун шамъ забонаш хомӯш шуд... ба тасфияи ботин ва тазкияи нафс пардохт. Чун ба гӯши подшоҳ расид, ки писараш ҳарф намезанад, назди писар омад ва вақте ҳар чӣ бо ӯ суҳбат кард, ҷавобе нашунид, гумон кард, ки писарро иллате ходис ва маразе ориз шуда, ки сухан намегӯяд. Лизо амр кард, то ҳукамо ҷамъ шуданд ва ҳукамо пас аз таҳқиқоти лозима гуфтанд:

— Ӯро марази ҷисмӣ нест ва бояд ба шикор биравад, то агар марази рӯҳӣ ё аворизе дигар дорад, дар он ҷо аз ӯ зоҳиру падидор гардад.

Подшоҳ озими шикор шуд ва атиббоpo ҳамроҳи худ бурд ва шоҳзодаро низ бар асбе савор намуда, дар саҳро мегаштанд. Ногоҳ тӯтие дар гӯшае аз саҳро садое кард ва подшоҳу атрофиёну шоҳзода ба тарафе, ки бонги тӯтӣ аз он ҷо омад, рафтанд. Ва чун наздик шуданд, шоҳ амр кард, то дом густарданду бози шоҳиро низ ба парвоз даров617 варданд ва билохира он тӯтиро, ки дар лобалои алафҳои биёбон нишаста буд, ба дом кашида, дар қафас намуданд. Вақте шоҳзода тӯтиро, ки дар асари забони худ, яъне бонг кардан дар қафас афтода буд, дид, гуфт:

«Агар тӯтӣ забон мебаст дар ком,
На худро дар қафас дидӣ, на дар дом!»

Вақте подшоҳ сухан аз забони писар шунид, бисьёр хушҳол гардиду гуфт: Эй фарзанди арҷманд, чаро мӯҳри су-

кут бар лаб задаӣ ва маро парешонҳолу ошуфтааҳвол сохтаӣ? Агар ғаме ба ту рӯй оварда ва ё касе дили туро озурда, бигӯ, то рафъи аламу дафъи кудурати хотират кунам. Ва аз ин макула суханони бисьёр гуфт, аммо шоҳзода бадон ҳарфҳо абада" таваҷҷӯҳе накарда ва ҳеҷ ҷавоб надод. Подшоҳ дар ғазаб шуда, тапончае бар рӯи ӯ зад. Дар ин мавкеъ шоҳзода ба сухан даромада гуфт: «Саддака расулуллоҳ, ки фармуда: Ман самата наҷо (яъне ҳар кӣ хомӯш монд, наҷот ёфт). Агар ман забон ба сухан намекушудам, тапонча "амехӯрдам ва ҳар зиёне, ки бар сари одам меояд, аз забони ӯст, чунон ки арабро масалест, гӯяд: «Ҳафоки ва анзиьу кифока:» — Ҳар кӣ нигоҳ дошт забони худро, аз сели рӯзгор дар амон монд. Ва дигар сухан нагуфт.

Аз «Достонҳои амсол» II

## АЗ ИН СУТУН ТО ОН СУТУН ФАРАҶ АСТ

Гӯянд, бегунохеро ба иттиҳоми и" ки муртакиби қатл шудааст, ҳокими вақт маҳкум ба эъдом сохт ва ҷаллодеро маъмури буридани сари он бечора намуд. Ҷаллод ӯро ба қатлгоҳ бурда, ба сутуне баст, то сар аз танаш баргирад. Бечора дар баробари ҷаллод бинои аҷз ва тазаррӯъ ва гирьяву зориро гузошт ва аз ӯ дархост намуд, ки вайро боз кунад ва ба сутуни муқобил бандад. Ҷаллод гуфт:

— Эй бадбахт, аз ин мӯҳлати камдавом туро чӣ ҳосил? Ҳамон беҳ, ки коратро бисозам ва худ ва туро аз таҳаммули як азоби рӯҳӣ халосӣ бахшам.

Бегуноҳ бар мизони аҷзи худ афзуд ва гуфт:

— Ин охирин хоҳишу орзуеро, ки ман дар зиндагӣ дорам, бипазир, чаро ки шояд дар фосилаи боз шудан аз ин сутун ва баста шудан бад-он сутун худо фараҷе иноят ва аз чашидани таъми талхи ин азоби ногувор маъзурам фармояд.

Ҷаллодро дил ба ҳоли ӯ сӯхт, хоҳишашро пазируфт ва ӯро боз кард ва аз и" сутун ба сутуни муқобил баст. Иттифоқан ва бинобар мазмуни масали «Сари бегуноҳ то пои дор биравад, вале болои дор наравад» подшоҳро гузар аз тарафи ин майдон афтода бисьёре ҷамъият ва анбӯҳе мардумро, ки дид, аз иллати иҷтимоъи онҳо пурсид ва чун аз қазия огоҳӣ ёфт, ба эҳзори маҳкум амр бидод. Бечора ҳузури султонро муғтанам дониста, бегуноҳии худро собит сохт ва аз он қасос бидуни истеҳқоқ раҳоӣ ёфт.

Аз «Достонҳои амсол» I

## АЗ КӮЗА ҲАМОН БУРУН ТАРОВАД, КИ ДАР ӮСТ

Овардаанд, ки дар замони Ҷамшед чаҳор тан бо ҳам рафиқ гашта, ба роҳе мерафтанд ва яке аз он чаҳор тан гавҳари қимате ҳамроҳ дошт, ки барои Ҷамшед тӯҳфа мебурд. Ва дар ҳар манзил, ки фуруд меомад, ба гӯшае рафтӣ ва ҳуққаро, ки гавҳар дошт, бикушудӣ ва нигоҳ кардӣ. Яке аз он рафиқон мутталеъ гашта ва доим дар камини он буда ва фурсат металабид, ки гуфтаанд: «Ҳеҷ хуфтаро бедор ба дунбол мабод», то он шабе худованди гавҳарро хоби ғафлат рабуд, ки гуфтаанд: «Хоб бародари марг аст». Он шахс, ки дар камин буд, фурсат ғанимат дониста, аз зери сараш бирабуд.

Чун он мард аз хоб зуд бедор шуд, ҳуққаи гавҳарро ба ҷои худ надид. Музтарибу саросема барҷаста ва ҳарчанд кофт, наёфт. Дар баҳри тафаккур ғӯта хӯрд ва дар паси зонуи ҳасрат иншаст. Ранги рӯяш паридя, ақл аз сараш рамида, бо дили сарду синаи пурдард бо худ фикру андеша кард, ки «беҳбудии ман дар ин аст, ки дандон ба ҷигар ниҳам ва изҳори ин маънӣ накунам, ки ишон се нафаранд ва ман танҳо, мабодо, ки қасди ман намоянд. Дар ин биёбон қозӣ худост ва «сарбурида сухан надорад» ва ин сирри мағӯро набояд гуфт, ки бузургон гуфтаанд, ки «агар хоҳӣ, ки сарат ба ҷо бувад, сир нигоҳ дор!». Ин ҷо муомилаи мушту дирафш нест, ҷои сабр аст. Пас дарди дил изҳор нанамуда, нафас ба худ кашид ва тан дардоду хомӯш гашт.

Чун ба қувват ҳарифи хасм най,
Сабр кун, то ки фурсат ояд даст.

Алқисса, ба тариқи собиқ тайи мароҳил менамуд, то ба ҷое расиданд, ки матлаби худованди гавҳар буд ва се рӯзе бо рафиқон ба сар бурд, то он ки аҳволи он шаҳр маълум кард. Баъд аз он пеши вазири подшоҳ рафт ва тақрири ҳол кард. Вазир ҳақиқати ин ҳол ба малик арз кард. Малик фармуд, ки он чаҳор кас ҳозир шуданд. Аз соҳиби гавҳар ҳол бозпурсид. Он чӣ воқеае буд, ба арз расонид.

Подшоҳ аз ишон гавҳар талаб кард. Ҳар се мункир шуданд, ки мо хабар надорем. Подшоҳ мутафаккир шуд, ки чӣ гуна иқрор бикунад ва бе шиканҷаву азоб гавҳарро аз ишон бигирад. Дар ин андеша ба маҳалли худ рафт ва дар фикр буд.

Маликро духтаре буд бисьёр оқила ва доно. Падарро дар фикр дид, пеш рафту гуфт:

— Эй падари бузургвор, ин кудурату фикр дар хотири муборак аз чӣ маъмар аст ва ин ғаму алам аз чӣ раҳтгузар аст?

Подшоҳ аз сурати воқеа духтарро огоҳ кард, ки марде аз роҳи дуре ба умеде барои мо ҳадья меоварда ва бо се рафиқ ҳамроҳ буда, аз ӯ рабудаанд ва ман мехоҳам, ки бе шиканҷаву озор аз ишон иқрор бикашам ва гавҳарро ба даст оварам.

Пас духтар чун гул бишукуфт ва бихандиду гуфт:

— Эй ҷон падар, андеша аз дил бадар кун, ки ин амр сахл аст. Бифармо, то он чаҳор тан пеши ман ҳозир шаванд. Ман аз рӯи ҳакмату тадбир, бе шиканҷаву сиёсат аз ишон иқрор бигирам ва гавҳарро ба даст оварам, ки ба ҳеҷ кас ранҷу аламе нарасад.

Чун рӯз шуд, подшоҳ фармуд, то он чаҳор нафарро ҳозир карданд ва ба хидмати духтар фиристоданд ва духтар ҷавононро навозиш намуда, инъом дод ва аз ҳар ҷо сухан пурсид. Баъд аз он ишонро рухсат дод, ки ҳар шаб ба хидмат ҳозир шаванд ва аз амсолу ҳикоёт саргузаштҳо бигӯянд.

Алқисса, он чаҳор кас густох гашта, ҳар рӯзу ҳар шаб мерафтанд ва аз ҳар ҷо наклҳо ва саргузаштҳо мегуфтанду инъом меёфтанд. Вақте духтар гуфт:

— Эй ҷавонон, маро мушкиле пеш омада. Чун шумо мардуми ҷаҳонгаштаед ва сафарҳо дидаед ва сафар одамиро пухта мекунаду ҷоҳилро комил мегардонад, аз шумо чизе мепурсам, ҳар кадом бар вафқи фаҳму дониши худ маро ҷавоб диҳед!

Гуфтанд:

— Эй маликаи замон, ҳар чӣ донем ва ақли мо бад-он расад, ба арз хоҳад расид.

Духтар гуфт, ки дар таворих овардаанд, ки подшоҳе буд, як духтар дошт ва ӯро бисьёр мехост ва ҳаргиз аз худ ҷудо намекард. Рӯзе он духтар бо канизон ба сайри боғ рафта, тафарруҷ мекард. Ногоҳ назари духтар дар болои дарахт ба гуле афтод, ки мавсимаш набуд. Духтар мутаваҷҷеҳи он гул шуд. Писари боғбон дид, ки духтар мутаваҷҷеҳи он гул аст, филфавр болои дарахт давид ва он гулро чида, пеши духтар овард. Ва духтар аз дидани он гул бисьёр хушҳол шуду гуфт:

— Аз барои подшоҳ тӯҳфае беҳтар аз ин гул намебошад.

Гуфт:

— Эй писари боғбон, аз ман чизе бихоҳ ва ҳоҷате бихоҳ, то ато кунам.

Ва расму одати он замон он буд, ки ҳар кас гули наврас ба дасти касе медод ё меваи наврасе ба касе тӯҳфа медод, ҳар чӣ мехост, медоданд. Чун духтар гуфт: «Чизе бихоҳ ва ҳоҷате биталаб, то ато кунам», писари боғбон аз нодонӣ ва сигари син гуфт:

— Вақте ки туро ба шавҳар диҳанд, пеш аз он ки туро

наздн ӯ баранд, аввал пешн ман биёй, то туро ба он либоси зевар тамошо кунам.

Духтар бихандиду ин муқаддима шарт карду қабул кард ва ба макони худ рафт.

Ва аз ин муддат вақте бигузашт, духтарро ба писари вазир доданд. Чун духтар шавҳарро мулоқот кард, гуфт:

— Дар фалон таърих бо писари боғбон шарту аҳд кардаам ва сурати воқеа боз гуфт. Шавҳар хомӯш гашт. Духтар гуфт:

— Ман зани туам ва то аз уҳдаи ин аҳд берун наёям, ҳаргиз даст ба ту надиҳам, ки пеши уқало нақзи аҳду қавл мазмум аст ва аз макорими ахлоқ дур.

Чун шавҳар ин сухан бишунид, ӯро дастуре дод, ки биравад ва ба аҳди худ вафо кунад.

Пас духтар бо он либосу зевар танҳо берун омада, қасди боғ кард. Чун бо кӯчаи боғ расид, ногоҳ шере бар ӯ сари роҳ гирифт.

Духтар номи худо бурду гуфт:

— Эй асадуллоҳ, медонам, ки ҳеҷ кас аз қазову қадар наҷаст, лекин ман аҳде кардаам, роҳ бикушо, то биравам ва аҳди худ ба ҷо биёварам, боз пеши ту оям, ҳар чи кунӣ, ихтиёр дорӣ, луқмаи туам.

Чун шер ин моҷаро шунид, паҳлӯ тиҳӣ карду роҳ дод ва духтар аз он ҷо гузашт. Чун ба наздики боғ расид, дузде сари роҳ ба ӯ гирифт, дар либосу зевари ӯ нигоҳ кард, духтарро бо камоли ҳусну зинат дид.

Дузд гуфт:

— Субҳоналлоҳ, муддате шуд, ки дуздӣ мекунам, ҳаргиз чунин неъмате ба дасти ман наёмад, ҳамоно ки давлату тавонгарӣ мавқуф ба вақт буда, маро дигар эҳтиёҷ ба дуздӣ нест ва нахоҳад буд ва қасди духтар кард.

Духтар гуфт:

— Эй ҷавонмард, лаҳзае даст нигоҳ дор ва ду калима аз ман бишунав!

Дузд гуфт:

— Чӣ мегӯӣ?

Гуфт:

— Эй ҷавонмард, бидон ва огоҳ бош, ки ман дар ин боғ бо шахсе аҳду қавл кардаам, маро иҷозат деҳ, то биравам ва ба аҳди худ вафо кунам ва боз гашта пеши ту оям, аз либосу зевар ҳар чӣ мехоҳӣ, ихтиёр дорӣ. Карам аз ҷавонмардон монда ва «аз мардӣ то номардӣ як қадам аст».

Он шоҳдузд мардона гуфт:

— «Дар аҳду вафо кам аз зане натавон буд, чӣ марде бувад, ки аз зане кам бувад». Бо вуҷуди нуқсони ақл занонро аз вафо бо аҳд ин ҳама муболиға доранд. Бо вуҷуди он ки гуфтаанд: «Ба сағ донӣ вафо, аз зан надонӣ», ин

ҷо биайниҳӣ бар акси он дидам. Эй неказан, бирав, иҷозат додам, ки ҳайф бошад, бо чунин занон хиёнат шавад, камоли бемурувватию номардӣ бувад, бирав ва ба аҳди худ вафо кун ва шарт ба ҷой оварда, зуд биё!

Пас духтар ба боғ даромад ва ба назди писари боғбон рафт ва ӯро дар хоб дид, бедор кард. Писари боғбон занс дид ороста, бо зинати тамом, дар ниҳояти ҳусн, ҳайрон бимонд.

Духтар гуфт:

— Эй писари боғбон, бидон, ки дар фалон таърих дар ин боғ бо ту аҳд карда будам, ки шаби аввал, ки ба хонаи шавҳар равам, аввал пеши ту оям, инак омадам ва ба аҳди худ вафо кардам.

Писари боғбон чун ин сухан шунид, ба дасту пои духтар афтода, гуфт:

— Эй бонуи ҷаҳон, дар сиғари син аз рӯи беақлӣ ин калом аз ман содир шуд, ту карам кардӣ ва аҳд ба ҷой овардӣ, алҳол ба саломат пеши шавҳари худ бирав, ки интизор мекашад.

Духтар ӯро видоъ карда, аз боғ берун омад ва пеши дузд рафт. Ӯро дар хоб дид, бар болини дузд нишасту ӯро бедор кард.

Гуфт:

— Эй ҷавонмард, бархез, ки ман бар сари ваъда омадаам. Дузд духтарро дид, бихандиду гуфт:

— Ин аст, ки «зан нокис-ул-акл мебошад». Чун маро дар хоб ёфтӣ, чаро ба роҳи худ нарафтӣ ва дидаву дониста, худро ба тала андохтӣ?

Духтар гуфт:

— Эй ҷавонмард, ту дар ҳаққи ман некию эҳсон кардӣ. Чун бад-ин ҷо расидам, занҷири аҳд дар пои худ дидам. Натавонистам гузаштан ва хилофи аҳд кардан. Бар сари аҳду кавли худ омадам. Алҳол ту ихтиёр дорӣ, хоҳӣ тамоми зевари маро бадар кун, хоҳӣ бибахш! Бо писари боғбон шарт ба ҷой овардам, ӯ пой бар сари нафси аммора гузошт ва дар ман тасарруф накард ва маро иҷозат дод, ки пеши шавҳари худ равам ва бо ту низ аҳд карда будам, ба ҷой овардам.

Он дузд гуфт:

— Эй неказан, маозаллоҳ бо чунин касон хиёнат кардан. Ман ҳаргиз тасарруф дар зевари ту накунам, маро ба молу зинати ту аслан эҳтиёҷ нест, хостам туро биёзмоям, ки аҳду вафо аз занон дар ин замон вуҷуди анқо дорад. Чун аз ту ин ба феъл омада, шарти мардӣ набувад дар чунин занон хиёнат кардан. Ту ба саломат пеши шавҳари худ бирав, ки интизор мекашад.

Духтар ӯро дуо карда, равона шуд ва пеши шер омад. Шер ҳамон ба сари роҳ хобида буд. Духтар гуфт:

— Эй асадуллоҳ, ҳеҷ кас аз қазову қадар натавонад гурехт агар ҳақтаоло маро насиби ту карда, инак омадаам ва ба аҳди худ вафо намудаам ва тан ба қазо додаам.

Он шер ба фармони худо ба забон омаду гуфт:

— Эй шерзан, ман шер нестам ва ман яке аз ҷинниёнам ва он дузд низ яке аз бародарони мост ва он рӯз, ки ту дар он боғ бо писари боғбон шарту аҳд кардӣ, мо дар он ҷо ҳозир будем ва он калом аз ту шунидем, тааҷҷуб кардем, ки оё аз одамизод ин шарту аҳд ба феъл ояд ва ба қавли худ вафо хоҳад кард? Аз ту дидем, ки ба аҳди худ вафо кардӣ ва қавл ба ҷо овардӣ, алҳол ба саломат пеши шавҳари худ рав, ки интизори ту мекашад.

Духтар аз он ҷо пеши шавҳари худ омад ва воқеа бозгуфт. Чун духтар бар сабили тамсил ин ҳикоят кард, ҷавонон шуниданд.

Духтар гуфт:

— Эй ҷавонон, шумо дар ҷаҳон гаштаед ва сафарҳою таҷрибаҳо кардаед, ба ман бигӯед, ки ин чаҳор тан, ки аз сари ҷунон духтаре гузаштанд, кадом яке ҷавонмардтар буд ва қуввати мусобарати кадом як бештар буда? Шумо ҳар кадом бар тибқи ақлу дониши худ барои ман тамсил биёваред!

Яке аз онҳо гуфт:

— Ба эътиқоди ман писари боғбон аз ҳама ҷавонмардтар буда, ба воситаи он, ки ҷунон маҳбубаи бозинат ва ҷунон давлате босаодат дар айёми шабоб дар он вақти шаб ба сарвақташ расид, по бар сари нафси аммора гузошта ва дар он тасарруф накард, аз ҳама ҷавонмардтар аст.

Марди дигар гуфт:

— Ба эътиқоди ман муруввати дузд аз ҳама зиёдтар буд, бо вуҷуде ки кори ӯ дуздист, аз сари ин ҳама гавҳару зинат гузашт ва ҳеҷ тасарруф накард, ба хусус дар он вақти шаби торик. Пас, ҷавонмардии ӯ аз ҳама зиёдтар аст ва бар ҳама тарҷеҳ дорад.

Сеюм гуфт:

— Ба эътиқоди ақли ман, карами шер ва муравввати ӯ аз ҳама зиёдтар аст. Бо вуҷуди табиати сабӯӣ ҷунон луқмаи латиф ба дасти ӯ ояд, бо қуввату ғояти ҷӯъи баҳоим аз сари ҷунон луқмаи латиф даргузарад, пас гузашти ӯ зиёдтар аст.

Марди чаҳорум гуфт:

— Ба эътиқоди ақли ман, караму муруввати шавҳар аз ҳама бештар аст. Кӣ ҷунон духтаре, зани худро, дар он дили шаб бо зевару зинат берун фиристад?! Пас ӯ ҷавонмардтар аст.

Чун он чаҳор тан ин фусул баён карданд, духтар гуфт:

— Ҳама рост гуфтед, он чӣ дар тинати шумост ва дар замири ҳар яке аз шумо буд, дартаровад. «Кулли ина ин ятарашшаху бимо фиҳи» — —аз кӯза ҳамон буруи таровад, ки дар ӯст». Ва ҳар як нақши худ дидеду табиати худ баён кардед ва он чӣ дар табиату тинати шумо буд, зоҳир кардед:

Қосаи чинӣ, ки садо мекунад,
Худ сифати хеш адо мекунад.

Ва ҳар кадом ҳикояти аҳволи худ баён кардед. Пас духтар фармуд он чаҳор танро нигоҳ доранд ва худ пеши падар омаду гуфт:

— Гавҳар пеши он касест, ки дуздро тарчеҳ дод ва ҷавонмардтар донист, ки «ал-каломӯ сифат-ул-мутакаллим». Ҳар чӣ дар тинату хӯи касе ҳаст, онро зоҳир мекунад ва худ хабар мекунад ва ин чаҳор касро табиат мухталиф бувад, ҳар кадом нисбат ба ҳоли худ сухан гуфтанд. Марди аввал, ки писари боғбонро бар ҳама тарчеҳ дод ва баргузид, марди соҳибшаҳвату ҳарзакор бувад. Ба равишу табиати худ ҳикоят кард, ки одати ӯст ва марди дуюм, ки шерро тарчеҳ дод, акулу шикампараст аст, ки ҳалолу ҳаром фарқ накунад ва дар фикри хӯрдану хобидан аст, ӯ табиати баҳоим дорад ва ба ҳоли худ сухан гуфт.

Марди сейӯм, ки шавҳарро бар ҳама тарчеҳ доду некӯ донист, марди беғайрат ва беҳамияту беобрӯст ва аз мардӣ баҳрае надорад ва аз шарафи инсоният маҳрум аст ва марди чаҳорӯм, ки дуздро тарчеҳ дод, табиати ӯ дуздист ва тинати ӯ бар дуздӣ маҷбул аст. Ва ҳар кадом ҳоли худ бозгуфтанд ва баён карданд ва ҳар чӣ дар тинати аслии ишон буд, зоҳир карданд.

Ҳар киро одати замим бувад,
Бехабар мешавад аз ӯ зоҳир.
Неш бар санг мезанад акраб,
Гарчи бар вай намешавад қодир.

Пас касон ба висоқи дузд фиристоданд ва ҳуққаи гавҳарро оварданд.

Он духтар гавҳарро аз рӯи ақлу дониш бе шиканҷаву сиёсат ба даст оварду аз он рӯз ин тамсил мондааст, ки «аз кӯза ҳамон буруи таровад, ки дар ӯст»...

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## АМОНАТРО НАШОЯД ХИЕНАТ КАРД

Чунон шунидам, ки марде ба саҳаргоҳ ба торикӣ аз хона берун омад, то ба гармоба равад. Дар роҳ дӯстеро аз онҳо хеш бидид. Гуфт:

— Мувофиқат кунӣ бо ман, то гармоба равем?

— Дӯст гуфт:

— То ба дари гармоба бо ту ҳамроҳӣ кунам, лекин дар гармоба натавонам омад, ки шугле дорам.

То ба наздики гармоба бо вай рафт, ба сари дуроҳӣ расиданд ва ин дӯст пеш аз он ки дӯстро хабар диҳад, боз гашт ва ба роҳи дигар бирафт. Иттифоқро тарроре аз паси ин мард ҳамеомад, то ба гармоба равад ба тарроріи хеш. Аз қазо ин мард боз нигарист, тарроре́ро дид. Ва ҳанӯз торик буд. пиндошт, ки он дӯсти ӯст. Сад динор дар остин дошт, бар дасторча баста, аз остин берун кард ва бад-он таррор дод ва гуфт:

— Эй бародар, ин амонат аст, бигир, то ман аз гармоба бароям, ба ман боз диҳӣ!

Таррор зар аз вай биситонд ва ҳамон ҷо мақом кард. То вай аз гармоба баромад, равшан шуда буд. Ҷома пӯшиду рост бирафт. Таррор ӯро боз хонду гуфт:

— Эй ҷавонмард, зари хеш боз ситон ва пас бирав, ки имрӯз ман аз шугли хеш бозмондам аз ҷиҳати амонати ту!

Мард гуфт: — Ин амонат чист ва ту чӣ мардӣ?

Таррор гуфт: — Ман марде таррорам ва ту ин зар ба ман додӣ, то аз гармоба баройӣ.

Мард гуфт: Агар таррорӣ чаро зари ман набурдӣ?

Таррор гуфт: Агар бар саноати хеш бурдаме, агар ин ҳазор динор будӣ, наандешидаме аз ту ва як ҷав боз надодаме, валекин ту ба зинҳор ба ман супурдӣ ва дар ҷавонмардӣ набошад, ки ба зинҳор ба ман омадӣ, ман бар ту ноҷавонмардӣ кардаме, шарти муруввват набудӣ.

Аз «Қобуснома»

## АНГУШТ-АНГУШТ МАБАР, ТО ХИК-ХИК НАРЕЗӢ

Овардаанд, ки дар билоди Гелон марде буд мутамаввил ва моли бениҳоят дошт, ки аз мамарри нафтфурӯшӣ маъмул буд ва аз ҳирси мол ба ғулом таълим медод, ки дар вақти харидани нафт ҳар ду ангушти саббобаро бар даври паймона гузор, то андаке зиёд гирифта шавад ва дар вақти фурӯхтан ба мардум ангуштро аз даври паймона дур гардон, то андаке кам дода шавад.

Ғулом гуфт:

— Эй хоҷа, дар ин хиёнат мешавад ва мол ҳаром мегардад ва аз шумии хиёнат ҳама ба як бор ба бод меравад, дар ин вақт афсӯс суде накунад ва моли ҳаром дар дунё вафо накунад, чӣ ҷои ҳаром, ки азоби охират бошад? Ангушт ба даври паймона гузоштан чӣ қадар нафъ кунад ва чанд қатра нафт чӣ қадар тафовут кунад ва аз каму зиёди он чӣ ҳосил омад? Ва бо ин ният тамоми мол ҳаром мешавад.

Хоҷа гуфт:

— Эй ғуломи беақл, ин муомилаи савдогарӣ аст, аз сара чизҳои андак набояд гузашт, ин мулоҳиза бояд намуд, ки дар масалҳо гуфтаанд: «Қатра-қатра ҷамъ гардад в-он гаҳе дарьё шавад».

Ғуломи поксиришт гуфт:

— Ин масалро ҳам гуфтаанд: «Ҳар чи ба забон омад, ба зиён омад» ва моли ҳаром ҷамъ карда охир ба дарьё равад.

Хоҷа гуфт:

— Ман мол ба дарьё намебарам ва дарьё ба хонаи ман намеояд. Беҳуда магӯ, бирав ба кори хештан машғул бош, туро ба ин фузулиҳо чӣ кор аст?

Ғулом гуфт:

— Он чӣ ҳақ буд, гуфтам, дигар ту донӣ. Пас ғулом ба фармудаи хоҷа кор мекард.

Чун аз ин муддате гузашт, хоҷа шунид, ки дар Ҳашдархон нафт қимати тамом дорад ва ҳирс ӯро бар ин дошт, ки ба он ҷо равад ва сафари дарьё кунад. Нафти бисьёре қариб ба ҳазор хик харид ва ба болои киштӣ бурда ва киштиро пуру мамлу гардонид. Ба ғулом гуфт:

— Агар ин бор бармегардем ва ба диёри худ оем, дигар ба савдогарӣ эҳтиёҷ нахоҳад шуд. Боғу зиёъ харида, осуда гардем.

Ғулом гуфт:

— Эй хоҷа, чаро нагуфтӣ иншоаллоҳ таоло, агар худо хоҳад, чунин хоҳем кард?

Алқисса, чун ба киштӣ рафтанд ва ба миёни баҳр расиданд, ногоҳ боди азиме бархост ва тӯфон баҳам расид ва киштиро ба ҳаракат овард. Дили хоҷа чун мавҷ дар сина тапидан гирифт ва киштӣ бе лангар шуд.

Ҳомилон гуфтанд:

— Эй хоҷа, ҷон азиз аст, агар хоҳӣ ба саломат барой, киштиро сабук бояд кард, шояд аз хатар берун тавонем омад.

Хоҷа аз тарси ҷон бо дасти худ хикҳои нафтро ба дарьё меандохт* ва ба ғулом гуфт, ки халосӣ ва наҷоти мо ба дасти худост. Дар вақти хик ба дарьё андохтан ғулом фурсат ёфт хоҷаро нишонаи ноаки таънеъ ва маломат сохту гуфт:

— Эй хоҷа, **«Ангушт-ангушт мабар, то хик-хик нарезӣ»**.

Чун хикҳои нафтро тамом ба дарьё андохтанд ва киштӣ холӣ гардид, ба ҳукми худо бод бартараф шуду киштӣ барқарор истод. Пас хоҷа киштиро аз хикҳои нафт холӣ дид, пушти даст ба дандон гирифту бар сари худ мезад.

Ғулом гуфт:

— Эй хоҷа, алҳол афсӯсу надомат нафъ надиҳад. «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд». Қатра-қатра аз моли ҳаром

ҷамъ карди ва хик-хик ба дарьё андохтӣ ва ин масал аз он рӯз монда, ки «ангушт-ангушт мабар, то хик-хик нарезӣ» ва аз ин тамсил ибрат бояд гирифт.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

Ҳикояти дигар:

Марде буд гӯсфанддор ва рамаҳои бисьёр дошт ва уро шубоне буд бағоят порсо ва муслеҳ. Ҳар рӯз шири гӯсфандон чандон ки буди, ба наздики худовандони гӯсфандон бурдӣ. Он мард, ки шир бурдӣ об бар вай ниходӣ ва ба шубон додӣ ва гуфтӣ:

— Бирав ва бифурӯш!

Он шубон он мардро насиҳат мекард ва панд медод, ки эй хоҷа, бо мусулмонон хиёнат макун, ки ҳар кӣ бо мардумон хиёнат кунад, оқибаташ номаҳмуд бувад.

Мард сухани шубон нашунид ва ҳамчунон об мекард, то иттифоқро як шаб ин гӯсфандонро дар рудхона бихобонид ва худ бар болои баланд бирафту бихуфт. Ва фасли баҳор буд. Ногоҳ бар кӯҳ борони азим бибориду селе бихост ва андаруни рӯдхона афтод ва ин гӯсфандонро ҳама ҳалок кард.

Ва як рӯз шубон ба шаҳр омад ва пеши худованди гӯсфандон рафт бе шир. Мард пурсид, ки чаро шир наёвардӣ?

Шубон гуфт: Эй хоҷа, туро гуфтам, ки об бар шир маёмез, ки хиёнат бошад, фармони ман накардӣ. Акнун он обҳо, ки ҳамл ба нархи шир мардумонро дода буди, ҷумла шуданд ва ду̣е ҳамла оварданд ва гӯсфандони туро ҷумла бибурданд.

Аз «Қобуснома»

## АНГУШТ НАМАҚ АСТ, ХАРВОР ҲАМ НАМАҚ АСТ

Дар рӯзгори қадим подшоҳе духтаре дошт дар ниҳояти ҷамол ва ғояти камол. Ҳар кӣ ба хостгории он духтар меомад, подшоҳ мегуфт:

— Ҳар кас битавонад як харвор намак бихӯрад, ман духтарамро ба ӯ медиҳам ва илло фало.

Қасоне, ки маъмури ин кор буданд, ӯро бар сари харвовур мекарданд, ба даргоҳи шоҳ шитофта ва пас аз хӯрдани миқдори каме намак ҳолашон мунқалиб ва мизоҷашон дигаргун шуда, маъюс бармегаштанд, то ин ки як рӯз дарвеши фаҳмида ва дуньёдидае, ки ин матлаб ба гӯшаш расида буд, ба дарбори шоҳ рафту хостгори духтари ӯ шуд.

Қасоне, ки маъмури ин кор буданд, ӯро бар сари харвори намаке бурда ва шарти подшоҳро ба ӯ гуфтанд.

Дарвеш ангуште аз он харвори намак бардошта, ба даҳон ниходу гуфт:

— Ба шоҳ бигӯед, агар манзур аз намак аст, ангушт намак аст ва харвор ҳам намак аст.

Вақте сухани дарвешро ба арзи шоҳ расониданд, гуфт:
— Оре, ҳақиқат ҳамин аст, ки дарвеш гуфтааст: **«Ангушт намак аст ва харвор ҳам намак аст»** ва духтарро ба ақди дарвеш даровард.

Аз «Достонҳои амсол» II

## АНДАК-АНДАК БА ҲАМ ШАВАД БИСЬЁР, ДОНА-ДОНА-СТ ҒАЛЛА ДАР АНБОР

Дар ин рӯзҳо бузургзодае хирқае ба дарвеше дод. Тоинҷон хабари ин воқеа ба самъи падараш расониданд. Бо писар дар ин бора итоб мекард.

Писар гуфт:

— Дар китобе хондам, ки ҳар ки бузургӣ хоҳад, бояд ҳар чӣ дорад, нисор кунад. Ман бад-он ҳавас ин хирқаро нисор кардам.

Падар гуфт:

— Эй аблаҳ, ғалат дар лафзи «нисор» кардай, ки ба тасҳиф хондай? Бузургон гуфтаанд, ки ҳар кӣ бузургӣ хоҳад, бояд ҳар чӣ дорад, анбор кунад, то ки бад-он азиз бошад. Намебинӣ, ки акнун ҳама бузургон анбордорӣ мекунанд.

Шоире гуфт:

**«Андак-андак ба ҳам шавад бисьёр,**
**Дона-дона-ст ғалла дар анбор».**

Убайди Зоконӣ

## БА ДӮСТӢ ДӮСТЕ МЕКАНАД ПӮСТЕ

Гӯянд, ки дар рӯзгорони қадим ду нафар ҷавон, ки ҳар ду дар миёни ҳамтинони худ дар рашодату шуҷоат мислу монанд надоштанд, бар сари духтаре, ки ҳар ду хостору хостгори ӯ буданд, бо ҳам низоашон шуд. Ва чун касеро ёрои он набуд, ки бароӣ миёнҷигарӣ худро дар миёни он ду шери ғурранда ва ду бабри дарранда афканад, ҷандон бо гурзу шамшер бар пайкари ҳамдигар навохтанд, ки дигар бечон шуда, ҳар як ба замин афтоданд. Дӯстону ақрабо онҳоро ба хонаҳояшон бурданд.

Падари яке аз ин ду нафар паҳлавон — табиб буд ва фавран фарзанди худро дар бистар андохт ва ба муолиҷаи захмҳои мутааддиди ӯ пардохт ва лизо рӯз ба рӯз рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Вале паҳлавони дигар, бадани маҷрӯҳу мазрубаш рӯз ба рӯз бадтар шуда ва ҳолаш рӯ ба вахомат ниҳод. Чун дар он ҳаволӣ табиби дигар набуд ва агар ба илоҷи ӯ намепардохтанд, аз он маҳлака ҷон бадар намебурд. Ноҷор ӯро ба назди табиби мазкур бурданд ва аз ӯ узрҳо хоста ва таманниҳо карда ва пулҳо доданд, то вайро розӣ ба муолиҷаи ҷавони паҳлавон карданд.

Табиб ба мудаввои ҷавон пардохт, вале аз он ҷое, ки ҳаметавонист даст аз талофӣ бардорад ва кинаи касе, ки ҷигаргӯшаашро бад-он ҳол сохта, надида ангорад. Ҳар рӯз миқдоре аз пусти бадани он ҷавонро бо миқроз меканад ва вақте касони ҷавон иллати ин корро аз ӯ мепурсиданд, мегуфт:

—Чун ба илоҷ фаврӣ напардохтаед ва муддате аз муолиҷаи ӯ гузашта, ҷои зарбаҳо ва захмҳо ҷароҳат карда ва агар пусти рӯи онҳоро наканам ва марҳам нанниҳам, сиҳат нахоҳад ёфт.

Бо ҳамин баҳона ҳар рӯз миқдоре аз пӯсту гӯшти он паҳлавонро бо миқроз канда ва захмҳои ӯро бо давоҳое, ки худаш медонист, чӣ тавр ӯро шиканҷа диҳад, намакпош менамуд ва барои ин ки аз назари маъшука бияфтад, махсусан пӯсту гӯшти сурати уро ба ҳамин баҳона сар то сар канда ва ранги сурати ӯро бо пошидани давоҳои махсус мутағайиру кареҳ-ул-манзар намуд.

Донишманде, ки мултафити ин қозия буд, гуфт: **«Ба дӯстӣ дӯсте меканад пӯсте»** ва мақсудаш табиби фавқ-уз-зикр буд, ки пас аз тақозоҳо ва истидъоҳо таъаҳҳуд кард, ки ҷавони паҳлавонро ҳамчун фарзанди худ муолиҷа кунад ва охируламр чӣ гуна пӯст аз сари ӯ канд ва ин зарбулмасал шуд.

Аз «Достонҳои амсол» II

## БАРКАНДА БЕҲ ОН РИШ, КИ ДАР ДАСТИ ЗАНОН АСТ

Овардаанд, ки шахсе ду аврат дошт: яке пару дигар ҷавон ва худ думӯй буд. Ва ҳарду авратро дӯст медошт. Шабрӯзӣ дар хонаи ҳар як будӣ. Ва одат карда буд, ки чун ба хона даромадӣ, сар дар канори зан ниҳодӣ ва ба хоб рафтӣ.

Рӯзе ба хонаи зол даромад ва ба ҳукми одат сар дар канори ӯ ниҳода дар хоб шуд. Зол дар рӯю мӯи вай нигарист ва бо худ гуфт: «Ҳеҷ беҳ аз он нест, ки дар маҳосини ин шахс чанде мӯи сиёҳ аст, барканам, то риши ӯ тамом сафед намояд. Ва он зани ҷавонро бад-ӯ рағбат намонад. Ва чун аз он рағбате набинад ва нафрате ва малоле фаҳм кунад, оташи муҳаббати вай низ интифоъ ёфта, дил аз ӯ бардорад ва ба куллӣ бо ман бипардозад». Пас он қадар ки тавонист, мӯи сиёҳ аз риши ӯ барканд. **«Барканда беҳ он риш, ки дар дасти занон аст».**

Рӯзи дигар он шахс ба хонаи зани ҷавон шуд ва ба тариқи маъмул сар бар канори ӯ ниҳода, дар хоб шуд. Зани ҷавон дар маҳосини ӯ чанде мӯи сафед дид. Бо худ андешид, ки ин мӯйҳои сафедро барбояд канд, то тамоми риши ӯ сиёҳ намояд. Ва чун худро сиёҳмӯй бинад, ҳароина аз суҳбати

пирзан мутанаффир гашта ба ман рогиб гардад. Пас ӯ низ он микдор, ки муктазои вакт буд, аз мӯйҳом сафед баркand. Чун бар ин чанд вакт бигузашт, рӯзе он шахс даст ба маҳосини худ фуруд овард, дид, ки мӯе барчо аз хирмани риш битамомӣ бод бурда. Фарьёд баркашид ва ба хеч чо нарасид.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

## БАРОДАРОН ЧАНГ КУНАНД, ДУШМАНОН БОВАР КУНАНД

Гӯянд, вакте Абдулмалик бинни Марвон азимати чанг бо Мусъаб ибни Зубайрро намуд, аркони давлат ва аъёни мамлакати Рум ба кайсар гуфтанд, ки салоҳ дар он аст, ки дар ин вакт, ки Абдулмалик ба муҳорибаи Мусъаб машғул аст, мамлакати ӯро дар тахти тасарруф дароварем!

Гуфт:

— Барои ин ки ба шумо собит кунам, раъйи шумо хатост, эссоа ба шумо менамоям. Он гоҳ гуфт:

— Сагеро ҳозир кунед!

Сагеро ҳозир карданд ва саги дигар дар баробари ӯ дошта, то сагон ба чанг афтоданд, ба муқорини ин ҳол гуфт то рӯбоҳе оварда, пеши онҳо раҳо кунанд. Сагон аз чанги худ даст кашида, рӯй ба тарафи рӯбоҳ ниҳоданд ва рубоҳро гирифта пора-пора карданд.

Қайсар гуфт:

— Чанги мо бо ишон ҳамин суратро дорад ва чун ба вилояти Шом равем, Абдулмалик ва Мусъаб мусолиҳа намуда муттаҳидан ва муттафикан рӯй ба ҳарби мо оваранд ва мо токати муковимат бо ду подшоҳи муктадиру азим-ушшаънро надорем.

Аз «Достонҳои эмсол» II

Ҳикояи дигар:

Гӯянд, дар кадимулайём дар шаҳре ду бародари зӯрманде будаанд. Ин бародарон дар кӯчаи паси кӯчаҳои он шаҳр, ки убуру мурури мардум камтар аз онон мешуд, рӯ ба рӯи ҳам истода ва ҳар вакт касеро аз дур медиданд, ки вориди он кӯча мешуд, бо мушт ба сару каллаи якдигар мезаданд, то вакте он шахси обир барасад. Ва вакте ӯ мерасиду мехост онҳоро аз якдигар чудо кунад, дар ҳини миёнчигарӣ кардану кашмакаш ҳар чӣ дар чайбу бағал дошт, мавриди дастбурди онҳо вокеъ мешуд. Ва чун хеле аз мардуми дилрахм ва ё ба кавли мардуми он замон аблаҳону нодонон фиреби «чанги заргарӣ» ё «чанги бозорӣ»-и он ду бародарро хӯрда буданд, мегуфтанд: «Бародарон чанг кунанд, аблаҳон бовар кунанд».

Аз «Достонҳои эмсол» II

## БАРОИ НИҲОДАН ЧИ САНГУ ЧИ ЗАР

Яке заҳраи харҷ кардан надошт,
Зараш буду ёрои х(в)ардан надошт.
На хӯрдӣ, ки хотир баросоядаш,
На додӣ, ки фардо ба кор оядаш.
Шабу рӯз дар банди зар буду сим.
Зару сим дар банди марди лаим.
Бидонист рӯзе писар дар камин,
Ки мумсик куҷо кард зар дар замин.
Зи хокаш дар оварду бар бод дод,
Шунидам, ки санге дар он ҷо ниҳод.
Ҷавонмардро зар бақое накард,
Ба як дасташ омад, ба дигар бих(в)ард.
К-аз ин камзанӣ (?) буду нопокрав,
Кулоҳаш ба бозору мезар гарав.
Ниҳода падар чанг дар нои хеш,
Писар чангу ною даф оварда пеш.
Падар зору гирьёни ҳама шаб нахуфт,
Писар бомдодон бихандиду гуфт:
«Зар аз баҳри хӯрдан бувад, эй падар,
Зи баҳри ниҳодан чи сангу чи зар?!»
Зар аз санги хоро бурун оваранд,
Ки бо дӯстону азизон хӯранд.
Зар андар кафи марди дуньёпараст
Ҳанӯз, эй бародар, ба санг андар аст.
Чу дар зиндагонӣ бадӣ бо аёл,
Гарат марг хоҳанд, аз эшон манол!..
Бахили тавонгар ба динору сим
Тилисмест болои ганҷе муқим.
Аз он солҳо мебимонад зараш,
Ки ларзад тилисме чунин бар сараш.
Ба санги аҷал ногаҳон бишкананд,
Ба осудагӣ ганҷ қисмат кунанд.
Пас аз бурдану гирд кардан чу мӯр,
Бихӯр пеш аз он, к-ат хӯрад кирми гӯр!..

Саъдии Шерозӣ

## БА СИЯҲДИЛ ЧӢ СУД ГУФТАНИ ВАЪЗ, НАРАВАД МЕХИ ОҲАНИН ДАР САНГ

Корвоне дар замини Юнон бизаданд ва неъмати беқиёс бибурданд. Бозаргонон гирьяву зорӣ карданд ва худову паямбар шафеъ оварданду фоида набуд.

Чу пирӯз шуд дузди тирараво н,
Чӣ ғам дорад аз гирьяи корвон?

Луқмони Ҳаким андар он корвон буд. Яке гуфташ аз корвониён:

— Магар иноро насиҳате куни ва мавъизае гӯй, то ки тарафе аз моли мо даст бидоранд, ки дареғ бошад, чандин неъмат ки зоеъ шавад.

Гуфт

— Дарег бошад калимаи ҳикмат бо ишон гуфтан.

Оҳанеро, ки мурьёна бихўрд,
Натавон бурд аз ў ба сайқал занг.

**«Ба сияҳдил чӣ суд гуфтани ваъз,**
**Наравад мехи оҳанин дар санг»**

Саъдии Шерозӣ

## БА СУХАН АБЛАҲ МЕГИРАНД, АММО РАҲО НАМЕКУНАНД

Гуянд, ки аъробие буд дар шаҳри Багдод, шикор мекарду мегашт. Иттифоқан ҳокими шаҳр он ҷо дар шикор буд, бар сари роҳ фуруд омада буд. Аъробӣ ба сари суфраи ӯ расид. Ҳоким марҳабо гуфт. Аъробӣ биншаста ба таом хурдан машғул шуд. Аъробӣ дар он суфра ду кабк дид кабоб. Бихандид. Ҳозирон гуфтанд:

— Эй беадаб, дар суфраи бузургон дар вақти таом хўрдан ин хандаи бевақт ва дар ин вақт туро чӣ ба хотир расид?

Аъробӣ гуфт:

— Дар ин хандидани ман сиррест.

Ҳоким аз ин сухан дар қаҳр шуда гуфт:

— Чӣ сир аст? Бояд гуфт!

Аъробӣ опро ҳунару шуҷоати худ донист Гуфт:

— Е амир, сабоҳе дар ин бодия паи шикор будам. Иттифоқан савдогаре танҳо ва бе рафиқ дучори ман шуд ва молс ҳамроҳи ӯ буд, ўро гирифтам ва маҳкам барбастам ва маркабе пуркумош ҳамроҳ дошт, ўро фуруд овардам. Он замон қасди куштани ӯ кардам, ба ҷазаъу фазаъ даромад, ки маро макуш ва моли маро ҳарчи қадар мехоҳӣ, бардор, ки дар шаҳр фарзандон дорам ва хонаи ман дар фалон маҳалла аст. Маро раҳо кун, то ба сари фарзандони худ равам!

Ман қабул накардам ва гуфтам:

— Беҳуда макўб оҳани сард, ки нафъ накунад, ки устодон гуфтаанд: «Сарбурида сухан надорад» ва агар туро зинда гузорам, ин сир фош шавад. «Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ?»

Чун савдогар донист, ки халосӣ надорад, дар он асно ду кабк омада дар болои санге нишастанд. Мард гуфт:

— Эй кабкон, ба ҳоли ман гувоҳ бошед, ки ин мард маро бегуноҳ мекушад. Фардои қиёмат дар ҳаққи ман гувоҳӣ диҳед.

Гуфтам:

— Эй аблаҳ, қиёматро кӣ дидааст ва куҷост?

Он гоҳ гардани ўро задам ва моли ўро бурдам. Алҳол ин ду кабкро дар ин ҷо кабоб дидам. Сухани аблаҳонаи марди савдогар ба хотирам расиду хандидам ва хандидани ман аз ин ҷиҳат буд.

Чун дузди аъробӣ опро ҳунару шуҷоати худ донист ва хо-

кимро чун худ тасаввур кард, ки гуфтаанд: «Кофар ҳамаро ба кеши худ пиндорад». Он чи воқеъ буд, боз гуфт.

Ҳоким даст аз таом хӯрдан бозкашид ва гуфт:

— Эй бадбахти шақӣ, ту ба забони худ иқрор кардӣ ва кабкон низ дар замини он гувоҳӣ медиҳанд, ки он бечораро ноҳақ куштӣ ва раҳм дар дили ту шақӣ набуда ва забони ту низ гувоҳӣ ба кирдору аъмоли ту дода. Хуни ноҳақ ҳадар нахоҳад шуд ва ба пои худ ба салоххона омадӣ.

Фармуд, то аъробиро маҳкам барбастанд.

Аъробӣ гуфт:

— Ё амир, ман накуштам ва мазоҳ кардам ва лоф задам, маро бубахш!

Гуфт:

— Эй шақӣ, ту худ иқрор кардӣ, ҳоло инкор мекунӣ. **«Ба сухан аблаҳ мегиранд, аммо раҳо намекунанд».** Он чӣ дар тинат ва замири ту буд, берун таровид ва ба забони худ иқрор кардӣ, ҳоло инкор мекунӣ. «Забони сурх сари сабз медиҳад барбод». Ба феъли зишти худ иқрор кардӣ, ба тала афтодӣ.

> Ҳар ки теғи ситам кашад зи ниём,
> Ба ҳамонаш кунад ҳалок айём.

Ҳар чӣ кардӣ, дарьёфтӣ ва ҳар чӣ коштӣ, даравидӣ.

Баъд аз он ӯро шиканҷа карданд. Гуфт: Қумош ва асбоб ҳама ҳозир аст, ҳоким ҷамъеро фиристод, то асбобро ба ҳузур оварданд ва фарзандони савдогарро талабид ва молҳоро тамом таслим кард ва аъробиро ба дор кашиданд ва ба сазои худ расид.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

### БЕ ПИР МАРАВ ТУ ДАР ХАРОБОТ, ҲАРЧАНД СИКАНДАРИ ЗАМОНӢ

Гуянд, Искандар эҳсос карда буд, ки барои ҷаҳонкушоии худ беш аз ҳар чӣ мӯҳтоҷ ба неруи ҷавон аст. Ба ҳамин ҷиҳат сарбозони мутаҷовиз аз сисоларо ба хидмат намепазируфт ва ҳатто иҷозат намедод, ки ин афрод илова бар сарбозӣ ба ҳар исму унвони дигар ворид сипоҳ шаванд ва чунончи: чунин ашхосе ба таври махфиёна ба ӯрдуи ӯ роҳ меёфтанд, ба маҳзи иттилоъ нобуд мешуданд. Бо ин васф ду нафар аз сарбозони рашиду фидокори вай дар асари ҷасорати меҳру алоқаи хонаводагӣ хилае зада, падари пири худро дар сандуке сарбаста ба ҳамроҳ доштанд.

Ҳангоме ки ӯрду аз хастагии роҳпаймоӣ дар зери осмони торики шаб ба хоб мерафт, пирмард аз сандуқ берун меомад ва бо писарони азизи худ ба гуфтугӯ мепардохт ва субҳгоҳон боз ӯро дар сандуқ карда ба роҳ меафтоданд.

Сафарҳои Искандари Зулқарнайн ҳамаги омехта бо аҷоибу ғароиб буд, аз ҷумла дар яке аз онҳо пас аз паймудани фарсангҳо роҳ дар як маъбари тангу саъб-ул-убури кӯҳистонӣ ба садди баланду маҳкаме расиданд, ки убур аз он маҳол менамуд.

Субҳгоҳон, ки ӯрдуи Зулқарнайн сар аз хоб бардошт, дасти аҷибе ба панҷ ангушту бозуи нуронӣ дар осмон зоҳир гардид ва ҳеҷ кас аз худи Искандар гирифта, то пасттарин афроди ӯрду натавонист аз рози ин даст огоҳ гардад.

Чизе намонда буд, ки сипоҳ маҷбур ба бозгашт шавад, то он ки шаб, ҳангоме ки пирмард бино ба маъмул аз сандуқ беруи омад, писарон моҷароро барои вай ҳикоят карданд.

Пирмард лаҳзае ба тафаккур пардохт ва сипас рӯ ба писарон карда гуфт:

— Чунончи, фардо аз Зулқарнайн таъмини ҷонӣ барои ман бигиред, ӯрдуро аз ҳамин сад убур хоҳам дод.

Фарзандон қазияро ба арзи Искандар расонида ва барои ӯ таъмини ҷонӣ хостор шуданд. Вақте пирмард ба ҳузури Искандар расид, пас аз қавли таъмини ҷонӣ ва ваъдаву нависи бисьёр карор шуд, муаммои ин дасти аҷибро ҳал намояд.

Пир пас аз гирифтани таъмини ҷонӣ бедаранг ба муқобили сад рафт ва ду ангушти худро монанди адади ҳафт аз ҳам кушод, ҷилави он даст гирифт. Лаҳзае баъд аскаре аз он дасту сад бар ҷой намонд. Ҳангоме ки пирмард ба боргоҳ баргашт, Искандар аз вай хост, ки ҳақиқати ин розро барои ӯ баён кунад. Пир табассуме карда гуфт:

— Манзури он панҷ ангушт ин буд, ки чунончи, панҷ нафар аз рӯи ҳақиқат бо якдигар муттаҳид шуданд, садди маҳкаму азимеро аз пеш бархоҳанд дошт. Вале ман бо кушодани ду ангушти ба он дастгайбе холӣ кардам, ки эҳтиёҷ ба панҷ нафар набуда ва ду нафар ҳам кофист ва метавонанд ин корро анҷом диҳанд.

Аз он ба баъд Зулқарнайн дастур дод, ки пирони равшанзамири ҳар шаҳр дар илтизоми ӯ бошанд, то ҳангоми бурузи мушкилот, аз тариқи машварат бо вай ҳамкорӣ намоянд. Ба ҳамин муносибат шоире шеъри зер гуфт ва он зарбулмасал шуд:

> «Бе пир марав ту дар харобот,
> Ҳарчанд Сикандари замонӣ».

Аз «Достонҳои амсол» II

## БӮРЬЁБОФ АГАРЧИ БОФАНДАСТ, НАБАРАНДАШ БА КОРГОҲИ ҲАРИР

Шахсеро ҳамсояе буд. Дид, ки ӯро ҷамъияти вофир ва ҳузуру фароғати мутақосир пайдо шуд. Пурсид, ки: фало-

ий, аҳвол ва авзои ту маълум буд, ки молу манол туро аз куҷо ҳосил шуд?

Гуфт:

— Ба мулозимати подшоҳ шитофтам ва нону чурғот хӯрда, ҷоху сарват ёфтам.

Ин шахс низ пеши подшоҳ рафта нону чурғот талабид. Подшоҳ ин мардро мисли марди пешина хаёл кард ва фармуд, ки нону чурғот оварданду пеши ӯ ниҳоданд. Лукмаи нонро дар чурғот зада, пораe бар замин чаконида ва пораe дар канори худ андохт ва ба миқдоре риши худро олуда сохт.

Подшоҳ пурсид, ки кор ҳамин аст?

Гуфт:

— Бале.

Фармуд, ки ӯро даҳ гарданӣ заданд ва даҳ шаллоқи дигар мазид сохта, ӯро аз маҷлис берун карданд.

> **«Бӯрьёбоф агарчи бофандаст,**
> **Набарандаш ба коргоҳи ҳарир».**

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

## ГОҲ БОШАД, КИ КӮДАКИ НОДОН БА ҒАЛАТ БАР ҲАДАФ ЗАНАД ТИРЕ

Яке аз мулуки Форс нигини гаронмояе дар ангуштарӣ дошт. Боре ба ҳукми тафарруҷ бо тане чанд аз хосон ба Мусаллои Шероз берун рафт ва фармуд, то ангуштариро бар гунбади Азд насб карданд, то ҳар кӣ тир аз ҳалқаи ангуштарӣ бигзаронад, хотам ӯро бошад. Иттифоқан чаҳорсад тирандоз, ки дар хидмати малик буданд, биандохтанд, ҷумла хато карданд, магар кӯдаке, ки бар боми работе ба бозича ба ҳар тараф тир андохтӣ. Ногоҳ боди сабо тири ӯро аз ҳалқаи ангуштарӣ даргузаронид, хилъату неъмат ёфт ва хотам ба вай арзонӣ доштанд.

Овардаанд, писар дарҳол тиру камонро бисӯхт.

Гуфтанд:

— Чаро чунин кардӣ?

Гуфт:

— То равнаки аввалин бар ҷой бимонад.

> Гаҳ бувад, к-аз ҳакими равшанрой
> Барнаёяд дуруст тадбире.
> **«Гоҳ бошад, ки кӯдаки нодон**
> **Ба ғалат бар ҳадаф занад тире».**

Саъдии Шерозӣ

## ГУНОҲИ БАЧА БА ГАРДАНИ ОЧА

Рӯзе гӯсолаи Афандӣ ресмонашро канда, давида ба полез даромаду дар даруни полез линг парронда, давидан гирифт ва дар якчанд дақиқа палакҳоро поймол кард.

Афандӣ чӯбро гирифта, рафта модаговро задан гирифт. Занаш аз ӯ пурсид:

— Модагови бечора чӣ гуноҳ кард, ки ин қадар мезанед?

Афандӣ ҷавоб дод:

— Ҳамаи гуноҳҳо бар гардани ҳамин модагов аст, агар ин ҳароммурданӣ ба вай ресмон канда, давида бозӣ карданро ёд намедод, вай ин ҳама шумиро аз куҷо ёд мегирифт? **«Гуноҳи бача ба гардани оча»** — гуфтаанд.

Аз «Латифаҳои тоҷикӣ»

## ГУРУСНА ИМОН НАДОРАД

Рӯзе шайтон ба шахсе, ки аз гуруснагӣ ба ҷон омада буд, ғизое таоруф намуд. Дар иваз имони ӯро талаб кард.

Гурусна розӣ шуд, вале пас аз он ки сер хӯрд, гуфт:

— Он чи ман гуфтам, ҳисоб наёяд, чунки **«Гурусна имон надорад».**

Аз «Достонҳои амсол» I

## ДАР КОРИ ХАЙР ҲОҶАТИ ИСТИХОРА НЕСТ

Як навҷавон зи ишқи нигоре мариз шуд,
Мегуфт: Кас маро ба ҷаҳон ғамгусор нест.
Бардошт нолаеву ба дилбар чунин навишт:
Охир туро зи баҳри чӣ бар ман назора нест.
Бо он ки борҳо ба ту гуфтам, ки ҷони ман,
Дил ҳар чӣ ҳаст, ҳаст, вале санги хора нест.
Рӯзе зи издивоҷ кушудам даҳон, валек
Гуфтӣ: Иҷолатан ба ҷуз аз сабр чора нест.
Инак, ризо мадеҳ, ки ба таъвиқ уфтад
Ин амри хайру нек, ки онро канора нест.
Гар мойлӣ, биёву бикун истихорае,
Ҷонам ба лаб расида, ба дил ҷуз шарора нест.
Маъшуқа хонд номаи ӯрову шод шуд,
Бинвишт посухе, ки ба ғайр аз ишора нест.
Ошиқ кушуд номаи ӯро, навишта буд:
**«Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест».**

Аз «Достонҳои амсол» II

## ДАСТБУРИДА ҚАДРИ ДАСТБУРИДАРО МЕДОНАД

Гӯянд, ба ҳукми доруға дасти касеро буриданд. Дасти худро бардошт ва бидуни камтарин изҳори фазае фирор кард. Дар байни роҳ ногаҳон чашмаш ба дастбуридаи дигаре афтод ва бинои гиристан ва нолаву фарьёд карданро гузошт.

Шахсе аз ӯ пурсид:

— Чӣ шуд, ки дар мавкеи катъи дасти худ наnолидӣ ва кунун чунин нолаву фиғонро сар додай?

Гуфт:

— Хомӯш, ки дигарон аз сӯзи дили ман хабар надоштанд ва танҳо ин шахс аст, ки чун дасташ бурида аст, қадри дасти буридаи маро медонад ва мефаҳмад, ки бар сари ман чи мусибате ворид омадааст!

Аз «Достонҳои амсол» I

## ДИГАРОН КИШТАНД, МО ХӮРДЕМ, МО МЕКОРЕМ, ТО ДИГАРОН БИХӮРАНД

Пирамарде, ки болиғ бар ҳаштод сол аз синни умраш сипарӣ гардида буд, рӯзе саргарми ғарси ниҳоли гирдуе буд. Анӯшервон, подшоҳи додгари сосонӣ, ки савора аз он сӯй мегузашт, ҳамин ки ӯро дар ҳоли анҷоми ин амал дид, инон баркашид ва рӯй сухан ба ӯ фармуда гуфт:

— Эй пир, бо он, ки медонӣ, солиёни дароз мегузарад, то ниҳоли гирду борвар гардад ва аз самари худ туро баҳравар кунад, ин чӣ захмати беҳуда ва чӣ ранҷи беҳосил аст, ки бар худ ҳамвор мекунӣ?

Деҳқони солхӯрда дар ҷавоб арз кард:

— Шоҳаншоҳо, **«Дигарон киштанд, мо хӯрдем, мо мекорем, то дигарон бихӯранд»**.

Шоҳро ин сухан хуш омад ва рӯй ба хазонадори худ кард ва гуфт:

— Яксад ашрафӣ ба вай ато кун!

Пир арз кард:

— Подшоҳо, **«Дигарон киштанд, мо хӯрдем, мо киштем, то дигарон бихӯранд, вале намурдем, аз ҳосили он худ хӯрдем»**.

Шоҳро ин сухан бештар хуш омад ва фармуд, то яксад ашрафии дигар ба ӯ базл кунанд.

Пир гуфт:

— Аълоҳазрато, **«Дигарон киштанд, мо хӯрдем, мо киштем, то дигарон бихӯранд, вале аз ҳосили он на танҳо дар зиндагии худ хӯрдем, балки барои авлоди худ низ захира кардем, то онҳо низ ба роҳате бихӯранд»**.

Шоҳро ин сухан беш аз пеш хушоянд афтод ва фармуд, то яксад ашрафии дигар ба ӯ бахшанд.

Ба муҷарраде, ки пирамард хост лаб ба сухан баркушояд, Бузурҷмеҳр арз кард:

— Аълоҳазрато, биравем, вагарна ҳозирҷавобию ҳушёрии ин пирамарди равшанзамир ба наҳвест, ки агар муколимаи подшоҳ бар ҳамин минвол идома ёбад, дере напояд, ки хазона тиҳӣ ва идораи умури кишвар мухтал гардад.

Аз «Достонҳои амсол» I

## ДУЗДРО ҚАРАҚЧӢ ЗАДААСТ

Савдогаре ба пеши як подшоҳ омада, арз кард, ки ман кимиёгарам, мису биринҷро бо доруҳои кимиёӣ тилло мегардонам.

Подшоҳ арзи ӯро қабул карда, ба вай қадре мис ва биринҷ дод, ки онҳоро тилло карда диҳад.

Савдогар баъд аз чанд рӯз як сихи тилло оварду ба подшоҳ дода гуфт:

— Он мису биринҷиятон ҳамин қадар тилло шуд. Агар табъи муборак боз тилло хоҳад, қадре мису биринҷи дигар диҳед, ки ман кори худро давом кунонам.

Подшоҳ бо хурсандии тамом он як сихи тиллоро гирифта, барои тилло кардан боз мису биринҷӣ дод.

Савдогар ба ҳамин тариқ, се бор ба ҷои мису биринҷи подшоҳ тилло оварда дод ва дар ин кор панҷсад мисқол тиллои худро сарф кард, аммо дар бори чорӯм барои тилло кардан дигар мису биринҷӣ напурсид.

Подшоҳ, ки аз ин корҳои савдогар даҳонаш ширин шуда буд, ба ӯ гуфт:

— Ба қадре, ки мехоҳӣ, боз мису биринҷӣ гирифта раву тилло карда биёр!

Савдогар гуфт:

— Афсус, ки доруҳои кимиёиам тамом шуданд ва барои ба ватани худ рафта, аз он доруҳо харида овардан бисьёр пул харҷ мешавад ва ман пул надорам, ки ба ин кор харҷ кунам.

— Чӣ қадар пул даркор, — гуфта пурсид подшоҳ. Савдогар ҷавоб дод:

— Ватани ман бисьёр дур аст, барои он ҷо рафта, доруҳо харида овардан панҷ ҳазор мисқол тилло лозим аст.

Подшоҳ, ки мазаҳӯрак шуда буд, дар дили худ фикр кард, ки «беҳтар, ки доруворро якбора бисьёртар биёраду бисьёртар тилло тайёр кунад».

Бинобар ин ба савдогар даҳ ҳазор мисқол тилло дода фиристод. Савдогар, ки панҷсад мисқол тиллои худро ба бадали мису биринҷӣ дода, боварии подшоҳро ёфта буд, даҳ ҳазор мисқол тиллои ӯро гирифта, ба ватани худ рафт.

Вақте ки ин ҳикояро донишманде шунид, гуфт:

— Зарар надорад, **«Дуздро қароқчӣ задааст».**

Аз «Латифаҳои тоҷикӣ»

## ДУРЕДГАРЯ КОРИ БӮЗИНА НЕСТ

— Овардаанд, ки бӯзинае дуредгареро дид, ки бар чӯбе нишаста буд ва онро мебурид ва ду мех пеши ӯ буд. Ҳар гоҳ, ки яке аз он бикӯфтӣ, дигаре, ки пеш кӯфта будӣ, баровардӣ. Дар ин миён ба ҳоҷате бархост.

Бузина бар чӯб нишаст ва буридан гирифт. Аз он ҷониб, ки бурида буд, унсайни ӯ дар шикофи чӯб овехта шуда ва он мех, ки даркор буд, пеш аз он ки дигаре бикӯфтӣ, баровард ва ҳар ду шаққи чӯб ба ҳам пайваст ва унсайни ӯ маҳкам дар миёни чӯб бимонд. Аз дард ранҷур гашт ва аз ҳол бишуд.

Дуредгар бозрасид ва ӯро дастбурде намуд сара, то ҳалок шуд. Ва ин ҷо гуфтаанд, ки **«Дуредгарӣ кори бӯзина нест».**

Аз «Калила ва Димна»

## ДУРӮҒИ МАСЛИҲАТОМЕЗ БЕҲ, КИ РОСТИ ФИТНААНГЕЗ

Подшоҳеро шунидам, ки ба куштани асире ишорат кард. Бечора дар он ҳолати навмедӣ маликро дашном додан гирифту сақат гуфтан, ки гуфтаанд: «Ҳар кӣ даст аз ҷон бишӯяд, ҳар чӣ дар дил дорад, бигӯяд».

Вақти зарурат чу намонад гурез,
Даст бигирад сари шамшери тез.

Малик пурсид:

— Чӣ мегӯяд?

Яке аз вузарои некмаҳзар гуфт:

— Эй худованд, ҳамегӯяд: «Валкозимин ал-ғайз вал офина аннинос!»[35]

Маликро раҳмат омад ва аз сари хуни ӯ даргузашт.

Вазири дигар, ки зидди ӯ буд, гуфт:

— Абнои ҷинси моро нашояд дар ҳазрати подшоҳон ҷуз ба ростӣ сухан гуфтан. Ин маликро дашном дод ва носазо гуфт.

Малик рӯй аз ин сухан дарҳам оварду гуфт:

— Маро он дурӯғи вай писандидатар омад аз ин рост, ки ту гуфтӣ, ки рӯи он дар маслиҳате буд ва бинои ин хубсӣ ва хирадмандон гуфтаанд: **«Дурӯғи маслиҳатомез беҳ, ки рости фитнаангез».**[34]

Саъдии Шерозӣ

## ДУХТАРИ ДӮШИЗАРО ШӮИ ДӮШИЗА БОЯД БУВАД

Чунон шунидам, ки Шаҳрбону духтаре буд хурд. Шаҳрбонуро асир бурданд аз Аҷам ба Араб, Амир-ал-мӯъминин Алӣ.., фармуд, ки вайро бифурӯшанд... Ӯро ба хонаи Салмони Форсӣ бинишонданд, то ба шӯй диҳанд. Чун ҳикояти шӯй бар вай арза карданд, Шаҳрбону гуфт:

— То ман шӯйро набинам, зани ӯ набошам. Вайро бар

---

[34] Тарҷимааш: Фурӯбарандагони хашм ва бахшандагони гуноҳи халқ.

манзарае нишонданд ва содоти Арабро ва Яманро бар вай бигузарониданд, то он кас, ки ӯро ихтиёр афтад, зани ӯ бошад ва Салмон пеши ӯ бинишаст ва он кавмро таърифмекард, ки ин фалон аст ва он баҳмон аст, ӯ ҳар касро нақл мекард, то Умар бигузашт.

Шаҳрбону гуфт:

— Ин кист?

Салмон гуфт:

— Умар аст.

Шаҳрбону гуфт:

— Марде бузург аст, аммо пир аст.

Чун Алӣ бигузашт, Шаҳрбону гуфт:

— Ин кист?

Салмон гуфт:

— Алӣ аст.

Шаҳрбону гуфт:

Марде бузургвор аст, валекин фардо ман андар он ҷаҳон бар рӯи Фотимаю Зӯҳро натавонам нигарист ва шарм дорам ва аз ин ҷиҳат нахоҳам.

Чун Ҳасан бини Алӣ бигузашт, чун ҳоли ӯро донист, гуфт:

—Лоиқи ман аст, вале бисьёрникоҳ аст, нахоҳам. Чун Ҳусайн бинни Алӣ бигузашт. ӯ бипурсиду бидонист ва гуфт:

— Ӯ дарҳури ман аст, шавҳари ман ӯ бояд, ки бувад. **«Духтари дӯшизаро шӯи дӯшиза бояд, ки бувад».** Ман шӯй накардаам ва ӯ зан накардааст.

Аз «Қобуснома»

## ДУШМАНИ ДОНО, КИ ҒАМИ ҶОН БУВАД, БЕҲТАР АЗ ОН ДУСТ, КИ НОДОН БУВАД

Хирс тамаллуки рустоиро мушоҳида намуда, ба куллӣ вобастаи сӯҳбати ӯ шуд ва ба андак ишорате сар дар пайи ӯ ниҳода, бад-он боғи биҳиштосо даромад ва ба инъому ташрифи он меваҳои латиф дӯстӣ дар миёни ишон муаккад шуда, бехи ниҳоли муҳаббат дар сарзамини дили ҳар як русух ёфт.

Ба кунҷи боғ мебуданд якчанд,
Зи васли якдигар пайваста хурсанд.

Харгоҳ ки боғбон аз ғояти сустӣ ба сояи истироҳат сари фароғат бар болини роҳат ниҳодӣ, хирс аз рӯи дилҷӯию ҳаводорӣ бар сари болини ӯ нишаста, магас аз рӯи ӯ меронидӣ.

«Магасе низ нахоҳам, ки кунад соя бар он лаб». Рӯзе боғбон ба тарики маъҳуд хуфта буд ва дар хоб рафта ва магаси бисьёр бар рӯи ӯ ҷамъ шуда. Хирс ба магасронӣ иштиғол менамуд ва ҳарчанд магасонро биронидӣ, дарҳол боз омаданидӣ ва чун аз ин ҷониб манъ кардӣ, аз тарафи дигар хуҷум карданидӣ.

Хирс ошуфтаҳол шуд ва санге ба қадри бист ман бардошта, ба қасди он, ки магас мекушам, бар рӯи деҳқони бечора зад.

Магасонро аз ниҳеби он санг осебе нарасид, аммо сари боғбон бо хок яксон шуд.

Ва аз ин ҷо бузургон гуфтаанд, ки «ба ҳар ҳол душмани доно аз дӯсти нодон беҳтар аст».

**«Душмани доно, ки ғамӣ ҷон бувад,**
**Беҳтар аз он дӯст, ки нодон бувад».**

Аз «Калила ва Димна»

Ба ҳамин маъно:

Оқиле бар асб меомад савор,
Дар даҳони хуфтае мерафт мор.
Он савор онро бидиду мешитофт,
То рамонад морро, фурсат наёфт.
Чунки аз ақлаш фаровон буд мадад,
Чанд даббуси қавӣ бар хуфта зад.
Хуфта аз хоби гарон чун барчаҳид,
Як савори турк бо даббус дид.
Бемуҳобо, турк даббусе гарон
Чунки афзун кӯфт, ӯ шуд з-ӯ равон
Бурд ӯро захми он даббус сахт,
З-ӯ гурезон то ба зери як дарахт.
Себи пӯсида басе буд рехта,
Гуфт: Аз ин хӯр, эй ба дард омехта.
Себ чандон мардро дархӯрд дод,
К-аз даҳонаш боз беруи мефитод.
Бонг мезад: Эй амир, охир чаро
Қасди ман кардӣ, чӣ кардам мар туро?!
Гар туро з-асл аст бо ҷонам ситез,
Тег зан, якборагӣ хунам бирез!
Шум соат, ки шудам бар ту падид,
Эй хунук, онро ки рӯи ту надид.
Бе ҷиноят бе гуноҳ, бе бешу кам
Мулҳидон ҷоиз надоранд ин ситам.
Мечакад хун аз даҳонам бо сухун,
Эй худо, охир мукофоташ ту кун!
Ҳар замон мегуфт ӯ нафрини нав,
Ӯ-ш мезад, к-андар ин саҳро бидав.
Захми даббуси савори ҳамчу бод
Медавиду боз бар рӯ мефитод.
То шабонгаҳ мекашиду мекушод,
То зи сафро қай шудаш бар вай фитод.
З-ӯ баромад хӯрдаҳо зишту накӯ,
Мор бо он хӯрда берун ҷаст аз ӯ.
Чун бидид аз худ бурун он морро,
Саҷда овард он накӯкирдорро.
Саҳми он мори сиёҳи зишти зафт
Чун бидид, он дардҳо аз вай бирафт.
Гуфт: Ту худ Ҷабраили раҳматӣ,
Ё худой, ки валии неъматӣ.
Эй муборак соате, ки дидиям,

Мурда будам, ҷони нав бахшидиям..
Эй хунук онро ки бинад рӯи ту,
Ё дарафтад ногаҳон дар кӯи ту.
Эй равони пок бистуда туро,
Чанд гуфтам жожу беҳуда туро.
Шаммае з-ин ҳол агар донистаме,
Гуфтани беҳуда кай тонистаме.
Пас салоат гуфтаме, эй хушхисол,
Гар маро як рамз мегуфтӣ зи ҳол,
Лек хомуш карда, меошуфтӣ,
Хомушона бар сарам мекӯфтӣ. . .
Гуфт: Агар ман гуфтаме рамзе аз он,
Заҳраи ту об гаштӣ он замон.
Гар туро мегуфтаме ин моҷаро,
Он дам аз ту ҷони ту гаштӣ ҷудо.
Мар туро не қуввати хӯрдан буди,
Не раҳу парвои қай кардан буди. .
Саҷдаҳо мекард он раста зи ранҷ,
К-эй саодат, в-эй маро иқболу ганҷ. .
Душмании оқилон з-ин сон бувад,
Заҳри ишон ибтиҳоҷи ҷон бувад.
Дӯстии аблаҳон ранҷу залол,
Ин ҳикоят бишнав аз баҳри мисол.

Аждаҳое хирсро дармекашид,
Шермарде рафту фарёдаш расид.
Шермардонанд дар олам мадад,
Он замон к-афғони мазлумон расад.
Бонги мазлумон зи ҳар ҷо бишнаванд,
Он тараф чун раҳмати Ҳақ медаванд. . .
Хирс ҳам аз аждаҳо чун вораҳид
В-он карам з-он марди мардона бидид,
Чун саги асҳоби Каҳф он хирси зор
Шуд мулозим аз паи он бурдбор.
Он мусулмон сар ниҳод аз хастагӣ,
Хирс ҳорис гашт аз дилбастагӣ.
Он яке бигзашту гуфташ: Ҳол чист?
Эй бародар, мар туро ин хирс кист?
Қисса во гуфту ҳадиси аждаҳо,
Гуфт: бар хирсе манеҳ дил, аблаҳо!
Дӯстии аблаҳ батар аз душманист,
Ӯ ба ҳар ҳила, ки донӣ, рондаист.
Гуфт: Валлаҳ, аз ҳасудӣ гуфт ин,
Варна хирсе чӣ-н-нигарӣ, меҳраш бубин!
Гуфт: меҳри аблаҳон ишвадеҳ аст,
Ин ҳасудии ман аз меҳраш беҳ аст.
Ҳай, бие, бо ман бирон ин хирсро,
Хирсро магзин, маҳил ҳамҷинсро.
Гуфт: Рав, рав, кори худ кун, эй ҳасуд!
Гуфт: Корам ин буду бахтат набуд.
Ман кам аз хирсе набошам, эй шариф,
Тарки ӯ кун, то манат бошам ҳариф.
Бар ту дил меларзадам з-андешае,
Бо чунин хирсе марав дар бешае. . .
Ин ҳама гуфту ба гӯшаш дарнарафт,

Бадгумоні мардро саддест зафт.
Дасти ӯ бигрифту даст аз вай кашид,
Гуфт: Рафтам, чун най ёри рашид.
Гуфт: Рав, бар ман ту ғамхора мабош,
Булфузуло, маърифат камтар тарош!
Боз гуфташ: Ман адӯи ту наям,
Лутф бошад, гар биёӣ дар паям.
Гуфт: Хоб астам, маро бигзору рав.
Гуфт: Охир ёрро минқод шав!
То нахусбӣ дар паноҳи муқбиле,
Дар ҷавори дӯсте, соҳибдиле.
Дар хаёл афтод мард аз ҷидди ӯ,
Хашмгин шуд, з-ӯ бигардонид рӯ.
Қ-ин магар қасди ман омад, хунӣ аст,
Ё тамаъ дорад гадову тунӣ аст.
Ё гарав бастаст бо ёрон бад-ин,
Ки битарсонад маро з-ин ҳамнишин.
Худ наёмад ҳеч аз хубси сараш
Як гумони нек андар хотираш.
Зании некаш ҷумлагӣ бар хирс буд,
Ӯ магар мар хирсеро ҳамҷинс буд.
Оқилеро аз хари тӯҳмат ниҳод,
Хирсеро донист аҳли меҳру дод...
Он мусулмон тарки он аблаҳ гирифт,
Зери лаб «лоҳавл» гӯён раҳ гирифт.
Гуфт: Чун аз ҷидду панду аз ҷидол
Дар дили ӯ беш мезояд хаёл,
Пас раҳи панду насиҳат баста шуд,
Амри «аъриз анҳум» пайваста шуд...
Шахс хуфту хирс меронданш магас,
В-аз ситез омад магас боз пас.
Чанд бораш ронд аз рӯи ҷавон,
Он магас пас боз меомад давон.
Хашмгин шуд бо магас хирсу бирафт,
Баргирифт аз кӯҳ, санге сахт рафт.
Санг оварду магасро дид боз,
Бар рухи хуфта гирифта ҷой соз.
Баргирифт он осиёсангу бизад
Бар магас, то он магас вопас хазад.
Санг рӯи хуфтаро хашхош кард,
В-ин масал бар ҷумла олам фош кард.
Меҳри аблаҳ меҳри хирс омад яқин,
Кини ӯ меҳр асту меҳри ӯст кин...

Ҷалолиддини Румӣ

## ДУШМАНРО ХОР НАШОЯД ДОШТ, АГАРЧИ ҲАҚИР ДУШМАНЕ БУВАД

Чунон шунидам, ки дар Хуросон айёре буд сахт муҳташам ва некмарду маъруф. Махлаб ном. Гӯянд, ки рӯзе аз маҳаллат мерафт, андар роҳ пои вай бар пӯсти харбуза афтоду биафтод, корд бикашиду харбузаро пора-пора кард.

Гуфтанд ӯро, ки эй хоҷа, ту марде бад-ин муҳташамию айёрӣ, ки ҳастӣ, шарм надорӣ, ки пӯсти харбузаро ба корд мезанӣ?

Маҳлаб гуфт, ки маро пӯсти харбуза афканд, ман киро ба корд занам, он чӣ маро афканд, душман ӯ бувад, ва **«душманро хор нашояд дошт, агарчи ҳақир душмане бувад, ки ҳар кӣ душманро хор дорад, зуд хор гардад».**

Аз «Қобуснома»

## ДУШМАН ЧУ БА ДАСТ ОМАДУ МАҒЛУБИ ТУ ШУД, ҲУКМИ ХИРАД ОН АСТ, КИ АМОНАШ НАДИҲӢ

Овардаанд, ки шутурсаворе дар асnои сафар ба мавзее расид, ки он ҷо корвониён оташ карда буданд ва баъд аз рафтани ишон мирваҳан бод он оташро таҳрик дода, дар мақоми иштиол оварда буд. Шарораҳо аз ӯ ҷаста, ҳар тараф аз атрофи биёбон дар ҳезумҳо афтода ва дар ҳар гӯшаи саҳро лолазоре падид омада. Ва дар миёни он оташҳо мори азим ва афъии бузург монда ва дармонда, ба ҳеҷ ҷониб роҳ намеёфт ва аз ҳеҷ сӯ рӯи халосӣ надошт. Наздик буд, ки чун моҳӣ дар тоба бирьён шавад ва чун кабки кабоб бар сари оташ аз дидаи заҳрбор хунчакон гардад. Чун он саворро бидид, истиғоса намуда гуфт:

Чӣ шавад, гар ба карам марҳамате фармоӣ,
Гиреҳ аз кори фурӯбастаи мо бикшоӣ!

Савор марде буд худотарсу меҳрубон, чун зории мор шунид ва изтиробу бечорагии ӯ бидид, бо худ андеша кард, ки агарчи мор душмани одамиён аст, аммо ҳоло дармондаву ҳайрон аст. Ҳеҷ беҳ аз он нест, ки бар вай шафқат варзам ва тухми эҳсон, ки ҷуз саодати дуньё ва кароматн охират бар надиҳад, дар замини амал бикорам. Пас тӯрбаашро бар сари найза таъбия карда, он ҷо фиристод. Мор ғанимат донист, дар тӯрба рафт. Савор онро хайре донистa, вайро аз миёни оташ баровард. Пас сари тӯрба баркушода морро гуфт:

— Бирав, ҳар куҷо хоҳӣ ва ба шукронаи он, ки аз ин бало халос ёфтӣ, гӯшае гир ва беш аз ин дар мақоми озори мардум мабош, ки озорандаи халқ дар дуньё бадном аст ва дар охират душмани ком:

Битарс аз худову маёзор кас,
Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас!

Мор гуфт:

— Эй ҷавон, аз ин сухан даргузар, ки ман туро ва шутури туро то захме назанам, намеравам.

Савор гуфт:

— На, ман бо ту некӣ кардаам ва туро аз миёни оташ беруп оварда, ҷазои ман ину сазои ман чунин аст?

Аз ҷониби ман тарки вафодорӣ буд,
Аз пеши ту оини ҷавонмардӣ чист?

Мор гуфт:

— Оре, ту некуи кардӣ, аммо дар ғайри маҳал воқеъ шуд ва шафқат варзидӣ, вале бо ғайри мустаҳақ вуҷуд гирифт. Медонӣ, ки ман мазҳари зарарам ва аз ман ба нисбати одамиён нафъе мутасаввир нест. Пас чун дар халосии ман саъй кардӣ ва бо касе, ки бадӣ мебоист кард, некӯӣ ба ҷо овардӣ? Ҳароина дар мукофоти он аламе ба ту бояд расонид, чӣ некӯӣ бо бадон ҳамон ҳукми бадӣ дорад бо некувон.

Чунончи, дар равиши ақлу шаръ мамнӯъ аст,
Бадӣ ба нисбати покону некувон кардан.
Ба ҷон дунсифатоне, ки мардумозоранд,
Ба ҳеч ваҷҳ никӯӣ наметавон кардан.

Ва дигарон, ки насси «баъзукум либаъзин адуввун»[35] миёни мову шумо адовати қадимӣ дар миён аст ва оқибатандешӣ иқтизои он мекунад, ки душманро саркӯфта доранд ва ба ҳукми «уқтул-ул-асвадайна»[36] дафъи мо бар шумо лозим аст ва фармон он, ки ба саломат морро раҳо накунанд. Ту дар ин модда тарки шаръу ҳазм гирифтӣ ва раҳм пеш овардӣ ва ман ҳароина туро захм занам, то дигаронро таҷриба бошад.

Савор гуфт:

— Эй мор, инсоф дар миён ор, ки дар мукофоти некӣ кардан дар кадом мазҳаб дуруст бошад ва сафои манфиатро бо кудурати мазаррат подош додан ба чӣ тариқ рост ояд?

Мор гуфт:

— Одати шумо одамиён чунон аст ва ман ҳам ба фатвои шумо амал мекунам ва он чӣ дар бозори мукофот аз шумо харидаам, ба шумо мефурӯшам. «Як лаҳза бихар, он чӣ фурӯшӣ ҳама сол».

Ҳарчанд ҷавон муболиға кард, ба ҷое нарасид. Мор гуфт:

— Зудтар ихтиёр кун, ки нахуст туро захм занам, ё ибтидо аз шутур кунам? Ҷавон гуфт:

— Аз ин хаёл бигузар, ки дар мукофоти некӣ бадӣ ҷоиз надорад.

Мор ҷавоб дод, ки ин шеваи одамиён аст ва ман ҳам ба тариқи одамиён сулук мекунам. Савор ин муддаоро инкор карду гуфт:

— Агар ба байина собит гардонӣ ва бар вафқи даъвӣ

---

[35] Тарҷимааш: ба якдигар душманед.

[36] Мору каждумро бикушед.

худ гувоҳ бигузаронӣ, ки бад-ин навъ мукофот кардан одати одамиён аст, ман захми туро ба ҷон харидорӣ менамоям ва ба ҳалокати худ розӣ гардам.

Мор нигоҳ кард, аз дур говмеше дид, ки дар саҳро мечарид. Гуфт:

— Биё, то ҳақиқати ин сурат аз вай бипурсем. Пас мору шутурсавор ҳар ду наздики говмеш омаданд. Мор забон бикушод, ки эй гов, ҷазои некӣ чист?

Гуфт:

— Агар ба мазҳаби одамиён мепурсӣ, ҷазои некӣ бадист. Аз он ки ман муддате наздики яке аз ишон будам. Ҳар сол бачча зодаме ва хонаи вай аз ширу равған пур сохтаме. Бинои кадхудоӣ ва асоси маишати ӯ бар ман буд. Чун пир шудам ва аз зодан бозмондам, тарки таҳаххуди ман гирифт ва маро аз хона берун карда, сар ба саҳро дод. Баъд аз он ки муддате дар саҳро чаридам ва бекор ба муроди дил гардидам, андак фарбеҳӣ бар ман зоҳир шуд. Дирӯз соҳиби ман ин ҷо гузар кард ва ман ба назари ӯ фарбеҳ намудам. Қассобе овард ва маро бад-ӯ фурӯхт ва имрӯз ба дор-ус-салах маро мебаранд ва долони куштани ман доранд. Инак мукофоти он ҳама некуӣ, ки такрир кардам, ин буд. Ҳоли ман ин аст, ёрон, бо кӣ гӯям ҳоли худ?

Мор гуфт:

— Инак шунидӣ, захмро зудтар омода бош!

Шутурсавор гуфт:

— Дар шариат ба як гувоҳ ҳукм накунанд. Гувоҳе дигар бигузарон ва ҳар чӣ хоҳӣ, ба ҷо ор!

Мор дарнигарист, дарахте ба назари вай даромад.

Гуфт:

— Биё, то аз он дарахт бипурсем.

Пас ба иттифоқ ба пои дарахт омаданд. Мор аз ӯ бипурсид, ки мукофоти некӣ чӣ бошад?

Гуфт:

— Ба мазҳаби одамиён ҷазои некӣ бадӣ бошад ва подоши манфиат мазаррат. Далел бар ин он, ки ман дарахтеам дар ин биёбон руста ва хидмати оянда аз равандаро бар як пой истода. Чун одамизод гармозадаву монда аз биёбон барояд, соате дар сояи ман биёсояд ва замоне истироҳате фармояд. Он гоҳ, чун дида бикушояд, гӯяд: «Фалон шох дастаи табарро лоиқ аст ва фалон васла барои бел муносибу мувофиқ. Аз танаи ӯ чандин тахтаи хуб тавон бурид ва аз он чанд дари зебо тавон сохт». Агар арра ё табар дошта бошанд, аз шоху танаи ман он чӣ ишонро хуш ояд, мебуранд. Ва ба он ки аз ман роҳат ёфтаанд, ин ҳама меҳнат ба ман мепасанданд.

Ман дар андешаи, ки чун бар сари ӯ сол кунам,
Ӯ дар он ғам, ки чӣ сон барканадам аз бунёд.

Мор гуфт:

— Инак ду гувоҳ гузаронида шуд, акнун тан дардеҳ, ки туро захм занам.

Мард гуфт:

— Ҷон бағоят азиз аст ва то мақдур дил аз матои зиндагонӣ барканда душвор. Агар як тани дигар дар ин қазия гувоҳӣ диҳад, бемузоиқа,бад-ин бало тан дардода, ба қазои ҳақ розӣ шавам.

Аз аҷоиби иттифоқот ин буд, ки рӯбоҳе наздик истода, дар ҳоли ишон назора мекард ва мақолоти ишонро ба гӯши худ истимоъ менамуд.

Мор гуфт:

— Инак, аз он рӯбоҳ бипурс, то чӣ ҷавоб мегӯяд?

Пеш аз он ки савор аз вай суол кунад, рӯбоҳ бонг бар мард зад, ки намедонӣ, ки мукофоти некӣ бадӣ бошад. Ту дар ҳаққи ин мор чӣ некӯӣ кардай, ки мустаҳиққи подоши уқубат шудай?

Ҷавон сурати ҳол бозронд. Рӯбоҳ гуфт:

— Ту марди оқил менамоӣ, сухани хилоф чаро мегӯӣ?

> Зи оқил кай раво бошад суханҳои хато гуфтан,
> Назебад марди доноро хилофи моҷаро гуфтан!

Мор гуфт:

— Рост мегӯяд, инак тӯрбае, ки маро бад-он аз оташ берун оварда, бар фитрок баста дорад.

Рӯбоҳ барошуфт, ки чӣ чуна ин сухан бовар тавон кард, ки море бад-ин бузургӣ дар тӯрбае бад-ин хурдӣ гунҷад!

Мор гуфт:

— Агар тасдиқ намекунӣ, боз дар ин тӯрба равам, то муойина бинӣ.

Рӯбоҳ гуфт:

— Агар ин сурат ба раъй-ул-айн мушоҳида кунам ва садқи ин мақолот маро маълум шавад, он ҳангом миёни шумо ҳукме кунам, ки аз ростӣ даргузарад ва рибву ғаразро дар у дахл набошад.

Мард сари тӯрба бикушод ва мор ба сухани рӯбоҳ мағрур шуда, дар тӯрба даршуд.

Рӯбоҳ гуфт:

Эй ҷавон, чун душманро дар банд ёфтӣ, амонаш мадеҳ!

> **«Душман чу ба даст омаду мағлуби ту шуд,**
> **Ҳукми хирад он аст, ки амонаш надиҳӣ».**

Мард сари тӯрба барбаст ва бар замин мезад, то мор кушта шуд ва шарари шарри ӯ мунтафӣ гашта, халоиқ аз зарари ӯ эмин шуданд.

Аз чунин бад зиндагонӣ кушта беҳ!

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

## 1. ЗАБОНИ СУРХ САРИ САБЗ МЕДИҲАД БАРБОД

## 2. ЗАБОН ПОСБОНИ САР АСТ

Овардаанд, ки шабе айёре ба талаби шикор беруи омад ва дар кӯчаву бозор мегашт ва чун сайёд ба ҳар тарафе ва ҷонибе гузар мекард, то гузараш ба дари хонаи шаърбофе афтод. Овози ҳазине шунид, ки марде аз баҳри худ оҳанг зада, замзама дорад ва шеърхонӣ муносиб мехонад. Аз шаърбоф дуздро хуш омад, бо худ гуфт:

— Замоне ба даруни хона равам ва дар гӯшае пинҳон шавам, то бубинам, ки мард чӣ мегӯяд. Шояд, ки панде бигирам ва дастбурде бинамоям, ки аз мардони ҷаҳондида пандҳои хуб тавон гирифт.

Пас худро ба торикӣ кашиду дар паси сари ӯ истод. Нигоҳ ба кораш кард. Дид, ки дебое дар бор дорад ва анвоъи такаллуф дар он дебо ба кор бурда ва ба он таъбия намуда. Дузд аз дидани он ҳайрон бимонд, ҳамон ҷо бинишаст.

Гуфт:

— Ба куҷо равам, ки беҳ аз ин ҷо бошад. Гӯш бар ин замзама дошта, сабр мекунам, то марди усто деборо тамом кунад ва бихобад, бирабоям ва ба ин нағма хотири худро шод кунам. Пас дар паси парда истод ва бар он нақшҳо назар мекард.

Усто мегуфт:

— Эй забон, маро бубахш ва сарамро нигоҳ дор, ки як моҳ аст, ранҷ мебарам, то ин дебо имшаб тамом мешавад. Ту посбони сарӣ. Фардо пеши халифа худро нигоҳ дор ва ба бод мадеҳ!

Он пири бофанда гоҳе нағмасароӣ мекард ва гоҳе забони худро хитоб ва итоб мекард.

Он дузд тааҷҷуб намуд, ки дар ин чӣ сир аст, ки ин пири таҷрибакор ин чизҳо мегӯяд? Боз бархост ва дар паси сари ӯ истод ва дар он дебо назар мекард ва дар он нақшҳо, суратҳо медид, ки наздик буд, тамом шавад. Гуфт: «Алҳол куҷо равам, нақдро ба насия набояд дод. Сабр бояд кард, то корро тамом кунад ва бихобад, он гоҳ дастбурде бинамоям». Боз дар ҷои худ бинишаст.

Боз устоди шаърбоф гуфт:

— Эй забон,сари маро ба бод мадеҳ, ки гуфтаанд: **«Забони сурх сари сабз медиҳад барбод».** Фардо сари моро ба пеши халифа нигоҳ дорӣ.

Ва ҳар торе, ки мепайваст, бо забони худ узрхоҳӣ менамуд, ки эй забон, аз ту истионат металабам, ки маро бубахшӣ ва ёрӣ кунӣ ва маро аз пеши халифа саломат боз орӣ, ки ту посбони сарӣ. Сари маро нигоҳ дор!

Он дузд дид, ки дебобоф тамоми шаб аз забони худ ҳамин узр хостӣ ва такрор намудӣ, дар ҳайрат монд, ки оё дар ин чи сир аст, чӣ ҳикмат бошад, ки инро мегуяд? Бояд дид, ки саранҷоми ин кор ба куҷо мерасад, ки дар масалҳо гӯянд: «Судхӯрда дар ҷаҳон бисьёр аст». Ман аз сари ин дебо гузаштам, бубинам, ки чӣ рӯ медиҳад ва аз забони зиёни кори ин пири бофанда чӣ сар мезанад ва кор ба куҷо мерасад, ки гуфтаанд: «Ҳар чӣ ба забон омад, ба зиён омад». Оё аз ҷавҳари ин ҷулоҳа чӣ зоҳир мешавад? Аз ин бояд панд гирифт ва таҷрибаҳо ҳосил кард, ки гуфтаанд, ки «Панд ба ҳазор дуньё арзон аст».

Чун субҳ шуд, пири дебобоф деборо дарҳам печида ва азми сарои халифа кард.

Дузд пеш рафту салом кард. Пир ҷавоби салом боз дод ва дузд аз ақиби устод равон шуд, то бубинад саранҷоми кор ба куҷо хоҳад расид.

Ва он ҷулоҳа дар роҳ низ мегуфт:

— Эй забон, сарамро имрӯз нигоҳ дор ва маро бубахш ва бар ман раҳм кун!

Ҳайрати дузд зиёд мешуд, ки оё имрӯз аз теги забони ӯ чӣ зоҳир мешавад? Чун ба боргоҳи халифа расиданд, ҷулоҳа ҳамду санои подшоҳро ба ҷой овардӯ деборо аз назари халифа гузаронид.

Чун дебо аз назари халифа гузашт, дар санъату накшҳои ӯ ҳайрон бимонд. Устоди бофандаро таҳиятҳо кард ва пурсид:

— Эй устод, ин санъати латиф, ки дар ин ҷо ба кор бурдӣ, аз барои чӣ кор муносиб аст?

Он ҷулоҳа беақл гуфт:

— Эй халифаи замон, бифармоед, то ин деборо дар хазона нигоҳ доранд. Ҳар вақт, ки халифа бимурд, бар сари тобути халифа андозанд.

Халифа дар ғазаб шуда барошуфту гуфт:

— Эй бадбахти забонбурида, чаро забони худро нигоҳ надоштӣ, алҳол бифармоям то забони туро аз паси сари ту берун кунанд, то ибрати дигарон шавад ва худро нигоҳ доранд. Дарсоат фармуд, то хима оварданд ва деборо дар оташ андохтанду сӯзонданд. Он гоҳ фармуд, ки забони бофандаро аз қафо берун кашанд ва баъд аз он ӯро аз дор биёвезанд, то мардумро танбеҳ шавад, ки ҳифзи забон лозим аст.

Пас он дузди айёрпеша далерона қадам пеш ниҳод ва забон бикушод ва ба овози баланд гуфт:

— Шоҳо, бақои умри ту бодо ҳазор сол! Агар фармон шавад, ду калима дар боби ин ҷулоҳа ба арз расонам. Баъд аз он ҳар чӣ ҳукм шавад, халифа фармон диҳад.

Он айёр камари хидмат баста замин бӯсид ва гуфт:

— Ба ҷурми нокарда укубат мафармоед, то ҳолу сурати аҳволи ин бофандаро ба арз расонам.

Халифа иҷозат дод.

Он айёр гуфт:

— «Сари марди ростӣ аст». Ман марди дуздам ва шуғли ман дуздист. Устодон гуфтаанд: «Дузд бошу мард бош!» Ман имшаб ба азми шикор баромада будам. Гузарам ба дари хонаи ин бофанда афтод. Овози замзама ба гӯши ман расид, маро хуш омад. Пеш рафтам, дидам, ки ин марди бофанда замзама дорад. Ман дар гӯшаи торике истодам. Ҳар замон ин мард такрори ин мекард ки эй забон, ту посбони сарӣ, фардо сари маро пеши халифа нигоҳ дорӣ ва сари маро ба бод надиҳӣ. Пеш рафтам ба ақиби сари ӯ истодам. Гоҳе замзама мекард ва гоҳе мегуфт: Эй забон фардо сари маро ба бод мадеҳ ва маро бубахш, ки гуфтаанд: **«Забони сурх сари сабз медиҳад барбод».** Дидам, ки чунин дебои зеборо дар бор дорад, ба худ гуфтам: Сабр кунам, то деборо тамом кунад ва бихобад ва деборо бирабоям. Ва нағмаи ӯ маро хуш омад, ҳамон ҷо то субҳ нишастам. Ҳамин истиғоса менамуд, ки эй забони зиёнкор, фардо сари маро нигаҳ дорӣ ва ҳар торе, ки пайвастӣ, ҳамин гуфтӣ ки эй забон ту посбони сарӣ, сари маро нигоҳ дор! Аз рӯи аҷзу зорӣ ин мегуфт. Ман бо худ гуфтам, ки аз сари дебо гузаштам, бубинам ки аз теги забони чу[illegible]оҳа чӣ зоҳир мешавад. Чун рӯз шуд, даромадам ва ҳамроҳи ӯ будам, то ин ҷо мушоҳида намудам ва таҷриба кардам, ки охир худро ба забони худ ба бало андохт ва маълум шуд, ки **«забон посбони сар аст».** Дигар амр аз халифа аст.

Чун халифа ин тақрирро аз он айёр шунид, гуфт: — Субҳоналлоҳ, ки лутфи илоҳӣ шомили ҳоли касе бошад, дузде, ки душмани ҷону моли мардум аст, шафеу меҳрубон гардонад. Ин дузди доност ва ин [illegible] дусти нодон. Тақсири ин ҷулаҳа ҳамин аст, ки шафоаташ дар пеши забон даргир нашуда.

Он гоҳ халифа рақами афв бар ҷаридаи ҷароими ӯ дар кашида, фармуд, то қуфли сукут бар забонаш заданд ва аз инъому икром ӯро баҳраманд гардониданд ва аз давлати он дузди айёри соҳибтаҷриба ҷулаҳа ҷон ба саломат бурд ва халифа он дуздро бинавохту тавбааш дод ва яке аз надимони халифа гардид.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## ЗАНИ ҶАВОНРО АГАР ТИРЕ ДАР ПАҲЛУ НИШИНАД, БЕҲ КИ ПИРЕ

Пирамарде ҳикоят кунад, ки духтаре хоста буд ва ҳиҷла ба гул ороста ва ба хилват бо ӯ нишаста ва дидаву дил дар

ӯ баста ва шабҳои дароз нахуфтӣ ва базлаҳо ва латифаҳо гуфтӣ, бошад, ки муонасат назираду ваҳшат нагирад. Аз ҷумла мегуфт:

— Бахти баландат ёр буда ва дидаи давлатат бедор, ки ба суҳбати ҳамчу ман пире афтодӣ, пухта, парварда, ҷаҳондида, орамида, гарму сард чашида, неку бад озмуда, ки ҳуқуқи суҳбат бидонад ва шарти мавaддат ба ҷой оварда мушфику меҳрубон, хуштабъу ширинзабон.

То тавонам дилат ба даст орам,
В-ар биёзориям, наёзорам.
В-ар чу тӯти шакар бувад хӯришат,
Ҷони ширин фидои парваришат!

На гирифтор омадаӣ ба дасти ҷавоне муъҷиби хирараъй, саркашу сабукпай, ки ҳар дам ҳавасе пазад ва ҳар лаҳза раъйе занад ва ҳар шаб ҷое хусбад ва ҳар рӯз ёре гирад.

Вафодорӣ мадор аз булбулон чашм,
Ки ҳар дам бар гуле дигар сароянд.

Ба хилофи пирон, ки ба ақлу иродат зиндагӣ кунанд, на ба ҷаҳлу ҷавонӣ.

Зи худ беҳтаре ҷӯю фурсат шумор,
Ки бо чун худӣ кам кунӣ рӯзгор.

Гуфт:

— Чандин бор ин намат бигуфтам, ки гумон бурдам, ки дилаш дар қайди ман омад ва сайди ман шуд. Ногаҳ нафасе сард аз синаи пурдард бароварду гуфт:

— **«Зани ҷавонро агар тире дар паҳлӯ нишинад, беҳ ки пире!»**

Филҷумла, имкони мувофиқат набуд ва ба муфорақат анҷомид. Чун муддати иддат баромад, ақди никоҳаш бастанд бо ҷавоне тундхӯю туршрӯй, тиҳидасти бадхӯй. Ҷабру ҷафо медид ва ранҷу ано мекашид ва шукри неъмати ҳақ ҳамчунон мегуфт, ки алҳамдулиллоҳ, ки аз он азоби алим бираҳидам ва бад-ин ҷаннати наим бирасидам.

Бо ин ҳама ҷабру тундхӯй,
Нозат бикашам, ки хубрӯй.
Бо ту маро сӯхтан андар азоб
Беҳ, ки шудан бо дигаре дар биҳишт.
Бӯи пиёз аз даҳани хубрӯй
Нағзтар ояд, ки гул аз дасти зишт.

Саъдии Шерозӣ

## ЗАР ЗАРРО МЕОРАД

Гуянд, ки муфлисе шунида буд, ки зар зарро меорад. Баъд аз саъйи бисёр диноре ба даст оварда, ба дӯкони саррофе рафт ва динори худро оҳиста дар миёни зарҳои

сарроф андохт ва дар гушае мутарассид биистод, ки он динор бо дигар зарҳо боз ояд. Баъд аз интизории бисьёр аз омадани динори худ низ марфуъ-ут-тамаъ шуд. Пеш рафта, даст дароз кард, ки динори худро аз миёни зарҳои сарроф барорад. Сарроф дасташро бигирифту гуфт:

— Чӣ кор мекунӣ?

Марди муфлис сурати ҳолро баён намуд. Сарроф гуфт:

— Он чи шунидӣ, рост аст, ки зар зар меорад, аммо зари бисьёр зари камро меорад, чунон ки зари ман зари туро овард, но билъакс.

Аз «Маҷмуъ-ул-амсол»

## ЗАХМИ ЗАБОН БАДТАР АЗ ЗАХМИ ШАМШЕР

Ин чунин хондам, ки чун уфтод
Рустами пилтан ба чоҳи Шуғод,
Шуд танаш беду барги ӯ ханҷар
Бо чу мурғе, ки нав барорад пар.
Тани чун кӯҳи ӯ бечон чунон,
Кони алмос шуд зи тегу синон.
З-он ҳама ханҷараш, ки бар ҷон х(в)ард,
Мутағайир нагашту оҳ накард.
Гуфт бо ӯ зи рӯи таъна Шуғод,
Ки чӣ афтода туро, чи фитод?
Он ҳама паҳлавонии ту куҷост
Ки зи ҷо бар наметавонӣ хост?
Ҳар синон, к-аз ту ҷаст дар пайкор,
Ҳама бар ҷон-т омад охири кор.
Рустам аз дарди дил кашид оҳе
Ҳамчу дуде, ки хезад аз ҷоҳе.
Гуфт: «Аз тегҳои заҳролуд
Бар ман ин таъна коргартар буд.
На маро ханҷару синони ту кушт,
Ки маро таънаи забони ту кушт».
Ҳаст таъни забони бадгуҳарон
Бадтар аз зарби ханҷари буррон.

Мактабии Шерозӣ

## ЗИ КӢ НОЛЕМ, КИ АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост.
Бар ростии бол назар карду чунин гуфт:
—Имрӯз ҳама рӯи замин зери пари мост.
Гар авҷ бигирам, бипарам аз назари тез,
Мебинам агар заррае андар таги дарёст.
Гар бар сари хошок яке пашша биҷунбад,
Ҷунбидани он пашша аён дар назари мост.
Бисьёр мани карду зи тақдир натарсид,
Бингар, ки аз ин чархи ҷафопеша чӣ бархост?
Ногаҳ зи камингоҳ яке сахткамоне
Тире зи қазову қадар андохт бар ӯ рост.
Бар боли уқоб омада он тири ҷигардӯз,
В-аз абр мар уро ба сӯи хок фурӯ хост.

Бар хок баяфтиду бағалтид чу моҳӣ
В-он гоҳ пари хеш кашид аз чапу аз рост.
Гуфто: Аҷаб аст ин ки зи чӯб асту зи оҳан
Ин тезию тундию паридаш куҷо хост?
Зӣ тир нигаҳ карду пари хеш бар ӯ дид,
Гуфто: **«Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост».**
Ҳуҷҷат, ту манӣро зи сари хеш бадар кун,
Бингар ба уқобе, ки манӣ кард, чиҳо хост!

Носири Хисрав

## ИМРӮЗ — НАҚД, ФАРДО — НАСЬЯ

Кашише қабл аз рафтан ба калисо ба навкари худ гуфт, назди қассобе, ки исмаш Довуд буд, бираваду ним ман гӯшти гусола насья аз ӯ харида биёварад. Ва сипас кашиш дар калисо рафта, машғули мавъиза шуда, аз ахбору аҳодиси роҷеъ ба ҳазрати Довуду Сулаймон зикр намуда, дар ин байнҳо бо садои ғуррои худ гуфт: Ҳоло мехоҳем бубинем, Довуд чӣ гуфт? Навкари кашиш, ки мурочиат карда, ба калисо омада буд, ба гумони он ки кашиш Довуди қассобро мегӯяд, гуфт: Довуд мегӯяд, **«Имрӯз—нақд, фардо—насья»**, то пул надиҳед, гӯшт намедиҳам! Ҳуззори калисо вақте пай ба асли қазия бурданд, шилдики хандаашон баланд шуд ва ин ҷумлаи «имрӯз—нақд, фардо—насья» аз он таърих зарбулмасал гардид.

Аз «Достонҳои амсол» II

## ИШТИБОҲ ДАР САНАД НЕСТ, ДАР КӮЗАИ АСАЛ АСТ

Яке аз қуззот, ки бидуни гирифтани ришва коре сурат намедод ва мураттабан ҳақро бо ришва ноҳақ мекард. Рӯзе марде мӯҳтоҷ ба ин шуд, ки санадашро қозӣ тасдиқ намояд. Вай чандин рӯз омаду рафт кард ва оқибат натиҷа нагирифт, то ин ки рӯзе кӯзае аз асал бардошта ба хидмати қозӣ рафт ва бо додани он санадро ба имзо расонида баргашт.

Фардои он рӯз, ки дигаре кӯзаи қаймоқе барои қозӣ ба унвони таоруф оварда буд, қозӣ дастур дод, ки асалро биёваранд, ки миқдоре аз он бо қаймоқ махлут карда тановул кунад. Вақте сари кӯзаро боз карданд, диданд, ки мӯҳтавии он як банди ангушт асал ва боқӣ гил аст.

Қозӣ, ки аз гул хӯрдани худ комилан хашмгин шуда буд, навкарашро фиристод, то ба ҳар навъ аст, санадро аз он мард гирифта биёварад. Навкар пас аз ҷаҷассуси зиёд соҳиби асалро ёфта гуфт: Қозӣ арз карданд, дар санади шумо иштибоҳе рух дода, онро барои ислоҳ назди ман биёваред.

Он мард гуфт: Хидмати қозӣ саломи маро расонида, би-

гӯед: **«Иштибоҳ дар санад нест, ҳар иштибоҳе ҳаст, дар кӯзаи асал аст!».**

Аз «Достонҳои амсол» II

## КАЛОҒ ХОСТ МИСЛИ КАБК РОҲ БИРАВАД, РОҲ РАФТАНИ ХУДАШ ҲАМ АЗ ЕДАШ РАФТ

Зоғе аз он ҷо, ки фароғе гузид,
Рахти худ аз боғ ба роғе кашид.
Занг зидуда ойинаи боғро,
Холи сияҳ гашт рухи роғро.
Дид яке арса ба домони кӯҳ,
Арзадеҳи махзани пинҳони кӯҳ.
Сабзаву лола чу лаби маҳвашон
Лола зи фирӯзаву лаълаш нишон.
Нодира кабке ба ҷамоли тамом,
Шоҳиди он равзаи фирӯзафом.
Фохтагуи ҷома ба бар карда танг,
Дӯхта бар садра сиҷофи дуранг.
Тайҳуву дурроҷ — бад-ӯ ишқбоз,
Бар ҳама аз гардану сар сарфароз.
Пойчаҳо бурзада то соқи пой,
Карда зи ҷустӣ ба сари кӯҳ ҷой.
Бар сари ҳар санг зада қаҳқаҳа,
Пайсипараш ҳам раҳу ҳам бераҳа.
Тезраву тездаву тезгом,
Хушравишу хушпаришу хушхиром.
Ҳам ҳаракоташ мутаносиб ба ҳам,
Ҳам хутуваташ мутақориб ба ҳам.
Зоғ чу дид он раҳу рафторро
В-он равишу ҷунбиши ҳамворро,
Бо диле аз дур гирифтори ӯ,
Рафт ба шогирдии рафтори ӯ.
Бозкашид аз равиши хеш пой,
Дар пайи ӯ кард ба тақлид ҷой.
Бар қадами ӯ қадаме мекашид,
В-аз қаламаш ӯ рақаме мекашид.
Дар пайаш, алқисса, дар он марғзор
Рафт бар ин қоида рӯзе се-чор.
Оқибат аз хомии худ сӯхта,
Раҳравии кабк наёмӯхта,
Кард фаромуш раҳу рафтори хеш,
Монд ғароматтазада аз кори хеш.

Абдураҳмони Ҷомӣ

## КАС НАГӮЯД, КИ ДӮҒИ МАН ТУРШ АСТ

Рӯзе яке аз толибони улуми динӣ аз Ибни Ҷузӣ — воизи моҳири Бағдод пурсид:

— Аъламтар аз шумо дар миёни табақаи воиз кист?

Гуфт:

— Касе нест.

Пурсид:

— Чӣ тавр?

Ҷавобе ба арабӣ дод, ки тарҷумаи он ба форсӣ ин аст: **«Кас нагӯяд, ки дӯғи ман турш аст»** ва гуфтани ӯ масал шуд.

Аз «Достони амсол» II

## КОР АЗ МАҲКАМКОРӢ АЙБ НАМЕКУНАД

Мушир-ус-салтана соле ду моҳ рамазонӣ мекард ва шабҳоро таом медод ва дар ду рӯзи охири моҳ хохоми яҳудон ва кашишони масеҳиро ҳам даъват мекард.

Рӯзе Муҳаммадалишоҳ аз вай пурсид, ки дар маҷлиси рамазонӣ чаро хохоми яҳуд ва кашишони масеҳиро даъват мекунед?

Мушир-ус салтана гуфт:

— Қурбон, **«Кор аз маҳкамкорӣ айб намекунад»**.

Аз «Маҷмӯаи латоиф»

## КОСАИ ЧИНӢ, КИ САДО МЕКУНАД, ХУД СИФАТИ ХЕШ АДО МЕКУНАД

Овардаанд, ки дар замони Нуширвон ду мард ба як мартаба дар маҷлиси ӯ ҳозир шуданд. Яке ба овози баланд ин байт бихонд:

Некӣ кунӣ ҳам ба некӣ бинӣ,
То ки некӣ туро расад пеш.

Он дигаре ин байтро бихонд:

Ту бад макуну ки бад бошидет,
То зуд бадӣ биёядат пеш.

Чун амири одил ин ду байтро бишунид, писанди хотираш афтод, таҳсин карда, фармуд, то марди аввалро ҳазор дирҳам инъом бидиҳанд ва марди дуюмро сад дирҳам.

Яке аз бузургон пурсид, ки эй амир, каломи инон як маънӣ дошт, тафовут аз чӣ роҳ аст?

Амир фармуд, ки дар гуфтан тафовут бисёр аст. Каломи марди аввал ҳама ба лафзи некӣ ва сонӣ ба бадӣ буда, агарчи ҳар ду як маънӣ дошт.

Машҳур аст, ки «Ҳарфи бад аз забони бад бошад». Ҳар ки некукор аст, ҳама ҳарфи некӣ аз забонаш барояд.

**«Косаи чинӣ, ки садо мекунад,
Худ сифати хеш адо мекунад».**

«Ту некӣ мекуну дар Даҷла андоз,
Ки эзид дар биёбонат диҳад боз».

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## КӢ МЕГӮЯД, КИ АСБИ ДОРУҒА ҶАВ НАМЕХӮРАД?

Гӯянд, ки навкари доруға ҷиҳати таҳсил ба деҳе рафт ва шурӯъ дар шалтоқ карда, аз ҳар кас ба баҳонае чизе гирифт, то он ки навбат ба шахсе расид, ки ба ҳеҷ ваҷҳ натавонист бар ӯ гуноҳе собит кунад. Баъд аз фикри бисьёр гуфт:

Эй тоҷик, ту ҳазор динор ҷарима бидеҳ!

— Тақсири ман чист?

Гуфт:

— Он шунидаам, ки мегуфтӣ «асби доруға ҷав намехурад». Ва алҳол **«Кӣ мегӯяд, асби доруға ҷав намехӯрад?»,** масал шуда.

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

## ЛАЗЗАТИ ЁФТАН АЗ ЁФТА БЕҲ!

Аъробие шутуреро гум кард. Бонг зад, ки ҳар кӣ шутури маро ба ман орад, ӯрост ду шутур харвор бо вай.

Гуфтанд:

— Ҳайҳот, ин чӣ кор аст, ки сарборӣ фузун аз харвор аст.

Гуфт:

— Шумо лаззати ваҷд ва ҳаловати ёфти онро начашидаед, маъзуред.

Гумшуда гарчи ҳақир аст, магӯй,
Ки иновӯ талабаш ёфта беҳ!
Ҳаст дар қоидаи хурдшинос
**«Лаззати ёфтан аз ёфта беҳ!»**

Абдураҳмони Ҷомӣ

## МАКРИ ЗАН ИБЛИС ДИД, БАР ЗАМИН БИНӢ КАШИД

Овардаанд, ки марде пайваста тафтиши макри занон мекард ва ӯ фозилу донишманд ва ҷомеъи улум буд ва ҳамеша эҳтиёт аз макри занон карда ва ишонро маҳалли эътимод надонист ва эътиқод бар кавли ишон нанамудӣ ва гуфтӣ: «Зан чӣ вуҷуд дорад, ки макраш бошад ва занон ноқисақланд». Ва китобе тамом карда буд аз макри занон ва онро «Ҳилат-ун-нисоъ» ном карда буд. Ҳар куҷо, ки аз макри занон дида ё шунида буд, дар он китоб ҷамъ карда ва ҳамеша дар ҷустуҷӯи ҳилаи занон буд, то вақте ки дар асnои сафар ба қабилаи бани Асад расид ва чун шаб буд ба наздики он қа-

била фуруд омад ва бар дари хонаи яке аз онҳо рафт, ки соҳиби хона дар хона набуд. Ногоҳ аз он хона зане беруи омад дар ғояти ҳусну ҷамол ва дар ниҳояти ғанҷу далол, ки аз рӯи зебои ӯ хуршед рашк мебурд. Он зан дид, ҷавоне ғариб бар дари хонаи ӯ фурӯд омада, пеш рафту салом кард. Он мард ҷавоби саломи ӯро боздоду марҳабо гуфт. Чун занро амсоли гули шукуфта дид, гуфт:

— Эй зан, меҳмон дӯст медорӣ?

Гуфт:

— «Меҳмон ҳадьяи худост», чаро дӯст надорам? Шафқат куну ба даруни хона дарой!

Пас уро ба хона бурд ва хӯрдание, ки дошт, бар табақи ихлос ниҳода гуфт:

— «Расида расидаи худ хӯрад», меҳмон чизе бихӯр! Ва пас гуфт:

— Эй аврат, ту меҳмондорӣ аз кӣ омӯхтаӣ?

Гуфт:

— Аз он ҷо, ки ҳазрати расул фармуд: «Меҳмон далели биҳишт аст».

Он мард тааҷҷуб намуда, ки зане ба ҳама ҷиҳат ороста буд.

Баъд аз он аврат ба кори худ машғул буд ва он мард ба мутолиаи китоб даромад. Зан пурсид:

— Ин чӣ китоб аст, ки ба ҷиддя тамом мутолиа мекунӣ? Он мард ба майли тамом ба ҷониби у назар карда бихандид. Пас гуфт:

— Ин китобро «Ҳилат-ун-нисоъ» ном аст, ки ҷамъ кардаам.

Чун зан ин сухан бишунид, бихандиду гуфт:

— Эй мард, коре кардаӣ ту мисли он мард аст, ки оби дарьёро ба ғирбол паймона мекард. Ту аз ӯҳдаи ин кор кай беруи хоҳӣ омад ва куҷо ииро ҷамъ тавонӣ кард, агар муште аз оби дарьё бардорӣ, оби дарьё чӣ кам мешавад? Эй бародар, аз макри занон шайтон оҷиз аст ва дар масалҳо гуянд: **«Макри зан иблис диду бар замин бинӣ кашид».** Макри занон аз ҳилаи шайтон афзунтар аст. Туро чӣ ба хотир мерасад, реги биёбонро кай метавон ба мушт ҷамъ кард? Худро ранҷа мадор ва осуда бош ва авқоти худро ба тоату ибодат сарф кун!

Он мард чун ин сухан бишунид, хомӯш шуд, ба фикр фурӯ рафт ва ҳайрони ҷамоли он зан монда буд, ки ногоҳ он зан бархост ва ба даруни хонаи дигар рафт ва барои меҳмон таом овард. Ва баъд аз таом аз барои ӯ ҷой муайян кард, то он шаб хобид. Рӯзи дигар зан пеши меҳмон омада, ба ширинсуханӣ ва нармзабонӣ гуфт:

— Эй хоҷа, мехоҳӣ шаммае аз макри занон ба ту бинамоям, то бар ту маълум шавад, ки аз ӯҳдаи ин кор барна-

меой ва китоби худро бишӯй ва ба илму дониши худ мағрур нашавӣ? Мард гуфт:

— Эй нозанин, ҳар чӣ бигӯй, аз шумо меояд.

Пас зан бархоста, ба даруни хона рафт ва худро биёрост ва чун кабки хиромон биёмад ва дар баробари меҳмон нишаст ва бо нозу карашма хуштабъӣ оғоз карда ва бо ишваву ғамза тири ноз бар камони ниёз гузошта, ба ҳадафи синаи меҳмон рост кард ва шеърҳои муносиби ҳол мехонд, чандон дили ӯро дар банди ҳамоили худ дид ва донист, ки тир бар нишона хӯрдааст. Пас ӯро ба хилват бурда ҳангомаи нозу ниёз бо ӯ гарм карда. Он мард ошики бекарору бетоби ӯ гардида, бо худ гуфт, ки ман ғалат карда будам, ки эътимод бар қавлу феъли занон бо ин хубиву латофат ва зебоиву назокат зан дар ҷаҳон буда ва ман аз ин маънӣ ғофил ва аз ин файз баҳрае набурдаам. Пас дилу ҷон ва пою дастро бохт, маҳви ҷамоли ӯ шуд, гуфт:

— Эй ҷони ҷаҳон ва эй хуршеди тобон ва эй рӯҳи равон ва эй сарви хиромон ва эй ороми дилу ҷон ва эй мӯниси дили нотавон ва эй моҳи хубруён ва эй фитнаи даврон ва эй гулрухи пистадаҳон ва эй шакарлаби ширинзабон,

Маро дил ба ҷо нест, бурдӣ ту дил,
Бибурдӣ дилу ман бимондам хиҷил!

Бигӯ, маро чӣ бояд кард ва саранҷоми кори ман чун хоҳад буд?

Зан гуфт:

— Эй хоҷа, туро чӣ вокеъ шуда ва чӣ пеш омада? Ту марди оқилу донишмандӣ ва ҷомеъи улуму соҳиби китоби «Ҳилат-ун-нисоъ», чаро саросема шудаӣ?

Ҷавон гуфт:

— Пеш аз ин гар ихтиёре доштам, эй ҷони ман,
Чун туро дидам, иноли ихтиёр аз даст рафт.

Ман имшаб ҳама шаб дар фикру хаёли ин сурати зебову ликои раъно ба хоб нарафтаам. Эй моҳи зеборӯй, эй гулчеҳраи анбарбӯй ва эй мусалсали гесӯи мушкинмӯй ва эй гулрухи анбаргӯй. Пас ба аҷзу зорӣ даромада, изҳори ишқи худ кард. Дар ин гуфтугӯй буданд, ки ногоҳ канизе ба даруни хона омад, ки эй бибӣ, чӣ нишастаӣ, ки хоҷа расид.

Зан музтариб шуда, аз ҷо барҷаст ва зарина аз рӯи худ бардошту бадар андохт ва худро ба каноре кашид.

Мард чун ин ҳол бидид, сараш аз ишқ тиҳӣ шуду гуфт:

— Эй ҷони ман, чӣ вокеъ шуда, ки чунин музтариб шудӣ?

Гуфт:

— Шавҳари ман се рӯз буд, ба шикор рафта буд, алҳол

омада. Ҳар гоҳ моро дар як ҷо бинад, албатта, маро ҳалок хоҳад кард ва амон нахоҳад дод.

Мард чун ин сухан бишунид, ларза ба андомаш афтоду гуфт:

— Оҳ, ин чӣ хабари ҷонсӯз буд, пас маро чӣ бояд кард? Табдирҳо чист?

Зан гуфт:

— Бархезу дар ин сандуқ рав ва як лаҳза қарор гир, то бубинем, чӣ мешавад.

Он ҷавон ба миёни сандуқ рафт ва зан дари сандуқро қуфл карда берун омад, ки шавҳараш расид. Зан пеш рафта дасти шавҳарро гирифт ва хандон ба даруни хона рафтанд. Пас мард бинишаст ва зан низ паҳлуи ӯ пушт ба сандуқ ниҳода. Зану шавҳар пушт ба сандуқ дода, паҳлуи ҳам аз ҳар ҷо сухане мерафт. Зан як бор ҳаракат ба сандуқ дода, ин байт бихонд:

Мазан дар водии макру хиял гом,
Ки аз макри занон афтӣ ту дар дом.

Шавҳар гуфт:

— Эй зан чӣ воқеъ шуда?

Зан гуфт:

— Бидон, ки дишаб ҷавони гарибе бар дари хонаи мо фуруд омада буд. Ман берун рафта, ӯро таклиф карда, ба хона овардам ва он чӣ мақдур буд, аз таом барои ӯ бурда ва ӯро марди доно ва фозиле дидам, китобе дар пеши худ гузошта, ба ҷаҳди тамом мутолиа менамуд. Пурсидам, чӣ китоб аст? Гуфт: Китоби «Ҳилат-ун-нисоъ» ва худ ҷамъ кардаам ва тамоми макри занон аст. Эй шавҳар, бидон, ки ман чун ин суханро аз ӯ шунидам, ғайратам ба ҳаракат омад, гуфтам:

— Ту кай аз ӯҳдаи ин кор берун меой, ки ҳилаи занон дар китоб рост наёяд. Ӯ табассум кард.

Гуфтам:— Мехоҳӣ шаммае аз макри занон ба ту намоям.

Пас ӯро дар ин ӯтоқ овардам ва худ дар хонаи дигар рафтам, зинати тамом карда омадам, дар паҳлуи ӯ нишастам.

Он ҷавон ҳамаро дар миёни сандуқ мешунид ва дилаш ба таппиш омада буд.

Пас шавҳар гуфт:

— Рост мегӯӣ ё шӯхӣ?

Гуфт:

— «Дарӯғгӯ душмани худост». Ман ҳаргиз дурӯғ нагуфтаам ва хиёнат накардаам.

Шавҳар гуфт:

— Пас он мард чӣ шуд?

Зан гуфт:

— Чун меҳмонро дидам, ки ба илми худ мағрур аст, хостам, ки ҳалқа дар гӯшаш кунам ва ӯро дар ҷувол карда, сари ӯро бубандам ва ӯро огоҳ гардонам, ки макри занон ба китобҳо ва ақл рост намеояд. Бо ӯ хилват кардам ва дили ӯ ба нозу ишва бурдам. Дари сӯҳбату айш бар вай кушодам, ҳануз матлаб тамом нашуда буд, ки ту омадӣ ва айши ӯро мунағғас кардӣ ва ӯро аз тарси ту дар сандуқ кардам».

Он бечора дар миёни сандуқ шунид, оҳ аз дил баркашид ва чун бед бар худ меларзид. Наздик шуда буд, ки риштаи ҳаёт қатъ кунад. Даст аз зиндагии худ бардошта, бо худ гуфт: «Аҳвол маро пора-пора хоҳад кард. Дар ин сандуқ роҳи гурез нест. Тан ба марг мебояд дод».

Чун шавҳар ин сухан бишунид, ба ҷӯшу хурӯш гуфт:

— Куҷост он намакбаҳаром, ки то сазои ӯро бидиҳам, то меҳмоне, ки ба хонаи касе ояд, назари ҳаром бар зани соҳиби хона накунад.

Бисёр дар ғазаб шуд.

Зан гуфт:

— Эй шавҳар, изтироб макун, ки ҷои дуре нарафтааст, дар ҳамин хона ҳозир аст. Он бечора дар сандуқ ин суханро шунид, андаруни худро бохт ва қолаб тиҳӣ кард.

Пас шавҳари зан шамшер кашида, аз сари хашм бархосту бар зан гуфт:

— Зудтар нишон деҳ, то ӯро пора-пора кунам.

Зан филҳол бархосту гуфт:

— Дар ин сандуқ аст, бигир калидро бикушову бубин, то бар ту маълум гардад.

Иттифоқан зану шавҳар бо якдигар муддате буд ҷанок кашида буданд ва ҳеҷ қадом аз ҳам намебурданд. Чун мард дар қаҳр буд, ҷаҳон дар чашмаш торик гашта буд, мутлақан ҷаноқ ба ёдаш наёмад. Пас аз рӯи ғазаб калидро аз дасти зан гирифт, ки дари сандуқро бикушояд, дардам зан гуфт:

— Маро ёд, туро фаромуш, ҷанокро бохтӣ!

Чун мард ин суханро шунид, филҳол калидро ба дур бияндохту гуфт:

— Лаънати худой бар зан, ки шайтон сад сол ба макри зан намерасад. Боракаллоҳ, эй маккора, чӣ қисм маро ба сари ғазаб овардӣ, бояд ки шайтон сад сол шогирдии ту кунад.

Ва аз сари он муқаддима гузашт. Гумон кард, ки он гуфтугӯ барои гаравбандӣ буда, хомӯш шуд.

Зан бар сари дилдорӣ омада, бар рӯи шавҳар чун гул ба шукуфтан омада ва нақли дигар дар миёнҷ оварда, давгани гозе бар риши шавҳараш молид, ки то муқаддимаи

мехмон аз хотири ӯ бадар рафт ва баъд аз он таом оварда, бо ҳам хӯрданд. Чун лаҳзае гузашт, ба суҳбат машғул шуданд ва шавҳарро ба ҳаммом фиристод ва қуфли сандуқро бикушод ва он шаммурдаро аз тобут берун оварда, порае шарбат дар гулуяш рехту гуфт:

— Эй бародар, ҳарчанд ту марди оқилу комилӣ ва мунсифи китоби «Ҳилят-ун-нисоъ»-е бошӣ, ки беш аз ман татаббуъ натавонад кард. Ин шаммаеро дидӣ? Акнун ба донишн худ маноз ва ба ақли худ мағрур мабош! Ва ту занонро дар назар намеоварӣ, ки нокисулақланд. Дида дониста худро дар макри занон гирифтор кардӣ? Дидӣ, ки чугуна туро дар ҷувол кардам. Мард гуфт:

— Ҳаққо, ки шайтон шогирдии туро натавонад кард.

Зан гуфт:

— Диди, он чӣ дар миёни ману ту гузашта буд, ҳамаро ба шавҳари худ гуфтам ва туро боз аз марг халос кардам... Пас бидон ки ҳеч марде занро муҳофизат натавонад кард. Эй бародар, ранҷи абас мабар ва авқоти худро зоеъ магардон ва умри худро дар ибодат сарф кун! Агарчи занон нокисулақланд, аммо ҳама зан баробар нест. Аз ҷамъ кардани макри зан туро чӣ фоида? Ба ғайр аз он ки вубол барои худ ҳосил мекунӣ ва ҳамин масал туро кофист. **«Макри зан иблис дид, бар замин биний кашид»**. Акнун ба саломат бирав, ки ҷони муфте бадар бурдӣ.

Пас он мард аз он ҷо берун омад ва китобро ба об шуст.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## МИСКИН ХАРАК ОРЗУИ ДУМ КАРД, НОЁФТА ДУМ, ДУ ГӮШ ГУМ КАРД

Будаст харе, ки дум набудаш,
Рӯзе ғами бедумӣ фузудаш,
Дар думталабӣ қадам ҳамезад,
Дум металабиду дам ҳамезад.
Ногоҳ на зи роҳи ихтиёрӣ
Бигзашт миёни киштзоре.
Деҳқон магараш зи гӯшае дид,
Барҷасту аз ӯ ду гӯш бибуррид.
**«Мискин харак орзуи дум кард,
Ноёфта дум, ду гӯш гум кард».**
Он кас, ки зи ҳад бурун ниҳад гом,
Ин аст сазои ӯ саранҷом.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

## МОРИ БАД БЕҲ АЗ ЁРИ БАД

Бикрде гавҳари хирад суфтаст,
**«Мори бад беҳ зи ёри бад»** гуфтаст.
Мори бад ҷуз ба ҷони ту натапад,

Ёри бад ақлу дил зи бун биканад.
Мори бад гар биафканӣ санге,
Ҷаҳад аз хонаи ту фарсанге.
Растан аз ёри бад бувад душвор,
Дар бибандӣ, дарояд аз девор.
Мори бад ҷуз ба умрҳои мадид,
Н-ояд андар сарову хона падид.
Бошад осон аз он ҳазар кардан,
Нақди ҷон аз кафаш бадар бурдан.
Ёри бад аз фусуну афсона
Бо ту ҳамхоба асту ҳамхона,
Кай диҳад даст растан аз қайдаш,
Ё бад-ин пой ҷастан аз қайдаш?
Мори бад чун бибинии донӣ,
Ёри бадро шинохтан натвонӣ.
Баски хуни ҷигар бибояд х(в)ард,
То шавад ошкор ҷавҳари мард.
Мори бад хасми ин ҷаҳон бошад,
Ёри бад хасми ҷовидон бошад.

Абдураҳмони Ҷомӣ

## МУРДАН БА ИЛЛАТ БЕҲ АЗ ЗИНДАГОНӢ БА МАЗАЛЛАТ

Ҷавонмардеро дар ҷанги тотор ҷароҳате ҳавл расид.

Қасе гуфт:

— Фалон бозаргон нӯшдору дорад, агар бихоҳӣ, бошад, ки дареғ надорад. Гӯянд, он бозаргон ба бухл маъруф буд.

Гар ба ҷои нонаш андар суфра будӣ офтоб,
То қиёмат рӯзи равшан кас надидӣ дар ҷаҳон.

Ҷавонмард гуфт:

— Агар хоҳам, дору диҳад ё надиҳад в-агар диҳад, манфиат кунад ё накунад, боре хостан аз вай заҳри кушанда аст.

Ҳар чи аз дунон ба миннат хостӣ,
Дар тан афзудию аз ҷон костӣ.

Ва ҳукамо гуфтанд: Оби ҳаёт агар фурӯшанд, филмасал ба оби рӯи доно нахарад, ки **«Мурдан ба иллат беҳ аз зиндагонӣ ба мазаллат»**.

Саъдии Шерозӣ

## НА БА МАНСАБ БУВАД БАЛАНДИИ МАРД, БАЛКИ МАНСАБ ШАВАД БА МАРД БАЛАНД

Искандар яке аз кордоронро аз амали шариф азл кард ва амали хасис ба вай дод. Рӯзе он мард ба Искандар даромад.

Искандар ӯро гуфт:

— Чӣ гуна мебинӣ амали хешро?

Гуфт:

— Зиндагонии подшоҳ дароз бод, на мард ба амал бузург ва шариф гардад, балки амал ба мард бузург ва шариф гардад, дар ҳар амал, ки ҳаст, некӯсиратӣ мебояд ва инсофу дод.

Искандарро сухани вай хуш омад, амали вайро ба вай боздод.

Бояд-ат мансаби баланд, бикӯш,
То ба фазлу ҳунар кунӣ пайванд.
**«На ба мансаб бувад баландии мард,**
**Балки мансаб шавад ба мард баланд».**

Абдураҳмони Ҷомӣ

## НА ШИРИ ШУТУР, НА ДИДОРИ АРАБ!

Арабе ба дави бо аҷамие дӯстию ошноӣ дошт. Араб, ки дар биёбон, дур аз диёр зиндагӣ мекард, ҳар вақт барои коре ба шаҳр меомад, чун дӯсти шаҳрии ӯ майли зиёда ба шири шутур дошт, миқдоре шири шутур низ ба худ меоварду ба хонаи дӯсти худ мерафт ва шабро меҳмони ӯ буд.

Вақте аз авқот араб ба ҷои дурдасте рафт ва муддате натавонист ба шаҳр ояд. Чун муддате бад-ин минвол гузашт, марди шаҳрӣ ҳавас кард, ки биравад ва ҳам дидоре аз араб тоза кунад ва ҳам шири шутур серӣ, ки алоқаи муфрите ба он дошт, бихурад.

Лизо пушт ба шаҳр карду рӯ ба биёбон. Пас аз қатъи мароҳил ва тайи манозил ба сиёҳчодари араб расид. Ҳанӯз аз ранҷи роҳ наёсуда буд, ки туфони бод бархост ва ҳар чи хоку шин дар биёбон буд, бар сару чашми ӯ фуру рехт ва мутаоқиби он борони шадиде боридан гирифт ва сели муҳибе роҳ афтод ва то субҳ ғурришҳои ҳавлноки раъду барқ ҳозиқбошу бедорбоши роиён аз тарси дуздон ва вак-ваки сагон ва садоҳои гушхароши ахшому агном ва боду борон аз чапу рост, чунон марди аҷами шаҳриро дар шиканҷаи наҳоду муаззаб дошт, ки аласса̄боҳ бо либосҳои хеси-об ва бадани нимаҷон ва ҳоли зор бар маркаби худ савору раҳсипори диёри худ гардид ва вақте аз он маҳлака ҷон ба саломат бурд, гуфт:

— **«На шири шутур, на дидори араб».**

Ва аз он таърих ба баъд ҳар вақт дӯсти араб ба ӯ пайғом медод ва аз ӯ даъват менамуд, ки назди ӯ биравад ва дидоре тоза кунад ва шири шутур серӣ бихӯрад, ҷавоб медод. «На шири шутуру на дидори араб».

Аз «Достонҳои амсол» II

## НЕКӢ КУНУ БА ОБ АНДОЗ!

Шунидам, ки Мутаваккилро бандае буд Фатҳ ном, бағоят хубрӯю рӯзбеҳ ва ҳама ҳунарҳову адабҳо омӯхта ва

Мутаваккил уро ба фарзандӣ пазируфта ва аз фарзандони худ азизтар дошти. Ин Фатҳ хост, ки шино кардан омӯзад. маллоҳон биёварданд ва ӯро дар Даҷла шино кардан ҳамеомӯхтанд ва ин Фатҳ ҳанӯз кӯдак буд ва бар шино кардан далер нагашта буд, фааммо чунон ки одати кӯдакон буд, аахуд менамуд, ки шино омӯхтаам. Як рӯз ба пинҳонӣ аз устод ба Даҷла рафт ва андар об ҷаст ва об сахт қавӣ мерафт. Фатҳро бигардонид.

Чун Фатҳ донист, ки бо об басанда наёяд, бо об бисохт ва бар рӯи об ҳамемуд, то аз дидори мардум нопайдо шуд. Чун вайро об пораe бибурд, бар канори Даҷла сӯроххо буд. Чун ба канори об ба сӯрохе бирасид, ҷаҳд кард ва даст бизаду хештан андар он сӯрох андохт ва он ҷо биншаст ва бо худ гуфт, ки худой чӣ хоҳад? Бад-ин вакт боре худро аз ин оби хуихор раҳонд ва ҳафт рӯз он ҷо бимонд.

Ва аввал рӯз, ки хабар доданд Мутаваккилро, ки Фатҳ дар об ҷасту ғарқ шуд, аз тахт фуруд омаду бар хок биншаст ва маллоҳонро бихонду гуфт:

— Ҳар ки Фатҳро мурда ё зинда биёрад, ҳазор динораш бидиҳам ва савганд хӯрд, ки то он гоҳ, ки вайро бар он ҳол ки ҳаст, наёранд, ман таом нахӯрам.

Маллоҳон дар Даҷла рафтанду ғӯта хӯрданд ва ҳар ҷой талаб мекарданд то сари ҳафт рӯзро. Иттифоқан роҳи маллоҳе бад-он сӯрох афтод. Фатҳро бидид, шод гашту гуфт:

— Ҳамин ҷо бош, то завраке биёрам.

Аз он ҷо бозгашту пеши Мутаваккил рафт ва гуфт:

— Ё амир-ал-мӯъминин, агар Фатҳро зинда биёрам, маро чӣ диҳӣ?

Гуфт:

— Панҷ ҳазор динори нақд бидиҳам.

Маллоҳ гуфт:

— Ёфтам. Фатҳро зинда. Завраке биёваранд ва Фатҳро бибаранд.

Мутаваккил он чӣ маллоҳро гуфта буд, бифармуд, то дарвакт бидоданд. Вазирро бифармуду гуфт, ки дар хазинаи ман рав, ҳар чӣ ҳаст, як нима ба дарвеш деҳ!

Он гоҳ гуфт: Таом биёред, ки вай гуруснаи ҳафтрӯза аст.

Фатҳ гуфт:

— Ё амир-ал-мӯъминин, ман серам.

Мутаваккил гуфт:

— Магар аз оби Даҷла сер шудӣ?

Фатҳ гуфт:

— На, ки ман ин ҳафт рӯз гурусна набудам, ки ҳар рӯз бисто нон бар табаке ниҳода, бар рӯи об фуруд омадӣ ва ман ҷаҳд кардаме то ду-се то аз он нон баргирифтаме ва

зиндагонии ман аз он юон буди ва бар ҳар юон навишта буд, ки «Муҳаммад ибни Ҳусайн-ал-Аскоф».

Мутаваккил фармуд, ки дар шаҳр мунодӣ кунед, ки он мард, ки юон дар Даҷла афканд, кист ва бигӯед, то биёяд, ки амир-ал-муъминин ба ӯ некуӣ хоҳад кард, то натарсад.

Чунин мунодӣ карданд. Рӯзи дигар марде биёмаду гуфт:

— Манам он кас.

Мутаваккил гуфт:

— Ба чи нишон!

Мард гуфт:

— Ба он нишон, ки номи ман бар рӯи ҳар юоне навишта буд, ки «Муҳаммад ибни Ҳусайн-ал-Аскоф».

Мутаваккил гуфт:

— Нишон дуруст аст, аммо чанд гоҳ аст, ки ту дар ин Даҷла юон меандозӣ?

Муҳаммад ибни Ҳусайн гуфт:

— Як сол аст.

Мутаваккил гуфт:

— Ғарази ту аз ин чӣ буд?

Мард гуфт:

— Шунида будам, ки «Некӣ куну ба об андоз, ки рӯзе бар диҳад» ва ба дасти ман некии дигар набуд, он чи тавонистам ҳама кардам ва бо худ гуфтам, то чӣ бар диҳад.

Мутаваккил гуфт:

— Он чӣ шунидӣ, кардӣ, бад-он чӣ кардӣ, самар ёфтӣ. Мутаваккил вайро дар Бағдод панҷ деҳ мулк дод.

Мард бар сари мулк рафту мӯҳташам гашт ва ҳанӯз фарзандони ӯ бар Бағдод мондаанд ва ба рӯзгори Алқоими Биамруллоҳ ман ба ҳаҷ рафтам. Эзиди таоло маро тавфиқ дод, то зиёрати хонаи худой бикардам ва фарзандони вайро бидидам ва ин ҳикоят аз пирону муаббирони Бағдод шунидам.

Аз «Қобуснома»

## НЕШИ ҚАЖДУМ НА АЗ ПАИ КИН АСТ. МУҚТАЗОИ ТАБИАТАШ ИН АСТ

Қаждуме заҳри мазаррат дар неш ва тири хабосат дар кеш азимати сафар кард. Ногоҳ бар лаби обе паҳновар расид, хушк фуру монд, на пои гузаштан ва на ёрои бозгашт. Сангпушто ин маъниро аз вай мушоҳида кард. Бар вай тараҳҳум намуд ва бар пушти худаш савор кард ва худро дар об андохт ва шинокунон рӯй ба ҷониби дигар ниҳод ва дар он асно овозе ба гӯши сангпушт расид, ки қаждум чизе бар пушти вай мезанад.

Савол кард, ки ин чи овоз аст?

Ҷавоб дод, ки — ин овози нешн ман аст, ки бар пушти ту мезанам. Ҳарчанд медонам, ки бар он коргар намеояд, аммо одати худро наметавонам гузошт, чунончи гуфтаанд:

**Неши каждум на аз пан кин аст,**
**муқтазои табиаташ ин аст**

Сангпушт ба худ гуфт, ки ҳеҷ беҳ аз ин нест, ки ин бадсириштро аз ин хӯи зишт бираҳонам ва некӯсиратойро аз осеби вай эмин гардонам. Ин гуфту ба об фурӯ рафт ва вайро мавҷ даррабуд ва ба ҷое бурд, ки гуё харгиз набуд.

Абдураҳмони Ҷомӣ

**НИГАҲ ДОР, К-ОЯД ЗАМОНЕ БА ҚОР,**
**АГАРЧИ БУВАД ДАР ҶАҲОН РАЪСИ МОР!**

Овардаанд, ки Луқмон ба писари худ васият кард ва гуфт:

— Ё бани, қарз додан ва ҳоҷати мусулмонон баровардан дар дунё беҳтарин амалҳост ва бидон, ки дар қарз додан даҳ ҳасана ва дар дастгирӣ кардан савоби азим аст ва манофеи бисёр дорад. Эй фарзанд, ҳар ҳоҷатманде, ки пеши туояд, ба қадри макдур ҳоҷати ӯро барор ва аз худ ноумед макун! Нақл аст, ки ҳар кас аз Луқмони Ҳаким қарз хостӣ, бидодӣ ва миннат аз ӯ доштӣ ва шукри ин тавфиқ ба ҷо овардӣ ва мардум аз шаҳрҳо барои қарз пеши ӯ омаданди ва ӯ дастгирӣ намудӣ, то ин ки рӯзе савдогаре аз вилояте барои қарз пеши ӯ омад.

Гуфт:

— Ё ҳаким, ман савдогаре будам машҳур, ҳоло тамоми молам ба тороҷи ҳодисот рафта ва акнун чизе дар даст надорам ва аз ман касбе ва санъате намеояд ва аз ту зар ба қарзи ҳасана мехоҳам, ки моян худ кунам.

Пас Луқмон ҳазор дирҳам ба ӯ дод...

Пас он мард дирҳамҳоро бардошт, ба вилояти худ рафт ва ба тиҷорат машғул шуд ва суди бисёре ба ҳам расонид ва муддате бар ин бигузашт ва зари Луқмонро наёвард.

Пас Луқмон писари худро гуфт:

— Эй фарзанд, дар сафар хосият бисёр аст, акнун ба фалон шаҳр бирав ва зари худро биситон!

Пас асбоби сафарро муҳайё кард ва дар вақти хурӯҷ Луқмон гуфт:

— Эй фарзанд, ин чаҳор калима аз ман бар сабили панд бишунав ва бад-он амал кун:

Аввал он ки бо марди кӯҳансоли ҷаҳондидаи парҳезкор сӯҳбат бидор ва омезиш намо ва рафиқи ӯ бошу сухани пи-

ронро бишунав ва аз ҳарфи пирон берун марав ва ҳар чӣ гӯянд, амал намо!

Дуйӯм он ки дар сояи дарахти мевадор хоб макун, агар танҳо бошӣ!

Сейӯм, чун ба он шаҳр дохил шавӣ, дар макон ва ҷои савдогар намонӣ!

Чаҳорӯм он ки агар зани соҳибҷамоли молдоре туро ба худ бихонад, фирефтаи ӯ нашавӣ!

Эй фарзанд, ин чаҳор калимаро дар дили худ нигоҳ дор! Зинҳор, ки аз сухани пирон бадар наравӣ.

Пас писарро видоъ кард. Писар берун рафт. Чун чанд рӯзе роҳ бирафт, ногоҳ пирамарде ба ӯ расид. Баъд аз он ки якдигарро мулоқот карданд, пир пурсид, ки эй ҷавон, ба куҷо меравӣ?

Писари Луқмон гуфт:

— Ба фалон шаҳр меравам.

Пир гуфт:

— Ман низ он ҷо меравам ва ба ту рафиқам.

Писар гуфт:

— Зиҳӣ давлат.

Алқисса, бо ҳам хуш баромаданд.

Писар гуфт:

— Алҳамдулиллоҳ, ки маро ҳамчунон бо пири хушлиқое рафоқат воқеъ шуд, ки як лаҳза сӯҳбати ӯ ғанимат аст.

Ва насиҳати падар ба хотираш расид. Чун чанд рӯзе роҳ бирафтанд, ногоҳ ба пои дарахти мевадоре расиданд ва он ҷо нишаста, ба ҳам сӯҳбат доштанд.

Пас пир гуфт:

— Эй писар, лаҳзае бихобу истироҳат кун, то андоми ту аз кӯфти роҳ берун ояд.

Писар хост, ки бихобад, боз насиҳати падар ба хотираш омад, ки «дар пои дарахти мевадор хоб макун, агар танҳо бошӣ» ва низ гуфта буд, ки «ҳар чӣ пири кӯҳансол бигӯяд, амал кун ва сухани ӯро рад макун». Ба фармудаи пир дар хоб шуд. Ногоҳ мори сиёҳи азиме аз дарахт ба замин омад ва қасди писар кард. Пир бедор буд, аз ҷой бархосту он морро бикушт. Чун писар аз хоб бедор шуд, море кушта дид, ки наздики ӯ афтода. Аз пир савол кард. Гуфт:

— Ин мор қасди ту кард, ман ӯро куштам. Эй писар, раъси ин хайяро ҷудо кун, бо худ нигоҳ дор, ки ба кори ту хоҳад омад.

Дар он вақт он пир ин масалро гуфт:

**«Нигаҳ дор, к-ояд замоне ба кор,**
**Агарчи бувад дар ҷаҳон раъси мор!»**

Пас писар раъси хайяро ҷудо карда, бо худ нигоҳ дошт. Пас аз чанд рӯзе аз он ҷо равона шуданд, то бад-он

шаҳр, ки мақсуди ишон буд, расиданд. Ишони хонаи савдогарро гирифта, ба хонаи ӯ рафтанд. Савдогар писари Луқмонро шинохт, донист, ки ба талаби зар омадааст. Хост, ки мункир шавад, натавонист, зеро ки пеш аз омадани писар Луқмон ба мардум гуфта буд. Пас чун бо писар мулоқот кард, меҳрубониҳои бенифоқ бо ишон ба ҷо оварда ва дар фикр буд, ки макру ҳила кунад, ки писарро бартараф созад.

Пас гуфт:

— Имшаб танҳо дар пеши ман меҳмон бош!

Писар гуфт:

— Рафиқе дорам, ки аз ӯ ҷудо намешавам ва бе рухсати ӯ коре намекунам.

Пас аз пир рухсат хост. Пир рухсат надоду гуфт, ки ин марди савдогар аз барои зар қасди куштани ту дорад.

Пас ҳарчанд савдогар таклифи мондан кард, писари Луқмон қабул нанамуд.

Пас савдогари нопок ҳар дуро гуфт, ки ман шуморо нигоҳ медорам ва дар канори дарьё макони хушобу ҳавоест, он ҷоро муайян карда, шуморо дар он чанд рӯз меҳмон хоҳам, то зарро нақд карда, бидиҳам.

Пас ишонро дар он маҷон бурд ва дар фикри он буд, ки ҳилате дар ҷони ишон кунад ва чун медонист, ки нисфи шаб дарьё туғьён мекунад ва он маваъро фуру гирифта, ишонро ғарқ мекунад. Ишон чун ғарибанду огоҳ нестанд, ҳалок хоҳанд шуд.

Пас ишонро дар он мавзеъ нишонд ва баъд аз шом худ таом аз барои ишон овард.

Он пири равшанзамир ба писари Луқмон гуфт:

— Ин савдогар мехоҳад, ки ба макру ҳила туро ҳалок кунад. Ба ӯ бигӯ, ки ту як лаҳза дар ин ҷо бош, то замоне тамошои дарьё кунем ва мо ҳам бо ту таом хӯрем.

Писар ин маротибро ба савдогар гуфт. Ӯ ловлоҷ қабул намуд ва дар он ҷо мондани гардид.

Писар ва он пир ҳар ду берун рафта. Пир гуфт:

— Эй писар, биё бар баландӣ равем ва тафарруҷ кунем, ки ба сари савдогар чӣ меояд. Пас ишон бар баландӣ баромада ва ба сӯҳбат машғул шуданд.

Савдогар интизор мекашид, ки ишон муроҷиат менамоянд, то таомро ҳаволаи ишон кунад ва худ биравад. Ва қазоро хоб бар ӯ ғалаба карда, ба хоб рафт ва ҳанӯз нисфи шаб нашуда буд, ки оби дарьё туғьён карда, мавҷи азим бархост ва савдогарро фурӯ гирифта, ба дарьё андохту ғарқ шуд.

Он пир бо писар мушоҳида менамуданд. Пас пир гуфт:

— Эй писар, дидӣ, ки савдогар ба нияти худ расид, пас ҳар касе ҳар нияте, ки дар дил дорад, ба ҳамон ният гирифтор мешавад.

Пас, чун руз шуд, ҳар ду ба шаҳр омаданд ва мардуми шаҳр иро шуниданд, макру ҳилаи савдогар бар мардум зоҳир шуд ва қозию ришсафедони он шаҳр ҷамъ шуданд ва аз моли савдогар пули писари Луқмонро доданд.

Ва зане дар он шаҳр буд бисьёр соҳибҷамол ва ба ниҳояти камол ва моли фаровон дошт. Чун овозаи писари Луқмонро шунид, ки зари бисьёр дорад, кас пеши ӯ фиристод ва ӯро талабид.

Писар чун пайғом шунид, ба ҷониби пир нигарист, то чӣ фармояд.

Гуфт:

— Бирав, бубин, ки чӣ мегӯяд.

Писар бархост ва ба хонаи зан рафт. Дид, ки занест бисьёр соҳибҷамол ва бағоят латифу раъно ва дар ниҳояти мақбулию дилрабой, чунон ки дар муддати умри худ чунин нозанине надида буд. Пас зан бархосту дасти он ҷавонро гирифта, дар паҳлуи худ нишонд ва бо ҳам суҳбат доштанд ва ҳоли якдигар маълум карданд. Дар он вақт зан гуфт:

— Эй ҷавон, ман моли бениҳояте дорам, чунон ки моли ту садьяки он намешавад. Акнун агар маро дар никоҳи худ дароварӣ, тамоми моли худро нисори ту мекунам ва ҳамроҳи ту ба шаҳри ту меоям.

Писар васияти падарро ба хотир оварда, пас гуфт:

— Эй нозанин, бисьёр муборак аст, агар чунончи ҳақ субҳонаҳу ва таоло тақдир карда бошад, мумкин аст, ки мувосалат даст ба ҳам диҳад. Акнун бо рафиқи худ машварате намоям ва туро ҷавоб гӯям.

Пас бархосту пеши пир омад ва ҳақиқати ҳол бозгуфт.

Пир гуфт:

— Андеша макун ва он занро бихоҳ!

Он писар моили он зан шуда буд, аммо риояти панду насиҳати падар мекард. Чун аз пир рухсат ҳосил кард, хушҳол шуд. Пас рӯзи дигар пеши он зан рафт ва мунокаҳат воқеъ шуд. Он гоҳ писар боз пеши пир омад ва ҳол такрир кард.

Пир гуфт, ки акнун то ман нагӯям, бо ӯ духул макун ва дар ин шабҳо, ки пеши ӯ мехобӣ, пушт ба ӯ кун, то он зан бетоқат шавад, дар он вақт ҳар чӣ бигӯяд бо ту, бо ман бигӯй, ки чӣ бояд кард.

Пас писар ба фармудаи пир амал намуд. Чанд шабе, ки аз ин моҷаро бигузашт, шабе он зан гуфт:

— Эй ҷони ҷаҳон, сабаб чист, ки пушти худро ба ман мекунӣ?

Писар гуфт:

— Фардо ҷавоби туро хоҳам гуфт.

Чун рӯз шуд, аҳвол бо пир бозгуфт.

Пир гуфт:

— Бо ӯ бигӯй, бо ту наздикӣ мекунам ба шарти он, ки

удсӯзе биёвари ва дар зери домани худ бигузорӣ, то ман бахуре кунам, ки андоми ту хушбӯ шавад. Ҳар чӣ ӯ дар ҷавоби ту гӯяд, бо ман бигӯй, то бигӯям, ки чӣ бояд кард.

Чун шаби дигар шуд, писар ба хонаи он зан омад ва дар ҷомаи хоб сухани пирро ба он аврат гуфт. Зан филҳол бархост, ки удсӯз биёварад.

Писар гуфт:

— Имшаб бошад, то ман фардо бахур биёварам.

Пас рӯзи дигар ба хидмати пир рафт ва моҷароро такрир намуд.

Пир гуфт:

— Чун шаб удсӯзро ҳозир кунад, дар зери домани ӯ бигузор ва сари морро дар оташ андоз, то он ки дуд ба он занфа барасад. Он вақт мулоҳиза кун, ки чӣ чиз аз ӯ ҷудо мешавад. Пас онро бикуш ва занро бигӯй, то ғусл кунад ва баъд аз он духул кун ва бо ӯ суҳбат бидор!

Писар хушҳол гардид, ки имшаб ба коми дил хоҳам расид.

Пас шаби дигар ба хонаи он зан рафт. Чун вақти хоб расид, ба ҷомаи хоб рафтанд. Писар удсӯзро пуроташ кард, сари морро аз киса берун оварда, дар оташ андохт ва дар зери домани зан гузошт.

Море дар шиками он зан буд, ки ҳар кас бо ӯ наздикӣ мекард, он мор уро ҳалок мекард. Он зан тамоми моли ӯро ба ивази садоқ мутасарриф мешуд ва ба ин ҷиҳат моли бисёре ҷамъ карда буд.

Чун писари Луқмон сари морро дуд карда, ба андоми он аврат расид, мор дар шиками он аврат ба ҳаракат даромада, аз роҳи бавл сар берун кард.

Писар донист, ки чист. Пас даст дароз карда, пушти гардани морро гирифта, берун кашид ва филфавр он морро бикушт.

Чун зан он морро бидид, аз тарс аз худ бирафт ва баъд аз лаҳзае, ки ба худ омад, дар дасту пои писар афтода гуфт:

— Эй шавҳари меҳрубон ва эй маро мӯниси ҷон, ин чӣ буд, ки аз ман ҷудо шуд, ман аз ин мухбир огоҳ набудам, пас ман зиндакардаи туам, маро ба канизӣ қабул кун, ки ман ҷамъи моли худро фидои ту кардаам. Ту ин балоро аз куҷо маълум кардӣ ва он чӣ буд, ки ҳамроҳи худ доштӣ, ки бар оташ андохтӣ ва он мор берун омад ва маро аз ин бало наҷот додӣ?

Писар гуфт:

— Эй зан, бузургон масале гуфтаанд: «Бе пир марав ту дар харобот!». Пас ман дар ин роҳ, ки меомадам, бо пири равшанзамире рафиқ шудам ва ин амалро ӯ таълими ман намуда ва мо ҳар ду зиндакардаи ӯем. Туро ба хидмати ӯ хоҳам бурд. Пас гуфт:

— Бархезу ғусл кун то ба ҳаҷ ба коми дил суҳбат бидорем.

Зан хушҳол шуда бархосту дардам ғусл карда, дар бағали писар хобид. Ва ба висоли якдигар расиданд...

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## НОНИ ЯКРУЗА ЧИ БАР ПУШТУ ЧИ ДАР ШИКАМ

Дарвеше аз шахсе тӯшаи сафар талабид. Он шахс ноне ба ӯ дод. Дарвеш он нонро ҳамон лаҳза тановул намуд.

Он шахс гуфт:

— Ба сафар меравӣ, ҳамаро набоистӣ хӯрдан, порае боистӣ бо худ бардоштан.

Дарвеш гуфт:

**«Нони якрӯза чи бар пушту чи дар шикам».**

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

## ОН ВАҚТ, КИ ЧИК-ЧИКИ МАСТОНАТ БУД, ЁДИ ЗИМИСТОНАТ НАБУД

Овардаанд, ки дар боғе булбуле бар шохи дарахте ошьёнае дошт. Иттифоқан мӯре заиф дар зери он дарахт хона сохта ва аз баҳри чандрӯза қӯт маскан пардохта. Булбул шабу рӯз гирди гулистон дар парвоз омад ва барбати нағамоти дилфиреб дар соз оварда ва мӯр ба ҷамъи нафақоти лайлу наҳор машғул гашта ва ҳазордастон дар чамани боғ бо овози хеш ғарра шуда. Булбул бо гул рамзе мегуфт ва боди сабо дар миёна ғамзае мекард. Чун он мӯри заиф нози гулу ниёзи булбул мушоҳида мекард, ба забони ҳол мегуфт:

— Аз ин қилу қол чӣ кушояд, кор дар вақти дигар падид ояд. Чун фасли баҳор рафт ва мавсими хазон даромад ва хорҷои гул бигирифт ва зоғ дар мақоми булбул нишаст, боди хазон дар вазидан омад ва барг аз дарахт резидан гирифт, рухсораи барг зард шуд ва нафаси ҳаво сард гашт, аз каллаи абр дур мерехт ва аз ғирболи ҳаво кофур мебехт.

Ногоҳ булбул дар боғ омад, на ранги гул дид ва на бӯи сунбул шунид. Забонаш бо ҳазордастон лол бимонд. На гул, ки ҷамоли ӯ бинад ва на сабза, ки камоли ӯ нигарад. Аз бегулӣ тоқаташ тоқ шуд ва аз беавоӣ аз наво фурӯ монд. Ёдаш омад, ки охир рӯзе мӯре дар зери ин дарахт хонае дошт ва дона ҷамъ мекард. Имрӯз ҳоҷат ба дари ӯ барам ва ба сабаби қурбу ҳаққи ҷавор чизе талабам. Булбули гурусна пеши мӯр рафту гуфт:

— Эй азиз, саховат нишони бахтиёрист ва сармояи комкорӣ. Ман умри азизи худ ба ғафлат мегузоштам ва шабу рӯз ба ҳарза бонг медоштам, ту зиракӣ мекардӣ ва захира меандохтӣ. Чӣ шавад агар имрӯз аз он насиба кароматкунӣ!

Мӯр гуфт:

— Ту шабу рӯз дар қол будӣ ва ман дар ҳол. Ту лаҳзае ба таровати гул машғул будӣ ва даме наззора мағрур. Намедонистӣ, ки «Ҳар баҳореро хазоне ва ҳар роҳеро поёне бошад?»

**«Он вақт, ки чик-чики мастонат буд, ёди зимистонат набуд».**

Аз «Достонҳои амсол» I

## ОН КӢ ФИЛ МЕХАРИД, ПАРИДУ РАФТ

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ савор бар фил ба роҳе мегузашт. Масте пеш омада, аз сари мастӣ гуфт: «Филат ба чанд аст?» Гумоштагон ӯро гирифта маҳбус доштанд. Фардои он рӯз, ки мастӣ зоил шуда буд, барои сиёсат ба ҳузураш оварданд. Султон гуфт: «Фили моро мехостӣ бихарӣ?» Гуфт: Шоҳо! Он кӣ дирӯз фил мехарид, париду рафт!

Аз «Достонҳои амсол» II

## ОН ЧӢ БА ҲИЛАТ ТАВОН ПЕШ БУРДАН, БА ҲАЗОР САВОР МУЯССАР НАШАВАД

Овардаанд, ки дар биёбони Кирмон ҷамъе аз дуздон ҷамъ шуда буданд ва ҳар гоҳ ки султон ба наздики ишон лашкар фиристодӣ, бигурехтандӣ. Ва дар он вақт султон Масъуд подшоҳ буд ва аз Ироқ хабар ба вай расид. Дармонд, пас ҳилате андешид ва қадре заҳр аз хазона берун оварду бифармуд, то ӯро аз Исфаҳон себи бисьёр оварданд ва муътамидеро бифармуд, то ба сари сихе заҳр дар себ мекард, чунон ки тамомат як харвор себро заҳролуд карданд ва корвоне, ки бад-он тараф мерафтанд, он себро бо ишон равона карданд ва ҷамоате аз муътамидони хешро ба роҳ кард ва гуфт:

— Чун ба наздики дуздон расед, шумо чанд кас аз пасц корвон шавед, чунон ки дуздон ишонро бизананд ва банд кунанд ва яқин восиқ аст, ки ин себ бихуранд ва ҷумла бимиранд, он гоҳ шумо бираведу корвониёнро бикушоед.

Пас ҳамла бар ин ҷумла карданд, ки ҳилат коргар омад ва ин фикр нофиз шуд. Чун корвониёнро бизаданд ва банд карданд, калони ишон дар кисмат оварданд. Чун як харвор себи Исфаҳон диданд, дар миёни биёбон онро ғанимат шумурданд ва ҷумларо бихӯрданд ва ҳар кӣ бихӯрд, барнахост ва бад-ин ҳилат тамомати дуздон ҳалок шуданд ва касони султон Масъуд ба ақиб биёмаданд ва корвониёнро бикушоданд ва молҳои ишонро бад-ишон расониданд, чунон ки ҳеҷ чиз зоеъ нашуд ва бо ин ҳилати латиф, бе он ки лашкареро ранҷе расад, ҳама дуздон мақҳур шуданд, то

оқилонро маълум шавад, ки **«Он чӣ ба ҳилат тавон пеш бурдан, ба ҳазор савор муяссар нашавад».**

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## ОН ЧӢ ДАР ДЕГ АСТ, БА ЧУМЧА МЕОЯД

Гурусначашме ба дукони ҳаббозе рафт, ки таом хӯрад. Ҳаббоз чумча дар дег андохт.

Гурусна сар дар дег кард, ки мулоҳиза намояд, ки чӣ таом аст.

Ҳаббоз гуфт:

Изтироб чист, **«Он чӣ дар дег аст, ба чумча меояд».**

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

## ОН ЧӢ ДАР ОИНА ҶАВОН БИНАД, ПИР ДАР ХИШТИ ХОМ ОН БИНАД.

Хоҷа Иззуддини Қунавӣ дар Султония бар сари иморати қалъа нишаста буд ва оҷуре пеш ниҳода, дар он ҷо нигоҳ мекард ва хатте бар он мекашид.

Оинадоре ба дасти писари хоҷа Наҷмиддин оинае бидод. Ӯ дар он ҷо нигоҳи бисьёр мекард.

Хоҷа гуфт:

— Чанд дар он ҷо нигоҳ кунӣ ва мардаке зишт дар он ҷо бинӣ?

Гуфт:

— Магар хоҷа нашунидааст, ки:

**«Он чӣ дар оина ҷавон бинад,**
**Пир дар хишти хом он бинад».**

Убайди Зоконӣ

## ОШИҚАМ, АММО ТО ЛАБИ БОМ

Гӯянд, ки маъшуқе бо чанд тан аз ошиқони худ бар пушти боме сӯҳбат медошт. Сухан аз итоату ҷонсупорӣ баромад. Яке аз ушшоқро, ки дар булҳавасӣ аз ҳама дар пеш буд ва беш аз ҳама лофи вафодорӣ ва ҷонсупорӣ мезад, маъшуқ гуфт:

— Агар дар муҳаббати худ содиқӣ, аз ин бом худро ба зер андоз!

Он булҳавас майдон кашида ба канори бом омад ва бистода гуфт:

— **«Ошиқам, аммо то лаби бом».**

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

## ОҚИБАТ ГУРГЗОДА ГУРГ ШАВАД, ГАРЧИ БО ОДАМЙ БУЗУРГ ШАВАД

Тоифае доздони араб бар сари кӯҳе нишаста буданд ва манфази корвон баста ва раияти булдон аз макоиди ишон маръуб ва лашкари султон мағлуб. Ба ҳукми он, ки малозе манеъ аз қуллаи кӯҳе ба даст оварда буданд ва малҷамъу маъвои худ сохта. Мудаббирони мамолики он тараф дар дафъи мазаррати ишон машварат карданд, ки агар ин тоифа ҳам бар ин насақ рӯзгоре мудовамат намоянд, муқовимат бо ишон мумтанеъ гардад:

Дарахте, ки акнун гирифтаст пой,
Ба нерӯи шахсе бароянд зи ҷой.
В-араш ҳамчунон рӯзгоре ҳилй,
Ба гардунаш аз бех барнагелй.
Сари чашма шояд гирифтан ба бел,
Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил.

Сухан бар ин муқаррар шуд, ки якеро ба таҷассуси ишон баргумоштанд ва фурсат нигоҳ медоштанд, то вақте ки бар сари қавме ронда буданду букъа холй монда.

Тане чанд аз мардони воқеадидан ҷангозмударо бифиристоданд, то шаб дар шеби ҷабал пинҳон шуданд. Шабонгоҳ, ки duздон бозомаданд — сафаркардаву ғоратоварда, силоҳ аз тан бикушоданду рахти ғанимат бинниҳоданд. Нахустин душмане, ки бар сари ишон тохт, хоб буд, чандон ки посе аз шаб даргузашт.

Қурси хуршед дар сиёҳй шуд,
Юнус андар даҳони моҳй шуд.

Мардони диловар аз камин бадар ҷастанд ва дасти ягонягон бар китф бастанд ва бомдодон ба даргоҳи малик ҳозир оварданд. Малик ҳамаро ба куштан ишорат фармуд. Дар он миён ҷавоне буд, меваи унфувони шабобаш наврасида ва сабзаи гулистони узораш навдамида.

Яке аз вузаро пои тахти маликро бӯса дод ва рӯи шафоат бар замин ниҳод ва гуфт:

— Ин писар ҳамчунон аз боғи зиндагонй бар нахӯрдааст ва аз раияни ҷавонй таматтӯъ наёфта. Тавакқӯъ ба карами ахлоқи худовандй он аст, ки бахшидани хуни ӯ бар банда миннат ниҳад.

Малик рӯй аз ин сухан дарҳам кашид ва мувофиқи раъйи баландаш наёмад ва гуфт:

Партави некон нагирад, ҳар кй буньёдаш бад аст,
Тарбият ноаҳлро чун гирдакон бар гунбад аст.

Насли фасоди инон мунқатеъ кардан авлотар аст ва бехи табори ишон баровардан, ки оташ нишондану ахгар гу-

зоштан ва афъй куштану бача нигоҳ доштан кори хирадмандон нест.

Абр агар оби зиндагӣ борад,
Ҳаргиз аз шохи бед бар нахӯрӣ.
Бо фурӯмоя рӯзгор мабар,
К-аз ни бӯрьё шакар нахӯрӣ!

Вазир ин сухан бишуниду тавъану кархан бинисандид ва бар ҳусни рои малик офарин хонду гуфт:

— Он чӣ худованд фармуд, айни ҳақиқат аст, аммо агар дар силки суҳбати он бадон тарбия ёфтӣ, табиати ишон гирифтӣ, аммо банда умедвор аст, ки ба ишрати солеҳон тарбият пазирад ва хӯи хирадмандон гирад, ки ҳанӯз тифл аст ва сирати бағью иноди он гурӯҳ дарниходи ӯ мутамаккин нашуда:

Бо бадон ёр гашт ҳамсари Лут,
Хонадони нубуваташ гум шуд.
Саги асҳоби каҳф рӯзе чанд
Пай некон гирифту мардум шуд.

Ин бигуфту тоифае аз нудамои малик бо ӯ ба шафоат ёр шуданд, то малик аз сари хуни ӯ даргузашт ва гуфт:

— Бахшидам, агарчи маслиҳат надидам.

Донӣ, ки чӣ гуфт Зол бо Рустами гурд:
— Душман натавон ҳақиру бечора шумурд.
Дидем басе, ки оби сарчашмаи хурд,
Чун бештар омад, шутуру бор бибурд.

Филҷумла, писарро бо нозу неъмат баровард ва устоди адиб ба тарбияти ӯ насб кард, то ҳусни хитоб ва радди ҷавобу сойри одоби хидмати мулукаш дaромӯхт, чунон ки дар назари ҳамгинон писанд омад. Боре вазир аз шамоили ӯ дар ҳазрати малик шаммае мегуфт, ки тарбияти оқилон дар ӯ асар кардааст ва ҷаҳли қадим аз ҷибиллати ӯ бадар бурд. Маликро аз ин сухан табассум омаду гуфт:

**«Оқибат гургзода гург шавад,**
**Гарчи бо одамӣ бузург шавад».**

Соле ду бар ин баромад. Тоифаи авбоши маҳаллат дар ӯ пайвастанд ва ақди мурофақат бастанд, то ба вақти фурсат вазир ва ҳар ду писарашро бикушт ва неъмати бекиёс бардошт ва дар мағораи duздон ба ҷои падар биншаст ва оси шуд. Малик дасти таҳайюр ба дандон газидан гирифт ва гуфт:

Шамшери нек з-оҳани бад чун кунад касе?
Нокас ба тарбият нашавад, эй ҳаким, кас!
Борон, ки дар латофати табъаш хилоф нест,
Аз боғ лола рӯяду аз шӯрабум хас.

Замини шӯра сунбул бар наёрад,
Дар ӯ тухму амал зоеъ магардон!
Никӯӣ бо бадон кардан чунон аст,
Ки бад кардан ба ҷои некмардон.

Саъдии Шерозӣ

## ОҲИ СОҲИБДАРДРО БОШАД АСАР

Бар сари хоке зане хуш мегирист,
Гуфт Маҷнуне-ш, к-ин гиръя зи чист?
Гуфт: Чашмам бар дилам ғамнок монд,
З-ин ҷавони ман, ки зери хок монд.
Гуфт: Ту дар хоки, ӯ дар хок нест,
Ӯ кунун чуз ту зи ҷони пок нест.
Гар бувад дар мотаме сад навҳагар,
**«Оҳи соҳибдардро бошад асар».**
Гар бувад дар ҳалқае сад ғамзада,
Ҳалқаро бошад ягон мотамзада.
Чун тавонистам, надонистам, чӣ суд?
Чунки донистам, тавонистам набуд.

Фаридаддини Аттор

## ПАШША ЧУ ПУР ШУД, БИЗАНАД ПИЛРО
## (БО ҲАМА ТУНДИВУ САЛОБАТ, КИ ӮСТ)

Овардаанд, ки саъвае дар канори дарьё дар болои дарахте ошьёнае дошт ва бача карда. Ва дар он беша филе буд, ҳар рӯз ба канори дарьё меомад ва об мехурд ва дар сояи он дарахт меосуд ва пушту пахлуи худро бад-он дарахт молидӣ ва дарахтро ба ҳаракат оваридӣ ва бачагони он мурғро заҳмат расниди.

Рӯзе он саъва бачагони худро дар ранҷу тааб дид, гуфт:

— Фил маро душман аст, бояд ки душманро аз рӯи ҳикмату тадбир аз пой даровард, ки бузургон гуфтаанд:

Гар ба қувват ҳарифи хасм наӣ,
Ҳалаву макрро зи даст мадех!

Ва дигар гуфтаанд, ки «аз як даст садо барнахезад». Пас дар ин кор ҳамдасте мебояд, то ба дастьёрии якдигар ин душмани забардастро дафъ кунем, ки дар масалҳо гӯянд:

«Бе пир марав ту дар харобот,
Ҳарчанд Сикандари замонӣ!»

Маро пеши меҳтари пашшаҳо бояд рафт ва бо ӯ маслиҳат дид ва машварат кард, ки гуфтаанд:

«Машварат раҳбари савоб омад,
Дар ҳама кор машварат бояд»,

ки ҳар кас ақлу тадбир дорад, ки гуфтаанд, ки «аз сӯзани кутоҳқад коре ояд, ки аз найзаи баланд наёяд» ва дигар

он, ки пашша душмани фил аст ва «душманро ҳақир набояд шумурд». Пас пеши меҳтари пашшаҳо рафту гуфт:

— Эй ёри азиз, маро ба ту ҳоҷате ҳаст, ки гуфтаанд: «афтодаро ёрӣ ҳам аз ёрон расад». Агарчи пеш аз ин дар миёни мову шумо душманӣ буд ва қасди лашкари шумо мекардем ва туъмаи бачагони худ менамудем, дар ин вақт бо шумо сулҳ мекунем. Ту меҳтару сардори ишонӣ, аз ту мададу ҳамроҳӣ меҳоҳем ва ба ҳоҷате омадаам.

Гуфт:

— Хуш омадӣ ва сафо овардӣ, бигӯ, чӣ ҳоҷат аст, ки мунҳасир ба мадади пашшаҳост?

**«Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан».** Ва ҷое, ки поч дӯстӣ дар миён омад, сар дар миён аст. Он чӣ аз даст ояд, тақсир нахоҳем кард.

Саъва гуфт:

— Эй ёри азиз, дӯстиро аз барои рӯзгоре нигоҳ бояд дошт, ки ба кори дӯст ояд. Алҳол миёни мову шумо ба сулҳ анҷомид. Ҳақиқати ҳоли худ бо фил бозгуфт:

— Аксари бачагони ман зоеъ шуданд ва аз ту мададу ёрӣ меҳоҳам, ки туро бо лашкарат бар чашму гӯши ӯ фуруд оварам ва лашкари худро бифармоӣ, ки ба чашму гӯши ӯ неш зананд, то ҷароҳат шавад ва хун равон гардад. Меҳтари пашшаҳо қабул кард ва гуфт:

— Ин «кор саҳл аст, агар ёр аҳл аст».

Дарсоат меҳтари пашшаҳо бо фавҷу лашкар бар сару гӯши фил фуруд омаданд ва як шабу як рӯз неш мезаданд, то он ки хун равон шуд.

Он гоҳ саъва пеши меҳтари магасон рафт ва муқаддимаи ҳоли худ бозгуфт, ки баъд аз ин миёни мову шумо сулҳ аст ва низоъе нест ва шарт мекунам, ки бар лашкари шумо зарар нарасонам.

Меҳтари магасон гуфт:

— Моро чи бояд кард ва аз мадади магасон чӣ ояд?

Саъва гуфт:

— Муроди ман он аст, чунончи, иттифоқ бошад ва пои нифоқ аз миён бархезад, ҳамаи корҳои мушкил осон мешавад. Гуфт:

— Ҳар амре, ки аз мо барояд, камари ҷон бар миён бандем.

Ҳақиқати пашша ва ҳоли фил бозгуфт, ки пашшаҳо бар сару чашму гӯши фил фуруд омадаанд ва захм задаанду ҷароҳат кардаанд ва хун аз он равон гашта, алҳол бояд, ки шумо бо фавҷу ҳашами худ бар он ҷароҳатҳо биншинед ва туъмаи худ кунед ва болои захм саргин биандозед, то кирм бар он ҷароҳатҳо афтаду нобино гардад.

Дарсоат меҳтари магасон бо фавҷи худ бар гӯшу чашми фил фуруд омаданд ва як шабу як рӯз бар он ҷароҳатҳо

саргин меандохтанд, то кирм афтод ва чашми фил кур шуд ва нобино гашт ва ба чаро натавонист рафт.

Саъва гуфт:

— Дар ин маком порае интиқоми худ кашидам, аммо ҳила боянд кард, ки ба якборагӣ ҳалок гардад. Он гоҳ наздики ғук рафт, ки вазағ бошад, гуфт:

— Ба як мадади ту мондааст.

Гуфт:

— Он кадом аст?

Гуфт:

— Дар канори дарьё мавзее, ки бисьёр амиқ бошад, дар вақти субҳ, чунон ки одати шумост, бо ёрони худ он чо ҷамъ гашта, бонгу фарьёд кунед. Чун имрӯз чаҳор рӯз аст, ки фил кӯр шудааст, ӯ роҳи об намедонад, ташна аст. Ба асари садои шумо ба об хӯрдан хоҳад омад. Чун ба канори об расад, пой дар об ниҳад, ғарқ шавад, дар он вақт аз шарри ӯ эмин гардам.

Пас ғук дар вақти саҳар бо ёрони худ ба мавзее, ки бисьёр амиқ буд, рафтанд ва бонгу фарьёд мекарданд.

Фил аз шиддати ташнагии пай бонги ғукон рафт, то ба канори дарьё расид, пой бар об ниҳод ва фурӯ рафту ғарқ шуд ва ин дар миёни мардум масал гашт: **«Пашша чу пур шуд, бизанад пилро»**.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## ПИРИЮ САД АЯБ

Гуфт пире мар табиберо, ки ман
Дар заҳирам аз димоғи хештан...
Гуфт:— Пуштам дард меояд азим.
Гуфт:— Аз пирист, эй шайхи қадим.
Гуфт:— Ҳар чӣ мехӯрам, набвад гувор,
Гуфт:— Аз пирист, эй шайхи назор.
Гуфт:— Вақти дам маро дамгирӣ аст.
Гуфт:— Заъфи меъда ҳам аз пирӣ аст.
Гуфт:— Оре, интиқол ҳам бувад,
Чун расад пирӣ, дусад иллат шавад.
Гуфт:— Кам шуд шаҳватам якборагӣ.
Гуфт:— Аз пирист ин бечорагӣ.
Гуфт:— Пуштам чун камоне шуд дуто.
Гуфт:— Аз пирист ин ранҷу ано.
Гуфт:— Поям суст шуд, аз раҳ бимонд.
Гуфт:— Аз пирист, дар кунҷат нишонд.
Гуфт:— Торик аст чашмам, эй ҳаким.
Гуфт, к-аз пирист, эй марди алим.
Гуфт:— Эй аҳмақ, бар ин бандӯхтӣ,
Аз табиби ту ҳамин омӯхтӣ?!
Эй мудаммағ, ақлат ин дониш надод,
Ки худо ҳар дардро дармон ниҳод.
Ту хари аҳмақ зи андакмоягӣ
Бар замин мондӣ зи кӯтаҳпоягӣ.
Пас табибаш гуфт, к-эй умри ту шаст,
Ин ғазаб в-ин хашм ҳам аз пирӣ аст.

Чун ҳама аъзову аъзо шуд ваҳид,
Хештандорию сабрат шуд заиф,
Бар натобад дар сухан з-он ҳай кунад,
Тоби як ҷуръа надорад, кай кунад.

Ҷалолиддини Румӣ

## РАҲМАТ БА КАФАНДУЗДИ АВВАЛ

Гӯянд, вақте дар яке аз шаҳрҳо дузде пайдо шуд, ки шабҳо ба гуристон мерафтӣ ва гӯри тозаи мурдагонро мешикофтӣ ва кафанҳои онҳоро мебурдӣ.

Мардуми шаҳр довари назди ҳоким burданд ва ӯ пас аз муддате таҳаммули ранҷу заҳмат кафандуздро дастгир кард ва вайро ба зиндон карданд ва уро ба кирдори зишти худ расонид. Вале чанде нагузашт, дузди дигаре пайдо шуд, ки илова бар ин ки кафани мурдагонро медуздид, ҷӯбе низ ба қисмати асфали онҳо месупухт.

Ин рафтори ношоиста мардумонро чунон ранҷуру озурда сохт, ки гуфтанд: **«Раҳмат ба кафандузди аввалӣ»**.

Аз «Достонҳои амсол» I

## САГ ДОНАДУ ПИНАДӮЗ ДАР АНБОН ЧИСТ

Гӯянд, порадӯзе дар муҷовирати қасри салтанатӣ дуккон дошт. Ҳамарӯза саги подшоҳ биёмадӣ ва порапустҳои ӯро бурдӣ ва мӯҷибати озору изрорашро фароҳам овардӣ ва порадӯзро он ҷуръату қудрат набуд, ки сагро заҷр диҳаду аз газандҳои ҳамарӯзааш масун монад. То ин ки рӯзе оқибатуламр ба танг омаду ҳар чӣ бодо боде гуфта муштаи оҳанини худро дар анбоне гузошт ва онро бардошта ба сахтӣ бар сари саг бинавохт. Саг дар дам ҷон билоду порадӯзро аз шарри зиёнҳои рӯзонаи худ осуда сохт. Вале порадӯз сахт тарсида буд ва бо худ ҳамегуфт: Е раб, сабаби марги саги султон чист? **«Саг донаду пинадӯз дар анбон чист»**.

Аз «Достонҳои амсол» II

## САРБУРИДА СУХАН НАМЕГӮЯД

Гӯянд, ки ҳаҷҷоме сари хоҷаеро метарошид, ногоҳ дасти ӯ биларзид ва сари хоҷаро бурид. Хоҷа фарьёд баровард, ки эй мардак сари маро буридӣ!

Гуфт:

— Хомӯш, ки **«Сарбурида сухан намегӯяд»**.

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

## САРИ КӮЧАКУ РИШИ ДАРОЗ НИШОНИ АҲМАҚИСТ

Овардаанд, ки дар шаҳри Балх қозие буд. Шабе дар китобе ба назараш омад, ки бузургон гуфтаанд: «Сари кӯчаку риши дароз нишони аҳмақист». Қозӣ ин ду сифатро дар худ

мулоҳиза кард. Субҳ яке аз шогирдони худро гуфт, ки имшаб дар китобе, ки фақьр мутолиа мекардам, ин масъала ба назар омад ва бар ман маълум нашуд, ки вуқӯъ дорад ё на.

Он шогирд гуфт, ки ё ҳазрати қозӣ ин масъалаи фиқҳӣ нест, ин маcалест, ки бузургон дар илми қиёфа навиштаанд, ки зарбулмасал дар миёни авом бошад.

— Эй нодон, ин масал ҳам аз масъалаи фиқҳ аст. Ман имшаб ин масалро таҳқиқ кунам, фардо субҳ биё, то бо ту бозгӯям.

Чун шаб шуд, қозӣ ҳамон китоб пеш овард ва боз ҳамон масалро ба назар овард ва бо худ гуфт: «Ин ҳар ду сифат дар ман аст, пас ман аҳмақам. Чун сари худро илоҷ натавонам кард, боре ихтиёри риши худро дорам. Бояд як вачаб зиёд буд, кӯтоҳ кард».

Риши худро ба даст гирифт ва як қабзаро нигоҳ дошт, хост, ки катъ кунад. Миқроз ҳозир набуд. Шамъе, ки пеши ӯ буд, як қабзаро ба мушт гирифт ва бокиро болои шамъ нигоҳ дошт то бисӯзаду кӯтоҳ шавад. Чун оташ ба ришаш афтод, дасташ бисӯхт ва даст аз риш бардошт. Тамоми риши қозӣ бисӯхт ва сару рӯяш обила кард ва беихтиёр хирқаро бар ӯ молид. Обила таркида, хун равон гашту ҷароҳат шуд.

Рӯзи дигар шогирд пеши қозӣ омад, қозии бечора аз шарм пардаи ҳиҷоб бар рӯй кашида, дар паси парда нишаст ва рӯй аз халқ пинҳон кард, дар паси парида ба шогирд гуфт, ки он масъалаи имшаб бар ман муҳаққақ шуда ва он чӣ бузургон дар хилқати аслӣ навиштаанд, дар масалҳо мегӯянд, ҳама рост аст ва шакку шубҳа дар ӯ нест, ки **«Сари кӯчаку риши дароз нишони аҳмақист»**, ба таҷрибаи мо расид.

Қозӣ то муддати шаш моҳ аз хона берун наёмад, то ҷароҳату сӯхтагии ӯ хуб шуд ва он ҷои сӯхта дигар мӯй бар наёвард.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## СЕБ ТО ФУРӮД ОМАДАН ҲАЗОР ЧАРХ МЕЗАНАД

Подшоҳе буд ва себе дар даст дошт ва қоши харбуза ба корд бардошта, дар даҳан мекард. Дар он ҳолат ба куштани гунаҳгоре фармон дод.

Ӯ арз кард, ки себро ба ҳаво бояд андохт ва то фурӯд омаданаш мӯҳлатам бахшед.

Султон ҳамчунон кард. Қазоро себ ҳанӯз дар даст буд, ки корд аз қоши харбуза ба ҳалқи малик фурӯ рафт ва қазо кори худ кард. Гунаҳгор аз ҳалок наҷот ёфт, аз он боз масал шуд.

Аз «Баҳори аҷам»

## ТАМАЪ — БАЛОИ ҶОН

Он шунидӣ, ки турфа занбӯре
Дид дар роҳ донакаш мӯре.
Гуфт:— Бечора, чанд дона кашӣ,
Умри худ бигзаронӣ ба айшу х(в)ашӣ!
Ҳамраҳи ман биё, ки то бинӣ,
Хӯрдани ман зи чарбу ширинӣ.
Меравам ҳар куҷо, ки мехоҳам,
Мехӯрам ҳар чиро, ки мехоҳам.
Ҳар кӣ манъам кунад, занам аз қаҳр
Бар танаш неши ободода ба заҳр.
Пас равон шуд, чу тирпартобе,
То ба пеши дукони қассобе.
Рафту бар гӯштпорае биншаст,
Хӯрдани гӯштро тамаъ барбаст.
Корд зад дар миёни ӯ қассоб
Ба дуним уфтод, шуд бетоб.
Тамаи хӯрданаш ба хок андохт,
Рахт дар вартаи ҳалок андохт.
Мӯреро то ҷавон дона нашуд,
Тири сайёдро нишона нашуд.
Чун ба хок уфтод занбӯрак,
Рафт сӯяш давон-давон мӯрак.
Пои ӯро гирифту мӯрак хӯрд,
Бар заминаш кашон-кашон мебурд.

**Камолиддини Биноӣ**

## ТАРБИЯТ ЯКСОН АСТУ ТАБОЕЪ МУХТАЛИФ

Подшоҳе писареро ба адибе доду гуфт:

— Ин фарзанди туст, тарбияташ ҳамчунон кун, ки яке аз фарзандони хешро!

Адиб хидмат кард ва мутақаббил шуд ва соле чанд бар ӯ саъй кард ва ба ҷое нарасид ва писарони адиб дар фазлу балоғат мунтаҳӣ шуданд. Малик донишмандро муохазат карду муотабат фармуд, ки ба ваъда хилоф карда ва вафо ба ҷо наёвардӣ!

Гуфт:

— Бар раъйи худованди рӯи замин пӯшида намонад, ки **«Тарбият яксон асту табоеъ мухталиф».**

Гарчи симу зар зи санг оянд бурун,
Дар ҳама санге набошад зарру сим.
Бар ҳама олам ҳаметобад Суҳайл,
Ҷое анбон мекунад, ҷое адим.

Саъдии Шерозӣ

## ТАГОРЕ БИШКАНАД, МОСТЕ БИРЕЗАД, ҶАҲОН ГАРДАД БА КОМИ КОСАЛЕСОН

Гӯянд, дар айёми қадим зане ошиқи ҷавоне буд ва ҳамвора дар оташи ишқу фироқи ӯ месӯхт ва умед мекард, ки шояд рӯзе ба висоли вай бирасад. Ногоҳ он ҷавон бимурд

ва вақте хабари маргаш бад-он зан расид, чун мори саркуфта бар худ бипечид, вале аз тарси модаршавҳар ва хоҳаршавҳар ва соири аҳли хона ёрои дам задан надошт.

Ин зан ҳар сабоҳ кораш ин буд, ки тағоре аз мост ба яке аз дукконҳои маҳалла барои фурӯш мебурд. Лиҳозо чун фардои субҳе, ки рӯзи қаблаш хабари марги маъшуқро шунида буд, расид, тағори мостро ба одати маъмул бар сар гузошт ва ба тарафи дуккон равон шуд ва чун қадре роҳ рафт, амдан пои худро ба замин гир дод ва таконе ба худ дода, тағори мостро ба замин андохту болои сари он нишаст ва ба баҳонаи шикастани тағору рехтани мост чандон гирист ва дар ғами он ҷавон бизорид, то каме оташи дилаш фурӯ кашиду тӯфони андӯҳаш ором гирифт.

Дар ин гиру дор чанд нафар фақиру гурусние, ки ҳамвора дар паи «бозори ошуфта» ва чунин тағорашикастае мегардиданд, сар расида ва машғули луфту леси мостҳо шуданд. Соҳибназари басире ва пири равшанзамире, ки мост лесидани он чанд тан ва гиристани он занро диду аз фимовақаъ масбуқ буд, гуфт: **«Тағоре бишканад, мосте бирезад, ҷаҳон гардад ба коми косалесон»**.

Аз «Достонҳои амсол» II

**ТО АБЛАҲ ДАР ҶАҲОН ҲАСТ, МУФЛИС ДАР НАМЕМОНАД**

Гӯянд, калоғе рӯи шохаи дарахте нишаста, қолиби панире дар минқор дошт. Рӯбоҳе расиду ӯро дид. Ба хаёлаш афтод, ки ҳилае ба кор барад ва қолиби панирро даррабояд. Пеш рафт ва саломи ғарро карду бо оҳанги адабомез гуфт:

— Худо марҳум падари бузургворатонро раҳмат кунад, ҳақиқатан чи овози хубе дошт, чӣ қадар ман маҳзун мешудам, вақте чашмҳоро бар рӯи ҳам мегузошт ва бо лаҳни хуштар аз оҳанги ҳазордастон замзама мефармуд, вале чи ғаму таассуф аст: «Гар рафт падар, писар бимонд». Хеле хушвақт мешудам, агар шумо ҳам намунае аз футуввату рифъату меҳмоннавозии падари бузургвори худро бурӯз дода, аз истимои як дам овози хушу дилкаши хеш маҳзуну муфтахарам мефармудед.

Қалоғи аҳмақ аз суханони тамаллуқомези фиребандаи рӯбоҳи ҳилагар фирефта шуда, чашмҳоро баст ва минқорро боз кард, то даме барои ӯ овоз бихонад, ки ногоҳ қолиби панир аз минқораш афтод ва рӯбоҳ онро ба тундӣ даррабуд ва гуфт:

— Бубахшед, мақсудам шунидани овоз набуд, балки мехостам, бидонед, ки **«То аблаҳ дар ҷаҳон ҳаст, муфлис дар намемонад»**.

Аз «Достонҳои амсол» I

## ТО НЕЪМАТЕРО НАХУРИ, ШУКРАШРО БА ҶО НАЕВАР, Ё НАХӮРДА ШУКР МАКУН!

Гӯянд, чун бар рӯбоҳ гурусnагӣ голиб шавад, худро ба монанди рӯбоҳи мурда рӯи замин меафканад ва шикамашро пур аз бод намуда, кавоимашро, рост нигоҳ медорад ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба худ ҳаракате намедиҳад ва ба ин тариқ ҳайвонот ё мурғони ҳавоиро фиреб дода, ба муҷарраде, ки ба ӯ наздик шуданд, бармеҷаҳад ва ононро сайд мекунад.

Рӯзе рӯбоҳе мода сахт гурусна шуда, ҳамин ҳиларо ба кор бурд. Қалоғе ӯро дар ин ҳол дид, хаёл кард мурдааст, вале, аз он ҷое, ки қалоғ дар миёни паррандагон ба ҳушьёри мавсуф аст, ҳазму эҳтиётро аз даст надода, бо худ гуфт: «Мабодо рӯбоҳ ҳила карда бошад».

Пеш омад ва бо минқори худ хатте ба даври ӯ кашид ва рафт ва бо худ гуфт: «Фардо меоям, агар бар ҳамин минвол дар миёни хат қарор дошта бошад, маълум аст, ки мурда. Чашмашро дармеоварам ва бо камоли лаззат нӯши ҷон мекунам».

Ҳамин ки қалоғ аз назар нопадид шуд, рӯбоҳ аз миёни хат бархосту рафт. Рӯзи дигар зудтар бозгашт ва бо ҳамон ҳоли рӯзи қабл дар миёни хат қарор гирифт. Соате баъд қалоғ омад ва рӯбоҳро ба ҳамон сурати рӯзи пеш дид ва яқин кард, ки мурдааст. Бо хотири ҷамъу осуда пеш омад ва бар сари рӯбоҳ нишаст, то чашмашро бароварад ва луқмаи ҳалоли хеш созад, ки ногоҳ рӯбоҳ барҷаста ва ӯро гирифт.

Қалоғ дид, ба бад сурате ҳадафи тири тадбиру ҳилаи модарӯбоҳи ҳуққабоз гардид. Пеши худ гуфт: «Чи марде бувад, к-аз зане кам бувад. Барои навъи қалоғон нанге болотар аз ин нест, ки рӯбоҳи модае як тан аз онҳоро бо чунин найранге шикори хеш созад. Бояд ман ҳам бо тири тадбир ӯро ҳадафи фиреби хеш созам» Ва гуфт:

— Эй рӯбоҳ, ҳол ки маро бо ин ҳилаи шайтонӣ ба дом овардӣ, гӯштам бар ту ҳалол, лекин бояд бидонӣ, ки ҳар неъматеро худованд чунин ба ройгон ба касе ато фармояд, шарти бандагӣ ин аст, ки нахуст шукри худовандро бигӯяд ва сипас ба хӯрдани он неъмат оғоз намояд.

Рӯбоҳ ба ҳама зиракӣ ба сухани қалоғ фирефта шуда, хост бигӯяд, «ҳамдулиллоҳ ё алҳамдулиллоҳи рабб-ил-оламин», ки даҳонаш боз шуд ва қалоғ ба парвоз омад ва бо хотири осуда рӯи шохсори дарахте нишаст.

Рӯбоҳ гуфт:

— Эй қалоғ, маро фиреб додӣ ва рафтӣ, вале бидон, ки «ҳар зиёне ақле зиёд мекунад» ман ҳам бо худ аҳд кардам, ки аз ин пас нохӯрда шукр накунам ва «То неъматеро нахӯрдаам, шукрашро баҷо наёварам».

Аз «Достонҳои амсол» I

## ТУХМДУЗД — ШУТУРДУЗД МЕШАВАД

Рӯзе тифле чанд дона тухми мурғ аз хонаи ҳамсоя дуздиду ба хонаи худ даромад. Модараш тухмҳоро дар дасти ӯ дид. Пурсид:

— Инҳоро аз куҷо овардаӣ?

Кӯдак ҳақиқати амрро баён кард. Модараш тухмҳоро аз дасти ӯ гирифт ва бо забони нарму лайин ӯро маломат кард ва ба даст охир ҳам гуфт:

— Мабодо дигар аз ин корҳо накунӣ!

Ва ба ҷои ин ки тухмҳоро ба соҳибаш бозгардонад ва дарси ибрати дигаре ба кӯдаки худ боздиҳад, онҳоро ба матбах бурду пухт ва ба иттифоқи ӯ хӯрд.

Писарак бар асари мушоҳидаи мулотафати модар ва ширкате, ки бо вай дар хӯрдани тухмҳо намуд, фардо низ чанд адад зиёдтар дуздиду ба хона овард. Модараш боз ба шеваи рӯзи пеш вайро ба нармӣ маломат кард, вале аз гирифтан ва пухтану хӯрдани тухмҳо ҳам дареғ накард. Ва хулоса, саҳлангории вай сабаб шуд, ки ин рафтори накӯҳида одати сонавии кӯдак гардид ва саранҷоми кораш ба ҷое расид, ки аз гандадуздӣ таҷовуз карда, рӯзе шутуре бидуздид ва иттифоқан кораш барор нагирифт ва ӯро ба маҳкамаи қозӣ кашиданд ва доварӣ хостанд.

Қозӣ пас аз субути тақсираш ба буридани дасти вай амр дод.

Бечора ҷавон, ки ҳеҷ гоҳ чунин рӯзею чунин муҷозотеро барои худ пешбинӣ ва тасаввур намекард ва аз кардаҳои хеш сахт мутанаббеҳу пушаймон шуд ва фарьёд баровард:

— Айюҳал қозӣ, агар меҳоҳӣ ба инсоф доварӣ кунӣ, амр кун, то дасти модарамро бибуранд, чаро ки ман бегуноҳам ва «Поёни тухмдуздӣ шутурдуздӣ мешавад».

Қозӣ тавзеҳ хост ва ҷавон сидқи матлабро, ҳамчунон ки буд, баён кард. Қозиро дил ба ҳоли вай бисӯхт ва ӯро тавба дод ва модарашро эҳзону зақр ва тавбаи бисьёр намуд.

Аз «Достонҳои амсол» I

## ФАВВОРА ЧУН БАЛАНД ШАВАД, САРНАГУН ШАВАД

Рӯзе аз рӯзҳо Ҳорунаррошид ва Ҷаъфари Бармакӣ дар яке аз боғҳои қасри хилофат гардишкунон ба ҳар тараф мерафтанд. Дар ин асно чашми Ҳорун ба шохсори дарахти себи сурхе афтод, ки себи зебое бар яке аз шохаҳои он овезон буд. Ҳорун Ҷаъфарро ба чидани он себ ишорат рond. Вале Ҷаъфар ҳарчанд кӯшид, дасташ ба он нарасид. Ҳорун худ ба танаи дарахт такья дод ва дастҳоро ҷуфта кард ва Ҷаъфар пои худро рӯи дасти халифа ва сипас аз он ҷо рӯи шонаҳояш гузошта дастро баланд кард ва себи манзурро чид ва поин омада, ба камоли адаб ба дасти халифа дод.

Боғбони ин боғ пире буд ҷаҳондида ва сарду гарми замонаро чашида ва бисёр зирак ва ҳам аз оли Бармак. Аз мушоҳидаи ин манзара дарси ибрате гирифт ва дар дам ба фикри таъмини оянаи худ афтод. Ҳамин ки Ҳорун ва Ҷаъфар хостанд аз боғ хориҷ шаванд, халифа хост, то мушти зар бад-ӯ инъом диҳад. Боғбон гуфт:

— Давлати иқболи халифа поянда бод! Ғулом аз зар бениёзам, вале ниёзи дигаре дорам.

Халифа гуфт:

— Ниёзат чист, ҳар чӣ ҳаст, бозгӯй, то ҳоҷатат барорам.

Пир гуфт:

— Ин, ки рақам бо афву маҳв бар номи ман аз саҳфаи асомии хонадони Бармак даркашӣ ва бар тибқи он фармонам диҳӣ.

Халифа барошуфт ва гуфт:

— Эй пирамард, магар девона шудаӣ, имрӯз хонадони Бармак бар асари базли авотифи хусравонии ман бар фалак меболанд ва мардум бо интисоб ба навкарии ин хонадон сари ифтихор бар торуми аъло месоянд. Ту чигуна хоҳӣ, ки бо ин ҳол худро аз зумраи ин қавм мустасно намоӣ?

Пир гуфт:

—Давлати иқболи халифа поянда бод! Он чӣ гуфтӣ, дур суфтӣ, вале ман бо пешгоҳи муқаддаси халифа ниёзе овардаам ва таманное кардаам, инак чашм дорам, ки аз чуну чаро кардан даргузаранд ва ба додани фармонам муфтахир доранд.

Ҳорун Ҷаъфарро, ки аз мушоҳидаи ин маънӣ басе ранҷида ва дилхун шуда буд, маъмури таҳрири фармони манзур сохт ва бо хати хеш онро имзо кард.

Муддате гузашт. Ситораи иқболи хонадони Бармак, ки солиёни дароз дар тулӯъ буд, дафъатан уфул кард ва оли мазбур суҳуту ғазаби Ҳорун воқеъ шуда, ба куштан ва рехтани хуни тамоми афроди он қавми шарофатманд фармон дод.

Муҷриёни хунхори ҳукми халифа ҳар куҷо як нафар аз онҳоро меҷустанд, беамон сарашро аз дами теғ бедареғ мегузаронданд. Минҷумла боғбони пир низ дастгир ва асир шуд. Ҳамин ки хостанд ӯро ба қатл расонанд, фармони халифаро ироа дод ва аз чашидани он шарбати ногувор раҳоӣ ёфт.

Ин хабар ба гӯши халифа расида, вайро эҳзор фармуд ва гуфт:

— Эй пири равшанзамир, аз куҷо донистӣ, чунин рӯзе барои оли Бармак пеш меояд, ки бо он илҳоҳ ва исрор маро ба додани он фармон водор сохтӣ?

Пир гуфт:

—Ё амир-ал-мӯминин, магар нашнидаӣ, ки **«Фаввора чун**

баланд мешавад, сарнагун мешавад?». Ман аз он ҷо ки дидам, Ҷаъфар поҳои худро бар рӯи шонаи муборакн ту гузошт ва ин баландтарин қадру манзалат ва иззату азамате буд, ки барои ӯ даст дод. Донистам, ки рӯзгори давлати ин хонадон ба сарҳади камоли худ расида ва ҳамон тавр, ки фаввора вакте ба авчи иртифоъи худ расид, сарнагун мешавад, афроди ин хонадон низ қарибан махзулу манкуб хоҳанд шуд. Ин буд, ки аз ҳамон гоҳ ба фикри чораи кору тадбири отияи рӯзгори хеш афтодам.

Халифа аз шунидани ин макол ва фаҳмидани дараҷаи ақл ва камоли пир басе ба шигифт омад ва ӯро хилъат бидоду ба шуғли қадимаш баргумошт.

Аз «Достонҳои амсол» II

## ХАРИ ИСО ГАРАШ БА МАККА БАРАНД, ЧУН БИЕЯД, ҲАНӮЗ ХАР БОШАД

Яке аз вузаро писаре кудан дошт. Пеши донишманде фиристод, ки мар иро тарбият мекун, магар оқил шавад.

Муддате таълим кардаш, муассир набуд. Пеши падараш касе фиристод, ки ин оқил намешавад ва маро девона кард.

Чун бувад асли гавҳаре қобил,
Тарбиятро дар ӯ асар бошад.
Ҳеҷ сайқал никӯ надонад кард
Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад.
Саг ба дарьёи ҳафтгона бишӯй,
Ки чу тар шуд, палидтар бошад.
**«Хари исо гараш ба Макка баранд,**
**Чун биёяд, ҳанӯз хар бошад»**

Саъдии Шерозӣ

## ХИРСИ ШИКОРНОКАРДАРО ҲАРГИЗ ПӮСТ МАФУРӮШЕД!

Рӯзе ду нафар ба қасди шикори хирс туфанг бардоштанд ва ба тарафи кӯҳсор равон гардиданд, вале дар он рӯз хирсро наёфтанд ва ба ночор шабро дар деҳкадае, ки дар он наздикӣ вокеъ буд, дар манзили як нафар дӯкондор байтута намуда ва махориҷи хӯрду хӯроки худро ба шикори хирсу фурӯши пӯсти он ҳавolat доданд. Чаҳор рӯз тӯл кашид, ҳама рӯз ба кӯҳ мерафтанд ва хирсро намеёфтанд ва шабро дар он деҳа, дар манзили дӯкондор ба рӯз меовардаңд ва қимати хӯроку кирояи манзили худро ба фурӯши пӯсти хирс ва пардохти талаби ӯ ваъда медоданд, то ин ки рӯзи панҷум ногаҳон хирс аз доманаи кӯҳ зоҳир ва ба тарафи чашмаи обе, ки дар пояи кӯҳ вокеъ буд, барои хӯрдани об равон гардид.

Шикорчиён низ дар зери сояи дарахте, ки муҷовири чашма буд, оромида ва ба интизори падидор шудани хирс буданд. Ҳамин ки хирс ошкор шуд, Алӣ, ки як нафар аз шикорчиён буд, онро дид ва ба Ҳасан, рафиқи худ нишон дод ва гуфт:

— Бародар, ман иқрор мекунам, ки қудрати муқобила бо чунин хирси қавиҳайкал ва аҷиберо надорам.

Ҳасан гуфт:

— Ман медонистам, ки ту марди ҷавоне ҳастӣ ва қудрати баробарӣ бо на танҳо чунин хирсеро, балки хурӯсеро ҳам надорӣ. Ту бирав, ман худ якта кори ӯро хоҳам сохт.

Алӣ гуфт:

— Бисмиллоҳ, бифармоед, ҳунарнамоии худро нишон диҳед, то ман дар болои ин дарахт бубинам. Ин бигуфту ба суръати боду барқ ба болои дарахт шитофта, худро дар хилоли шохсорҳои он пинҳон сохт ва нигарони осори шаҳомату шуҷоати иддаои рафиқи худ гардид.

Ҳасан, ростӣ ба худ диле дода ва туфангро бар сари даст гирифта, мунтазири вуруди хирс буд. Хирс бо камоли беэътиноӣ меомад ва бо ин ки Ҳасанро медид, вақъе ба вуҷуди ӯ намегузошт.

Хирс тадриҷан наздик шуд ва ҳайкалу қавораи маҳуфаш бештар дар назари Ҳасан намудор гардид ва хурд-хурд дар вай тавлиди рӯъбу ваҳшат намуд. Билохира, Ҳасан «ё аллоҳӣ» гуфта, дар байни тарсу ваҳшат хост ба худ ҷуръате дода, тири туфангашро холӣ кунад. Қундоқи туфангро сахт ба шонаи худ часпонда, чашми чапро баста, бо чашми рост қаровул рафт ва ангушти сабобаро рӯи мошаи туфанг гузошт, вале афсӯс, ки шиддати ҳаволу ҳарос кори худро карда, дасти ӯ мисли бед меларзид ва ҳанӯз дуруст қаровул нарафта буд, ки туфанг бар асари ларзиши ангушташ даррафт ва гулӯла ба ҳадафи манзур нарасид.

Хирс аз садои туфанг асабӣ шуда, мисли шери шарзае ба тарафи Ҳасан ҳамлавар гардид. Ҳасан, ки аз пеш медонист, хирс бо наъши мурдагон кор надорад ва мутаарризи аҷсоди беравон намегардад, фавран худро рӯи замин андохт ва ҳамин ки хирс ба ӯ наздик шуд, нафаси худро гирифт ва аз такон хӯрдани қалбу набзи хеш ҷилавгирӣ намуд. Хирс пеш омад ва қадре ӯро бӯид ва гирди ӯ гардид ва пӯзаи худро наздикии бинию гӯши ӯ бурда бӯе кашиду рафт.

Алӣ дар болои дарахт нигарони қазоё буд. Аз як тараф, аз фарти тарс бар худ меларзид ва аз тарафи дигар, барои рафиқаш Ҳасан сахт дар изтироб буд.

Ҳамин ки дид хирс рафт ва аз он наздикӣ дур шуд, аз дарахт поин омад. Ҳасан ҳам аз ҷои худ бо ранги парида, ки ба ранги мурдагон бештар шабоҳат дошт, бархост.

Али ба Ҳасан аз ин ки ҷонаш раҳида буд, табрик гуфт ва сипас ба шухӣ пурсид:

— Хирс гӯё дар гӯши ту чизе гуфт?

Ҳасан гуфт:

— Оре, мегуфт:

— Ба рафиқат бигӯ: **«Хирси шикорнокардаро ҳаргиз пӯст мафурӯшед!»**.

Аз «Достонҳои амсол» I

## ХОНАИ ДӮСТ БИРӮБУ ДАРИ ДУШМАНОН МАКӮБ!

Дарвешеро зарурате пеш омад, гиламе аз хонаи ёре бидуздид. Ҳоким фармуд, ки дасташ бибуранд. Соҳиби гилем шафоат кард, ки ман ӯро биҳил кардам.

Гуфтанд:

— Ба шафоати ту ҳадди шаръ фурӯ нагузорем.

Гуфт:

— Он чи фармудӣ, рост гуфтӣ, валекин ҳар ки аз моли вақф чизе бидуздад, катъи ядаш лозим наёяд. Ҳар чӣ дарвешонрост, вақфи муҳтоҷон аст.

Ҳоким даст аз ӯ бидошт ва маломат кардан гирифт, ки ҷаҳон бар ту танг омада буд, ки дуздӣ накарда, илло аз хонаи чунин ёре.

Гуфт:

— Эй худованд, нашунидаӣ, ки гӯянд: **«Хонаи дӯст бирӯбу дари душманон макӯб!»**

Чун фурӯ монӣ ба сахтӣ, тан ба аҷз андар мадеҳ,
Душманонро пӯст баркан, дӯстонро пӯстин!

Саъдии Шерозӣ

## ХУДКАРДАРО ТАДБИР НЕСТ

Овардаанд, ки дар замони қадим подшоҳе шикордӯст буд, пайваста ба қасди сайд тапсани мурод тохтӣ ва ҳамвора каманди нишот дар гардани шикор андохтӣ.

Ин подшоҳро бозе буд, ки ба як парвоз симурғро аз куллаи Қоф фуруд овардӣ ва аз бими чанголи ӯ Насри Тоир дар ошёнаи сабзи сипеҳр пинҳон шудӣ:

Чу ӯ бод кардӣ пару боли хеш,
Зи ҳайбат шудӣ синаи чарх реш,
В-агар ҷониби осмон тохтӣ,
Уқоби фалак пар бияндохтӣ.

Шоҳ ин бозро азим дӯст доштӣ ва пайваста ба дасти худ тарбият фармудӣ. Иттифоқан, малик рӯзе он бозро бар даст гирифта, ба шикор рафта буд. Оҳуе аз пеш бархост. Малик аз ғояти шавқ аз паи ӯ битохт, оҳуро дарнаёфт ва аз хашаму хадам ҷудо афтод. Барқе аз мулозимон дар пай

метохтанд, аммо малик чунон гарм меронд, сабо бо он ки ба як турфат-ул-айн оламеро тай кунад, ба гарди ӯ намерасид ва шамол бо вуҷуди тезравӣ ғубори маркаби ӯро дарнамеёфт:

Роҳ зи андоза бурун рафтай,
Пай натавон бурд, ки чун рафтай.

Дар аснои ин ҳол оташи аташ дар иштиол омада ва ташнагӣ бар малик муставлӣ шуд. Маркаб ба ҳар тараф метофт ва обҷӯён ҷавониби дашту саҳро мепаймуд. Ба домани кӯҳе расид, дид, ки аз болои он оби зулол мечакид. Малик ҷоме дар таркаш дошт, берун оварда, ба зери кӯҳ ронд ва он об, ки қатра-қатра мечакид, дар он ҷом ҷамъ сохт. Чун пур шуд, хост, ки таҷаррӯъ намояд. Он боз пар бизад ва оби ҷомро тамом бирехт. Подшоҳ аз он ҳаракат кӯфтахотир гашта, бори дигар ҷом дар зери кӯҳ дошт, то моломол шуд, хост, ки ба лаб расонад, дигарбора боз ҳаракате кард ва он ҷом бирехт:

Наздики лаб оранду ҷашидан нагузоранд.

Шоҳ аз ғояти ташнагӣ музтариб гашта, бозро бар замин зада халок кард. Мукорини ин ҳол рикобдори шоҳ бирасид ва бозро кушта дид ва шоҳро ташна ёфт. Филҳол митҳара ва фитрок бикушод ва ҷомро покиза бишуст ва хост, ки шоҳро об диҳад. Шоҳ фармуд, ки «маро бад-ин оби зулол, ки аз кӯҳ фурӯ мечакад, майле тамом аст ва маҷоли он, ки қатра-қатра дар ҷом ҷамъ шавад, надорам. Ту болои кӯҳ барой ва аз манбаи ин об ҷом пур карда фурӯ орӣ».

Рикобдор бар забари кӯҳ баромад, чашме дид, чун чашми бахилони сахтдил, қатрае об ба сад ҳасрат берун медод ва аждаҳое бар лаби он чашма мурда ва ҳарорати офтоб дар вай асар карда, луоби заҳромез ба оби он чашма мухталит шуда, қатра-қатра аз кӯҳ мечакид. Даҳшат бар рикобдор ғалаба кард, саросема аз кӯҳ ба поён омад ва сурати ҳол ба мавқифи арз расонид ва ҷоме оби сард аз митҳара ба шоҳ дод. Шоҳ об бар лаб ниҳода, ашки ҳасрат мебориd.

Хӯрд даме обу таф аз дил нишонд
В-он чӣ зи лаб хӯрд, зи мижгон фишонд.

Рикобдор савол кард, ки гирьяро чӣ чиз мӯҷиб тавонад буд? Шоҳ оҳи сард аз дили пурдард баркашиду гуфт:

Маро ғамест, ки пайдо наметавонам кард,
Ҳикоятест, ки пинҳон наметавонам дошт.

Пас қиссаи бозу рехтани оби ҷомро тамомӣ бозгуфт ва фармуд, ки бар сафо боз таассуф мехӯрам ва бар ҳоли худ

ки бе тафаххус чунон ҷонвари азизро бечон кардам, мегирьям.

Рикобдор гуфт:

— Эй шоҳ, ин боз балое азим аз шумо боздошта ва миннате бар ҷамъи аҳли ин вилоят собит сохта, авло он будӣ, ки шоҳ дар куштани боз таъҷил накардӣ ва оташи ғазабро ба оби ҳилм таскин додӣ ва инони тафтиши тавсанро ба қуввати бурдборӣ бозкашидӣ ва аз сухани ҳукамо, ки фармудаанд:

Тавсани худ тунд масоз он чунон,
Қ-аш натавон боз кашидан инон,—

таҷовуз нафармудӣ.

Шоҳ ҷавоб дод, ки ман аз ин ҳаракати номуносиб пушаймон гаштаам. Дар вақте ки пушаймонӣ суд надорад ва ҷароҳати ин маломат ба ҳеч марҳам илтиём намеёбад ва то зинда хоҳам буд, доғи ин ҳасрат бар сина хоҳам дошт ва чеҳраи ҳолат ба нохуни маломат хоҳам харошид. «Чун худ кардаам, **худкардаро табдир нест!**».

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

Ҳикояи дигар:

Марде осиёбон дар беруни шаҳр осиё дошт ва аз ҳар кучо гандум ба тарафи шаҳр ҳамл мегашт, дар осиён ӯ хурд ва орд мешуд ва осиёбон дахли хубе мебурд. Рӯзе аз рӯзҳо, ки саргарми кораш буд, як ғӯли биёбонӣ вориди осиё шуд ва рафт дар як гӯшаи осиё нишаст ва бино кард ба осиёбон нигоҳ кардан.

Осиёбон пурсид: Исми ту чист? Ғӯл гуфт:

Исми ту чист? Осиёбон гуфт: «Исми ман «Худам» аст. Ғӯл гуфт:

— Номи ман ҳам «Худам» аст:

Осиёбон ҳарчи кӯшид ва ҳар найранге ба кор бурд, ки ғӯлро аз осиё берун бикунад, имкон наёфт ва ғӯл аз ҷои худ такон нахӯрд ва кам-кам асбоби заҳмати осиёбонро фароҳам сохт. Чи ҳар коре, ки ӯ мекард, ғӯл ҳам айнан ҳамон корро мекард. Масалан: осиёбон об мехӯрд, ғӯл ҳам об мехӯрд, нон мехӯрд, ғӯл ҳам нон мехӯрд, ҳарф мезад, ғӯл ҳам айнан ҳамон ҳарфро мезад ва хулоса, ба ҳар коре даст мезад, ғӯл ҳам даст мезад ва дар ҳақиқат тақоид ё ба истилоҳи авом наврон ӯро дар меовард.

Бечора осиёбон оҷиз шуд ва ноғузир ба дӯсти оқилуботадбире, ки дошт, мурочиат кард ва дарди диламро барои ӯ гуфт. Рафиқаш дастуре ба ӯ доду гуфт:

— Агар ин корро тибқи дастури ман анҷом диҳӣ, бидуни шак аз шарри ӯ раҳоӣ хоҳӣ ёфт. Осиёбон шодмону хушҳоликунон аз он ҷо омад, то ба осиё расид ва фавран як зарфи пур аз нафт дар як тарафи осиё гузошт ва як зарфи

назари он, вале пур аз об дар тарафи дигар ва як кутти кибрит пои он зарф гузошт ва кутии кибрити дигаре пои ин зарф ва сипас оҷад пои зарфи об нишаст ва бино кард обҳоро ба худаш молидан.

Ғул ҳам фавран бархост ва пои зарфи нафт нишаст ва ба тасаввури ин ки осиёбон нафт ба худаш мемолад, бино кард нафтҳоро ба худаш молидан, то кулдияи нафти он зарф тамом шуд. Он гоҳ осиёбон кутии кибритро бардошт ва кибрите аз он баровард ва оташ заду онро наздики либоси худ бурд, вале албатта чун либосаш бо об хис шуда буд, оташ нагирифт. Ғул ҳам кибрите равшан карду наздики баданаш бурд, аммо чун тамоми баданаш аз нафт огушта шуда буд, дафъатан оташ гирифт ва биной сухтан ва дод фарьёдро гузошт. Ғулҳои биёбоӣ, ки дар он ҳавлу хуш буданд, аз садои ӯ хабардор гардида, туя осиё рехтанд ва дар садади хомӯш кардани оташи бадани ӯ баромаданд, вале чӣ фоида, ки нафт бисьёр буду хомӯш намешуд. Ночор аз ӯ пурсиданд:

Чи касе бо ту ин ситамро раво дошт? Гуфт: «Худам». Ва албатта ба тасаввури ин ки номи осиёбон худам аст, мақсудаш шахси осиёбон буд. Ғулон гуфтанд:

Чӣ гуна мешавад, ки худат чунин балоеро бар сари худат биёварӣ? Ғул нолакунон гуфт: Худам, ки накардам, Худам кард. Ғулон гуфтанд:

—Пас агар худат кардаӣ, то чашмат кӯр бисӯз, ки «худкардаро тадбир нест». Ин бигуфтанду бозгаштанд ва ғул сухту хокистар шуд.

Аз «Достонҳои амсол» I

## ХУИ БАД БАР ТАБИАТЕ, КИ НИШАСТ, НАРАВАД ТО БА ВАҚТИ МАРГ АЗ ДАСТ

Овардаанд, ки дар Басра марде буд, ки ӯро Абулқосими Сафо гуфтанди. Ӯ ҳикоят кард, ки аз мероси падар шамшере ба ман расида буд, ки мисл надошт. То рӯзе маишат бар ман танг шуд, бо худ гуфтам: «Ин шамшер лоиқи пешкаши амири Аббосист. Ба хидмати ӯ бурда ва аз инъоми ӯ насибе ёбам».

Ба ин ирода аз хона берун омадам. Иттифоқан аъробие ба ман бархӯрд ва рафиқи ман шуд. Чанд рӯз, ки бо ҳам рафтем, миёни ману ӯ улфатӣ пайдо шуд. Аҳволи ӯ маълум кардам, аз қабилаи Бани Тамайюм буд. Донистам, он тоифа чуз ба ғараз ошноӣ намекунанд. Пас ман худро аз ӯ дур кашида, мувозиби худ будам ва ӯ ониста буд, ки ман шамшери қимате дорам ва аз барои халифа мебарам. Чун ба мақсад расидам, ба хидмати халифа рафтам ва шамшерро

тақдим кардам. Маро амр кард ва ҳазор динор зари сурх ба ман инъом дод. Баъд аз чанд рӯзи дигар мурочиат кардам ва рӯзона роҳ шудам. Он аъробӣ дар камини ман буд. Чун як манзил рафтам, боз аъробӣ худро ба ман намуду гуфт:

— Эй ачам, боз дар ин сафар бо ту рафиқам.

Гуфтам:

— Илоҳӣ оқибати моро бахайр дорад ва дар ҳама чо аз ӯ муҳтариз будам, то нахлистон расидем, ки аз ободӣ дур буд. Аъробӣ ба ман гуфт:

— Эй чавони ачамӣ, чаро аз ман дурӣ мекунӣ? Ман дӯсти туам. Чаро наздики ман намеоӣ?

Гуфтам:

— «Дурию дӯстӣ» беҳтар аст.

Ногоҳ шамшер кашида, маркаб ба ман давонид. Ман чун чунин дидам, худро аз асп ба зер андохтам ва пиёда дар миёни чангалу нахлистон медавидам, ӯ савора дар ақиби ман. Дар миёни чангал аз дур гунбаде дидам. Гумон кардам, ободонӣ аст, худро бад-он гунбад андохтам. Дидам, маъбади яҳудон аст ва аъробӣ асли маро ядак карда, меомад ва гуфт:

— Ба пои худ ба саллоххона омадӣ ва аз дасти ман чон бадар намебарӣ!

Ва он гунбад бисьёр торик буд. Ман худро ба худо супурда, дар паси дар истодам. Ӯ савора ба дари гунбад расид ва аз асп фуруд омад ва аспхоро ба дарахте баст. Иттифоқан ин гунбад мулкони ӯ буд ва он чи роҳзанӣ мекард ва дар он гунбад чамъ мекард ва касе роҳ бад-он намебурд... Пас аъробӣ ба гунбад даромаду гуфт:

— Эй ачам, туро ачал ба ин чо оварда, ҳазор динор, ки дар камар дорӣ, моли ман аст.

Чун гунбад бисьёр торик буд, аз ман гузашт. Ва дар он чо зерзамине буд, бо теги бараҳна мутаваччеҳи зерзамин шуд. Ман аз ақиби дар оҳиста берун омадам ва он дар бисьёр маҳкам буд ва аз берун занчире дошт, дарро аз берун баста, занчир кардам.

Чун аъробӣ он ҳол бидид, ақиби дар омад, дарро маҳкам баста дид. Донист, ки халосӣ надорад. Ба ачзу илтимос даромад. Чун ман бисьёр пиёда давида будам, хаставу монда дар беруни дар нишастам ва ба хотирчамъ осудам... Он аъробӣ дар даруни гунбад тазарруъу зорӣ мекарду мегуфт:

— Эй ачам, ман ҳар бадӣ, ки ба дил доштам, ҳамон пеши ман омад ва ҳар чӣ кардам, бо худ кардам ва чоҳе, ки барои ту канда будам, худ дар он афтодам. Имрӯз муруввату мардӣ аз ачам аст, маро бубахш ва дар ба рӯи ман бикушо, ки ман ба дасти ту тавба кунам.

Гуфтам:
— Эй шакӣ, ин дами охирин тавбаи ту суде надорад. Ман агар дар халосии ту саъй кунам, хешро хору залил сохтаам. «Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ». Эй осии шакӣ, дар ин гунбади яхудон мондани ту айни савоб аст ва туро ачал давонида ва ба пои худат ба гӯр фиристода:

> Ҳар кӣ дар роҳи бад қадам тозад,
> Хешро хору муттаҳам созад.

Ва худ ин кор ба сари худ овардӣ, ки хуни чандин мусулмон дар гардани туст!

Гуфт:
— Алҳол ба дасти ту тавба кардам. Маро бубахш!

Гуфтам:
— Эй шакӣ, инро ба касе бигӯ, ки туро нашиносад!

> **«Хӯи бад бар табиате, ки нишаст,**
> **Наравад то ба вақти марг аз даст».**

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## ЧАШМИ СОҲИБ АСАРИ ДИГАРЕ ДОРАД

Ду нафар дар камоли самимият бо ҳам рафиқ буданд ва солиёни дароз дар олами рафоқат нисбат ба якдигар аз молу ҷон дареғ намедоштанд, то ин ки вакте як нафар аз онҳо озими сафар шуд ва назди рафиқи худ омад ва гуфт:

— Бародарҷон, ту худ медонӣ, ки ман то чи андоза ба асби хеш алоқамандам ва онро дӯст дорам. Чун итминон надорам, ки навкаронам дар ғиёби ман аз он таваҷҷӯҳ кунанд, мехоҳам, аз ту хоҳиш кунам, ки онро дар тавилаат ҷой диҳӣ ва то мавқеи бозгашти ман таваҷҷӯҳ ва тиморашро шахсан зери назар гирӣ.

Рафиқаш бо камоли хушхӯӣ ва миннат дархости ӯро пазируфт ва асбашро ба тавилаи худ интиқол дод ва ҳама рӯз субҳу зӯҳру шом шахсан ба сари тавила меомад ва ба меҳтарон ва навкарони хеш тимори онро тавсия мекард ва бо ин ки ин амалро доиман такрор менамуд, боз медид, ҳамарӯза лоғартар мешавад ва чун пиндошт меҳтарон аз ҷави ӯ медузданд ва шабонгоҳон аз таваҷҷӯҳу тимораш дареғ медоранд, ба ночор худ ҳамарӯза бештар сарфи вақт мекард ва зиёдтар ба тавила меомад, то дар ҳузури худаш ба тимори он бипардозанд. Ва шабонгоҳ низ дар тавила ҳузур меёфт ва ба дасти худ ҷав ба ӯ медод ва то аз хӯрдани ҷав фароғат намеёфт ва тимори шабонаат ба итмом намерасид ва тахти паҳнаш густурда намешуд ва асп рӯи он намехобид, тавиларо тарк намегуфт. Вале ба итмоми ин аҳвол боз медид, ки рӯз

ба рӯз низортар мешуд. Ба тасаввури ин ки шояд маразн андаруни дорад, моҳиргарии домпизишкгоронро барои ӯ меовард ва онҳо ҳарчанд дар дармонаш бештар диққат мекарданд, камтар натича мегирифтанд. Ва аз тарафи дигар медид, ки асб худаш бо ин абадан мавриди таваччӯх нест, рӯз ба рӯз фарбеҳтар мешавад ва ин маънӣ бештар боиси шигифтӣ ва ҳайрати вай мегардид.

То ин ки, билохира, рафиқаш аз сафар бозомад ва ӯ фавран дидораш шитофта, бо масаррати ҳар чӣ тамомтар дар оғӯшаш гирифт ва аз мулокоташ изҳори шодмонӣ кард. Вале дар дил басе шарманда буд, ки агар аз аҳволи асби хеш бозпурсад, чӣ бигӯяд ва роҷеъ ба бегуноҳии худ ва гумоштагонаш дар низор шудани он чӣ далел иқома кунад.

Имрӯз гузашт, фардо рафиқаш ба боздиди вай омад ва аз аҳволи асби хеш ҷӯё шуд. Вай ба камоли шармсорӣ достони таваҷӯҳотеро, ки нисбат ба он карда ва бо ин ҳол ҳама рӯз низортар мешуд, барои ӯ баён кард ва бисьёр шигифтӣ намуд.

Рафикаш табассуме кард ва гуфт:

— Бародар, ғам мадор, магар намедонӣ, ки ҳамеша **«чашми соҳиб асаре дорад, ки чашми дигаре надорад».**

Аз «Достонхои амсол» II

## ЧАШМИ ТАНГИ ДУНЬЕДОРРО Е ҚАНОАТ ПУР КУНАД, Е ХОКИ ГӮР

Бозаргонеро дидам, ки саду панҷоҳ шутур бор дошт ва чиҳил бандаву хидматгор. Шабе дар чазираи Кеш маро ба хуҷраи хеш бурд. Ҳама шаб наёромид аз суханҳои парешон гуфтан, ки фалон анборам ба Туркистон ва фалон бизоат ба Ҳиндустон ва ин қаболаи фалон замин аст ва фалон чизро кас зомин. Гоҳ гуфтӣ:

— Хотири Искандария дорам, ки ҳавояш хуш аст.

Ва боз гуфтӣ:

— Не, ки дарьёи Мағриб мушавваш аст. Саъдиё! Сафари дигарам дар пеш аст. Агар он карда шавад, ба қимати умри хеш ба гӯшае нишинаму узлат гузинам.

Гуфтам:

— Он кадом сафар аст?

Гуфт:

— Гӯгирди порсӣ хоҳам бурдан ба Чин, ки шунидам, қимати азим дорад ва косаи чинӣ ба Рум барам ва дебои румӣ ба Ҳинд ва фӯлоди ҳиндӣ ба Ҳалаб ва обгинаи ҳалабӣ ба Яман ва бурди яманӣ ба Порс. Пас аз он тарки сафар кунам ва ба дӯконе биншинам.

Инсоф аз ин молихулиё чандон фурӯ гуфт, ки беш тоқати шуниданам намонд.

Гуфт:

— Эй Саъдӣ, ту ҳам сухане бигӯй аз онҳо, ки дидаӣ ва шунидаӣ.

Гуфтам:

— Он шунидастӣ, ки дар саҳрои Ғӯр
Борсолоре биафтод аз сутур.
Гуфт:— «Чашми тангӣ дуньёдорро,
Ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр».

Саъдии Шерозӣ

## ЧУН ГУШТ ГАНДА ШАВАД, НАМАКАШ БАРЗАНАНД, ЧОРА ЧӢ БОШАД, ЧУН БИГАНДАД НАМАК?

Аз подшоҳони Дайлам ва дигар подшоҳон ҳеҷ подшоҳ бедортар ва зиракtару пешбинтар аз Изудуддавла набудааст ва иморат дуст доштӣ ва бузургҳиммату фозилу босиёсат буд. Рӯзе муҳӣ бад-ӯ набишт, ки бад-он муҳим, ки бандаро фиристодӣ, чун аз дари дарвозаи шаҳр берун омадам, гоме дувист рафта будам, ҷавонеро дидам бар канораи роҳ истода зардчеҳра ва бар рӯю гардани ӯ асари захмҳо буд. Маро бидиду салом кард, ҷавобаш боздодам. Гуфтам:

— Чӣ истодаӣ?

Гуфт:

— Ҳамроҳе металабам, то ба шаҳре равам, ки дар он шаҳр малик одил бувад у қозӣ мунсиф.

Гуфтам:

— Донӣ, ки чӣ мегуӣ, подшоҳ аз Изудуддавла одилтар хоҳӣ ва қозие аз қозии шаҳр олимтар?

Гуфт:

— Агар подшоҳро адл будӣ ва дар корҳо бедор будӣ, ҳоким рострав будӣ. Чун ҳоким рострав нест, подшоҳ кай одил аст, бал ғофил аст.

Гуфтам:

— Аз ғофилии подшоҳ ва каррии қозӣ чӣ дидӣ?

Гуфт:

— Қиссаи ман дароз аст ва чун аз ин шаҳр бирафтам, кӯтоҳ гашт.

Гуфтам:

— Албатта бо ман бибояд гуфтан!

Пас гуфт:

— Бирав, то роҳ ба ҳадис кӯтоҳ кунем.

Чун дар роҳ истодем, гуфт:

— Бидон, ки ман писари фалон марди бозаргонам ва сарои падари ман дар ин шаҳр ба фалон маҳал аст ва ҳама кас падарамро шиносад, ки чӣ мард буду чӣ мояе мол дошт. Ва чун падарам фармон ёфт, ман чанд сол ба тамошои дил ва ишрату шаробхорагӣ машғул будам. Пас маро бемории

сахт афтод, чунон ки умеди зиндагонӣ бибуридам ва дар он беморӣ бо худои азза ва ҷалла назр кардам, ки агар аз ин беморӣ бираҳам, ҳаҷҷу ғазв бикунам. Худои азза ва ҷалла маро шифо дод, ба саломат бархостаму азм дуруст кардам, ки ба ҳаҷ равам ва паси он ба ғазв равам. Ва ҳар чи маро канизаку ғулом буд, озод кардам ва ҳамаро зарру зиёъ ва сарой додаму ба якдигар номзад кардам. Ва ҳар чи маро асбобу мустағал буд, ҳама фурӯхтам, панҷоҳ ҳазор динорро накд кардам. Пас маро андеша афтод, ки ин ду сафар, ки ман дар пеш дорам, пурхатар аст, маро чандин зар бо хештан бурдан савоб нест. Пас дил бар он бинниҳодам, ки сӣ ҳазор динор бараму боқӣ бигузорам. Пас бирафтаму ду офтобаи мисин бихаридаму даҳ ҳазор динор дар ҳар яке кардаму гуфтам: Акнун, пеши касе бояд ниҳод.

Ва аз ҳама шаҳр дилам бар қозиолқуззот қарор гирифт.

Гуфтам: «Ӯ марди ҳокиму олим аст ва малик хуну моли мусулмонон бо вай супурдааст ва эътимод бар ӯ карда, ба ҳеҷ ҳол хиёнат накунад».

Бирафтаму ин маънӣ нармак бо вай гуфтам, қабул кард. Ман хуррам шудам, шабгирӣ бархоставу ба хонаи ӯ бурдам, вадиат супурдаму рӯй ба роҳ овардам. Ва ҳаҷҷи ислом бикардам ва аз Макка ба Мадина рафтам ва аз он ҷо рӯй ба диёри Рум ниҳодам ва бо ғозиён пайвастам. Ва чанд сол ғазо кардам ва дар масофе миёни кофирон гирифтор омадаму чанд ҷон маро бар тану рӯй ҷароҳат расиду ба дасти румиён гирифтор гаштам ва чаҳор сол дар банду зиндон бимондам, то кайсари Рум бемор шуд ва ҳама асиронро озод карданд ва ман ҳам халос ёфтам. Дигарбора миёни новакиён омадаму хидмат кардам ишонро, чандоне ки нафакот ба даст овардам ва дилам бад-он қавӣ буд, ки бист ҳазор динор пеши қозии Бағдод ниҳодаам. Бо умеди он бархостам, пас даҳ сол дасттиҳию ҷома халақшуда ва тан аз ранҷу баддоштӣ низор гашта, пеши қозӣ рафтам, салом кардаму биншастам ва баъд аз як лаҳза бархостам. Ва ду рӯз ҳамчунин пеши ӯ рафтам. Чун бо ман ҳеҷ нагуфт, рӯзи сеюм назди ӯ бирафтаму дар пеш нишастам. Чун холӣ шуд, нек пеши ӯ рафтаму нармак уро гуфтам:

— Ман фалонаму писари фалон, ҳаҷ бикардаму ғазо бикардам ва маро ранҷҳои бисёр расиду ҳар чӣ бо худ бурда будам, аз даст бирафт ва бар ин ҳол бимондаму бар як ҳаббае зар қодир нестам ва бад-он амонат, ки пеши туст, ҳоҷат дорам.

Қозӣ аз андаку бисёр маро ҳеҷ ҷавоб надоду бад-он роҳ нашуд, ки «ту чӣ худ мегӯӣ?» Бархосту дар ҳуҷра рафт ва ман тангдил бозгаштам. Ва аз бадҳолию бараҳнагӣ, ки будам, аз шарм на ба хонаи хеш метавонистам рафтан ва на ба хонаи хешону дӯстон. Шаб дар масҷиде мехуфтаму

рӯз дар гӯшае мебудам. Қисса чӣ дароз кунам, ду-се бор бо ӯ аз ин маънӣ бигуфтам, ҳеҷ гуна ҷавоб надод. Рӯзи ҳафтӯм сахттар бигирифтам, маро гуфт:

— Туро молихулиё ранҷа медорад ва мағзи ту аз гарди роҳу ранҷ хушк шудааст, ҳазьёп бисьёр мегӯӣ! На туро шиносаму на аз ин ки гӯӣ, хабар дорам. Валекин номи он кас, ки ту мебарӣ, ҷавоне некӯрӯй буд ва ободону мулаббас.

Ман гуфтам:

— Эй қозӣ, ман онам, аз баддошти ҷароҳат низораму рӯи ман зишт шудааст.

Гуфт:

— Бархез, маро судоъ мадеҳу ба саломат бирав!

Гуфтам:

— Макун ва аз худой битарс, ки баъд аз ин ҷаҳон ҷаҳоне дигар аст ва ҳар кореро савобею иқобест. Аз он бист ҳазор динор панҷ ҳазор туро, ҳеҷ ҷавоб надод, гуфтам:

— Аз ин ду офтоба яке туро ҳалолан, тайййбан ва яке ба ман деҳ, ки сахт дармондаам. Ва бо ин ҳама аз иқрори хеш иброй маҳкам бикунам ба гувоҳу адул, ки маро ба ту ҳеҷ даъвои дигар набошад.

Гуфт:

— Туро девонагӣ ранҷа медорад, гирди он мегардӣ, ки бар девонагии ту ҳукм кунаму бифармоям, то туро дар бемористон кунанд ва банде бар ту ниҳанд, то ҷон дорӣ, аз он ҷо нараҳӣ.

Ман битарсидам ва донистам, ки дар дил кардааст, ки ба ман ҳеҷ надиҳад ва ҳар чи ӯ ҳукм кунад, мардумон бар он раванд. Нармак-нармак аз пеши ӯ бархостаму берун омадам ва бо худ гуфтам, ки гуфтаанд, ки «Чун гӯшт ганда шавад, намакаш барзананд, чора чӣ бошад, чу бигандад намак?» Ҳама довариҳо ба қозӣ дуруст, чун қозӣ бедодӣ кунад, кист, ки аз қозӣ дод биситонад? Агар Изудуддавла зодгаре будӣ, бист ҳазор динори ман дар дасти қозӣ набудӣ ва ман гуруснаю бечора тамаъ аз молу мулк ва шаҳру ватани хеш набуридаме ва инак рафтам.

Чун мунҳӣ моҷарои ҳол бишунид, дилаш бисӯхт.

Гуфт:

— Эй озодмард, ҳама умедҳо аз паси навмедӣ аст. Дил дар худой банд, ки худои азза ва ҷалла кори бандагон рост кунад.

Пас мунҳӣ мардро гуфт:

— Маро дар ин деҳа дӯсте ҳаст озодмарду меҳмондӯст ва ман ба меҳмонии ӯ меравам, маро бо ту сахт хуш афтодааст, мусоидат кун, то имрӯзу шаб ба хонаи он дӯст бошем, то фардо худ чӣ падидор ояд?

Ва ӯро бурд то ба хонаи он дӯст ва моҳазар он чӣ буд, оварданду хӯрданд ва дар хона шуданд. Ва мунҳӣ ин ҳол

бар коғазе набишту ба марди рустой дод, ки ба дари сарои Изудуддавла рав ва фалон ходимро бихону ин набишта ба ходим дех, ки холй ба Изудуддавла расонад.

Чун Изудуддавла бихонд, ангушт ба дандон гирифт. Дархол кас фиристоду мунхиро гуфт:

— Бояд, ки хамин имшаб он мардро пеши ман орй!

Чун мунхй бидонист, мардро гуфт:

— Хез, то ба шахр равем, ки Изудуддавла марою туро мехонад. Ин косидро фиристодааст.

Мард гуфт:

— Хайр аст?

Гуфт:

— Чуз хайр набошад, магар он чй ту дар рох бо ман мегуфтй, ба самъи ӯ расонидаанд. Чунон умед дорам, ки ту ба максуд расй ва аз ин машаккат бирахй.

Бархосту мардро пеши Изудуддавла бурд. Изудуддавла фармуд, ки то мачлис холй кунанд ва ахвол аз ӯ бипурсанд. Аз аввал то ба охир чунон ки буд, боз гуфт. Изудуддавларо дил бар ӯ бисӯхт. Гуфт:

— Ту дил хуш дор, ки корест, ки маро афтодааст на туро ва ӯ гумоштаи ман аст, тадбири ин кор маро мебояд кард. Худои таолло маро аз бахри ин офаридааст, то мардумонро нигох дораму нагузорам, ки касеро ранче расад, балки аз козй, ки ӯро бар молу амволи мусулмонон гумоштаам ва ачру мушохара медихам, то ӯ ба ростй шуғли мусулмонон мегузорад ва ба хукми шаръ майлу мухобо накунаду ришват наситонад. Ва агар дар дорулмулки ман ин равад аз марде пиру олим, бинигар аз козиёни чавони мутахаввир чй хиёнат равад? Ва дар ибтидо ин козй марде буд дарвешу сохибаёл ва он кадар мушохара, ки фармуда будам, чандон аст, ки кафофи ӯ бошад. Имрӯз ӯро дар Бағдоду навохй чандон зиёъ ва акор ва боғу бӯстон ва сарою мустағаллу тачаммул хаст, ки онро хадде нест. Ва ин хама неъмат аз он кадар мушохара натавон сохт. Пас дуруст аст, ки аз моли мусулмонон аст ва пас рӯй бад-ин мард карду гуфт:

— Хуш нахӯраму хуш нахусбам, то туро ба хакки ту нарасонам ва нафакоте аз ман биситону аз ин шахр бирав! Ва ба Исфахон рав, пеши фалон кас мебош, то мо бинависем, ӯ туро некӯ дорад, то он ки туро аз ӯ талаб кунем.

Пас дувист динор зар ва панчто чома бад-ӯ дод ва хам дар шаб ӯро ба чониби Исфахон гусел кард. Пас хама шаб то рӯз Изудуддавла хамеандешид, ки чй чора кунад, то ин мол аз дасти козй берун кунад. Бо хештан гуфт, ки агар аз рӯи зӯру султонният козиро бигираму биранчонам, ба хеч хол муътариф нагардад ва хиёнат бар худ зохир накунад ва ин мол дар тахлука афтад. Ва мардумон маро маломат

кунанд, ки Изудуддавла марди пиру олим биранҷониду ба тамаи мол ин зиштномӣ ба атроф пароканад. Маро тадбир бояд кард, ки ин хиёнат бар қозӣ дуруст кунам ва мард ба моли хеш расад.

Чун бар ин ҳадис як-ду моҳ баромад, қозӣ низ асари худованди зар надид ба ҳеч ҳол. Бо хештан гуфт: «Бист ҳазор динор дорам, лекин як сол сабр кунам, ки бошад, ки аз касе хабари марги ӯ бишунавам, ки бар он ҳол, ки ман ӯро дидаам, худ зуд мирад».

Чун бар ин сухан ду моҳ бигузашт, рӯзе гармгоҳ ба вақти қайлӯла Изудуддавла кас фиристоду қозиро бихонд ва бо ӯ хилват карду гуфт:

— Абӯҳалқозӣ, донӣ, ки туро аз баҳри чӣ ранҷа кардам?

Гуфт:

— Малик беҳтар донад.

Гуфт, ки оқибатандеш гаштаам ва аз ин фикр хоб аз ман рамидааст, ки бад-ин дуньёю мамлакат маълуме нест у бар бақои зиндагонӣ ҳеч эътимоде нест. Ва аз ту берун нест; ё мулкҷӯе аз гӯшае бархезаду ин мулк аз дасти мо берун кунад, чунон ки мо аз дасти дигарон берун кардем ва бингар, то чӣ ранҷҳо ба ман расид, то чунин рост битавонистам нишастан ва ё фармони ҳақ даррасад ва моро ноком аз ин мамлакат ҷудо гардонад. Ва ҳеҷ касро аз марг чора нест ва ин қадар умр мондааст, агар нек бошему бо бандагони худой некӯӣ кунем, то ҷаҳону мардум хушнуд бошанд, аз мо некӣ ёд кунанд ва ба қиёмат растагорӣ ёбем ва дар биҳишт равем ва агар бад бошему бо халқ бадӣ кунем, то қиёмат номи мо ба зиштӣ баранд ва ҳар кӣ аз мо ёд кунад, бар мо лаънат кунанд ва рӯзи қиёмат маъхуз бошему ҷои мо дӯзах бувад. Пас он чи мумкин аст, ҷаҳд ба некӣ кунему инсофи халқ медиҳем ва эҳсон мекунем. Валекин мақсуди ман аз ин гуфтан ба ту он аст, ки дар сарой муште дарату атфол дорам, кори писарон сахлтар, ишон чу мурғи парранда бошанд аз иқлим ба иқлиме тавонанд шуд. Кори пушидагон батар, ки заифу бечора бошанд ва ман имрӯз метавонам, ки дар ҳаққи ишон андеша кунам ва фардо набояд, ки марг фароз расад ё давлатро гардише бошад. Хоҳам, ки бо ишон некӯӣ кунам. Ва имрӯз меандешидам, ки дар ҳама мамлакат аз ту порсотару кӯтоҳдастар ва бетамаътару болиёнаттару боамонаттар марде нест. Ва ман мехоҳам, ки ду бор ҳазор-ҳазор динори зару нақд аз ҷавоҳир ба вадиат пеши ту биниҳам, чунон ки ту донию ман ва худои таоло донаду бас. Ва пас агар фардо рӯз маро ҳоле пеш ояд ва ҳоли ишон ба ҷое расад, ки ба қути рӯз ҳоҷатманд гарданд, дар сир ишонро бихонӣ чунон ки ҳеч кас надонад ва он мол бо ишон қисмат кунӣ ва ҳар якеро ба шавҳаре деҳ, то пардаи ишон дарида нагардад ва

ноихорап халқ набошад. Ва тадбири он кор ин аст, ки дар сарои хеш ҳуҷраҳои даруни ихтиёр кунӣ ва дар он ҷо зери замин аз хишти пухта биное маҳкам созӣ, чун тамом гардад, маро хабар кун, то ман бифармоям шабе бист хуниро, ки қатл бар ишон воҷиб аст, аз зиндон биёваранд ва ин мол бар пушти ишон ниҳанду ба сарои ту оранд ва дар он зеризамин ниҳанд ва дар сардоба барораиду боз оранд ва бифармоям, то ҳамаро бикушанд, то ин ҳол пӯшида бимонад.

Қозӣ гуфт:

— Фармонбардорам ва ҳар чӣ мумкин гардад, дар ин хидмат ба ҷо орам.

Пас малик ходимро гуфт:

— Нармак бархезу ба хазина рав ва дувист динори мағрибӣ биёвару дар киса кун!

Ходим бирафту зар биёвард ва Изуддавла биситуд ва пеши қозӣ ниҳоду гуфт:

— Ин дувист динор дар ваҷҳи ин зери замин ба кор бар! Агар тамом набошад, дигар фармоям.

Қозӣ гуфт:

— Аллоҳ-аллоҳ, ин хидмат ман аз зари хеш кунам.

Изуддавла гуфт:

— Шарт набошад, ки ту аз ҷиҳати муҳиммоти ман зари худ харҷ кунӣ, зари ту ҳалол аст, ин корро нашояд. Ҷаҳди он кун, ки бад-он чи эътимод афтодааст, ба ҷой орӣ, ки ҳама хидмате карда бошӣ.

Қозӣ гуфт:

— Фармон маликрост.

Он дувист динор дар остин ниҳоду берун омад шодмон ва бо худ гуфт:

— Ба пиронасар бахту давлат маро ёр шуд ва хонаи мо пур аз зар хоҳад шуд. Агар маликро ҳоле афтад, на касе бар ман қаболаю ҳуҷҷате дорад ва ҳама бо ману фарзандони ман бимонад. Худованди он зари ду офтоба, ки зинда аст, донге аз ман наметавонад ситад, малик, ки мурда бошад, аз ман чун тавонад ситад?

Ба хона рафт, рафту ба иморати сардоба таъҷил мекард ва ба як моҳ сардобаро рост кард сахт маҳкам. Ва бархосту пеши Изуддавла шуд намози хуфтан. Изуддавла ӯро ба хилват хонду гуфт:

— Бад-ин вақт ба чӣ кор омадай?

Гуфт:

— Хоҳам, ки маликро маълум кунам, ки сардоба чунон ки фармуда будӣ, тамом гашт.

Изуддавла гуфт:

— Сахт нек. Ва ман бидонистам, ки ту дар корҳо ба ҷид бошӣ, алҳамдулиллоҳ, ки занни ман дар ту хато нест. Дили ман аз ин муҳим фориғ кардӣ ва ман он чӣ ба ту гуф-

там, ҳазор-ҳазор ва понсад бор ҳазор динор муад кардам аз зару ҷавоҳир понсади дигар мебояд ва чандин ҷомаю уду анбар ва мушку кофур дар ваҷҳи он ниҳодаам. Ва дар онам, ки замон то байёъон дароядӯ биёваранду дар ин ҳафта тамом шавад, он гоҳ ба як бор онҷо оранд ва ман фардо шаб ба дидани он сардоба ба сарои ту меоям, то чашме бар он афканам, то чигуна омадааст. Ва нахоҳам, ки тӯ аз ҳеҷ маънӣ такаллуфе кунӣ, ки дарвақт боз хоҳам гашт.

Қозиро гусел кард ва дарвақт қосиде ба Исфаҳон бар талаби худованди зар фиристод. Рӯзи дигар шаб ба сарои қозӣ шуду он сардоба бидид ва писандиду қозиро гуфт:

— Бояд, ки рӯзи сешанбе биёӣ, то он чӣ муад шудааст, бинӣ.

Гуфт:

— Фармонбардорам.

Чун аз сарои қозӣ бозгашт, хазинадорро фармуд, то саду чиҳил офтобаи зар дар хазина биниҳанд, се каробаи марворид ва ҷоми зарин пур ёқути сурх ва ҷоме пур лаълу ҷоме пур пирӯза ва ҳама пеши офтобаҳо ниҳоданд. Чун хазинадор аз ин пардохт, сешанбе фароз расид. Изудуддавла қозиро бихонду дасти ӯ бигирифт ва дар он хона бурд, ки он мол ниҳода буданд, қозӣ дар он мол хира бимонд.

Гуфт:

— Дар ин ҳафта нимшабӣ гӯш ҳамедор ба овардани ин мол!

Ва аз он хона берун омаданд ва қозӣ бозгашту аз шодии дилаш дар бар ҳамепарид.

Ҳазоро рӯзи дигар худованди офтоба даррасид, Изудуддавла ӯро гуфт:

— Ҳам акнун хоҳам, ки пеши қозӣ равию бигӯӣ, ки ман муддате сабр кардаму ҳурмати ту нигоҳ доштам ва беш аз ин эътимод нахоҳам кард. Ва ҳама шаҳр донанд, ки маро ва падари маро чӣ мол буд ва бар кавли ман гувоҳӣ диҳанд. Агар зари ман бидиҳӣ, фабиҳо ва илло ҳам акнун пеши Изудуддавла равам у аз ту тааллум кунам ва беҳурматӣ ба сари ту орам, ки ҷаҳониён ибрат гиранд. Бинигар, то қозӣ чӣ ҷавоб диҳад? Агар зарат боздиҳад, ҳамчунон нек оид ва илло ҳамчунон ки равад, маро хабар деҳ!

Мард пеши қозӣ рафту наздики ӯ биншасту ҳамчунон бо ӯ бигуфт. Қозӣ андешид, ки агар ин мард бар ман шаноат кунад ва пеши Изудуддавла равад ва ӯро дар кори ман шубҳат афтад, он мол ба хонаи ман нафиристад. Савоб он бувад, моли ӯ боз диҳам. Охир саду панҷоҳ офтоба зару чандоне ҷавоҳир беҳтар аз ду офтоба. Мардро гуфт:

— Замоне сабр кун, ки дар ҳама ҷаҳон туро меҷӯям.

Бархосту дар ҳуҷра шуд ва ӯро дар ҳуҷра хонду дар канораш гирифту гуфт:

— Ту дӯсти манӣ ва маро ба ҷои фарзандӣ. Ва ман он ҳама аз баҳри эҳтиёт мекардам. Ва аз он рӯз туро бозметалабам, алҳамдулиллоҳ, ки туро боз дидаму аз ин ӯхда берун омадам ва зари ту ҳамчунин бар ҷой аст.

Бархосту ҳар ду офтоба ба пеши мард овард-у гуфт:

— Ин зари ту ҳаст? Акнун баргиру ҳар ҷо, ки мехоҳӣ, мерав!

Мард берун омаду ду марди ҳаммол ба сарои қозӣ бурд ва офтоба бар гардани ишон ниҳод ва ҳамчунон мебурд, то ба сарой. Изудуддавла чун офтобаҳои зар бидид, бихандиду гуфт:

— Алҳамдулиллоҳ, ки ту ҳаққи хеш расидӣ ва хиёнати қозӣ зоҳир шуд. Ту бидонӣ, ки ман чӣ тадбир кардам, то ту ба зари хеш расидӣ?

Бузургон боз пурсиданд, ки ҳол чун аст? Изудуддавла он чӣ буд, боз намуд. Ҳама ба тааҷҷуб бимонанд. Пас ҳоҷиби бузургеро бифармуд, ки бираву қозиро саропо барахна ва дастор дар гардан кунӯ пеши ман ор.

Ҳоҷиб рафту қозиро ҳамчунон овард, ки фармуда буд. Чун қозиро биёварданд, нигоҳ кард, он мардро бидид истодаю ҳар ду офтоба ба даст гирифта.

Гуфт:

— Оҳ, бисӯхтам!

Ва донист, ки ҳар чӣ бо ӯ гуфту намуд аз барои ин ду офтоба буд. Пас Изудуддавла бонг бар вай заду гуфт:

— Ту марди пиру олим ва ҳоким бошию ба лаби гӯр расидай, хиёнат варзӣ ва дар амонат зинҳор хӯрӣ, аз дигарон чӣ чашм бояд дошт?! Маълум гашт, ки ҳар чӣ сохта дорӣ, аз моли мусулмонон асту ришват аст. Бад-ин ҷаҳон ман ҷазои ту бидиҳаму дар он ҷаҳон худ мукофот ёбӣ! Аз ҷиҳате ки марди пирию олим, ҷон ба ту бахшидам. Аммо молу мулки ту хазинарост.

Ҳар молею мулке, ки дошт, аз ӯ биситоданд ва баъд аз он ҳаргиз ӯро амал нафармуданд.

Ва он ду офтобаро бад-он озодмард таслим намуд.

Аз «Сиёсатнома»

Мисоли дигар:

Оварданд, ки султон Маҳмудро қиссае афтод. Ва он ин буд, ки марде дар роҳ аризае ба султон дод, ки ду ҳазор динори зар дар кисаи сабз ва мӯҳр ниҳода дар пеши қозии шаҳр ба вадиат ниҳодам. Ва чун ба сафар рафтам ва он чӣ бо худ доштам, дар роҳи Ҳиндустон дуздон аз ман биситоданд. Он чӣ пеши қозӣ ниҳода будам, аз қозӣ бозситодам. Чун бо хона овардам, сари киса бозкушодам, пур дирамҳои мисин ёфтам. Ба қозӣ бозгаштам, ки ман кисаи пурзар пеши ту ниҳодам, акнун пурмис меёбам, чӣ гуна бошад?

Гуфт:

— Ту ба вақти супурдан ҳеҷ зар во нақардӣ ва бар ман шумурдӣ? Кисае баста ва мӯҳр карда ба ман овардӣ ва ҳамчунон боз бурдӣ ва ба вақти боз додан аз ту пурсидам, ки ин киса кисаи туст? Гуфтӣ: «Бале». Ва ба саломат бурдӣ. Акнун ба қаркаша омадӣ?

Аллоҳ, аллоҳ, малики одил, ба фарьёд рас, ки бар понс қодир нестам.

Султон Маҳмуд аз ҷиҳати ӯ тангдил шуду гуфт:

— Хотир ҷамъ дор, ки тадбири зари ту бар ман воҷиб шуд. Бирав ва он кисаро пеши ман ор!

Мард бирафт ва он киса пеши султон овард. Маҳмуд ҳарчанд гирди киса мулоҳиза кард, ҳеҷ ҷой шикофе надид. Мардро гуфт, ки кисаро пеши ман бигузор ва ҳар рӯз се ман нон ва як ман гӯшт ва ҳар моҳ даҳ динор зар аз вакили мо меситон, то ман тадбири зари ту бикунам ва ту бебарг набошӣ.

Пас, рӯзе Маҳмуд вақти қайлӯла он киса пеши худ ниҳод ва бар вай андеша баргумошт, ки чун тавонад буд? Охир, дилаш бад-он қарор гирифт, ки мумкин бошад, ки ин кисаро шикофта бошанд ва зар берун карда ва руфӯ карда. Микрамае дошт музаҳҳаб; неку ва зариф, ки бар рӯи ниҳоле афканда будӣ. Нимишабӣ бархост ва аз бом фуру омад ва корд баркашид ва чанд газе аз микрама бидаррид ва боз ба ҷой шуд. Сапедадам бархост ва се рӯз ба шикор рафт. Ва фарроше буд, ки хизмати ҳуҷраи хос кардӣ. Бомдод бар сари ниҳоле шуд, то бирӯбад. Микрамаро дарида дид миқдори як газ. Битарсид ва аз бим гирьяаш барафтод ва дар фаррошхона фарроше буд пир. Ӯро бидид чунон гирьён, гуфт:

— Туро чӣ будааст?

Гуфт:

— Наметавонам, гуфт.

Гуфт:

— Матарс ва бигӯй!

Гуфт:

— Қасе бо ман ситеза доштааст. Дар хона шудааст ва микрамаи султон бидаридааст, магар як газ. Агар чашми султон бар он ҷо афтад, маро бикушад.

Гуфт:

— Ҷуз ту дигар ҳеҷ кас дидааст?

Гуфт:

— На.

Гуфт:

— Дил фориғ дор, ки ман чораи ин кор донам ва туро биёмӯзам. Султон ба шикор рафтааст ва дар ин шаҳр руфӯгаре ҳаст каҳл. Ва он мард дӯконе ба фалон маҳалла до-

рад ва Аҳмад ном дорад ва дар руфўгарӣ сахт устод аст. Ва руфўгароне, ки дар ин шаҳранд, ҳама шогирдони ўянд. Ин микрама пеши вай бар, чандон ки музд хоҳад, бидеҳ, ки ў чунон кунад, ки ҳеҷ устоде надонад, ки ин дарида будааст.

Ин фаррош микрама пеши ў бурд, гуфт:

— Инро руфў тавонӣ кард?

Гуфт:

— Тавонам.

Гуфт:

— Чанд хоҳӣ?

Гуфт:

— Дурустӣ ним динор хоҳам.

Он зар бад-у дод ва гуфт:

— Зуд мебояд.

Гуфт:

— Фардо намози дигар биё ва бибар!

Дигар рўз ба ваъда бирафт. Микрама пеши ў ниҳод, чунон ки дарнаёфт, ки куҷо дарида буд.

Фаррош шодмона шуд ва ба сарой бурд ва ҳамчунон дар рўи ниҳоле кашид. Чун султон аз шикор бозомад, дар он хона шуд, то бихусбад. Нигоҳ кард, микрамаро дуруст дид. Гуфт:

— Ин фаррошро бихонед!

— Ин микрама дарида буд, кӣ дуруст кард?

Гуфт:

— Эй худованд, ҳаргиз надарида буд.

Гуфт:

— Эй аҳмак, матарс, ки ин ман дарида будам. Маро дар ин максудест. Рост бигў, ки кадом руфўгар ин дуруст кардааст, ки ба ғоят нек кардааст.

Гуфт:

— Эй худованд, Аҳмади руфўгар.

Гуфт:

— Ўро пеши ман хон! Ва чун дар сарой ояд, пеши манаш ор!

Фаррош бирафт ва руфўгарро пеши султон овард. Руфўгар, ки султонро дид танҳо нишаста, битарсид. Султонро, ки чашм бар ў афтод, гуфт:

— Биё устод, ин микрамаро ту руфў кардӣ?

Гуфт:

— Оре.

Гуфт:

— Сахт устодона кардӣ.

Гуфт:

— Ба давлати худованд нек омадааст.

Гуфт:

— Дар ин шаҳр аз ту устодтар ҳеҷ ҳаст?
Гуфт:
— На.
— Аз ту сухане пурсам, рост бигӯ, ки бо подшоҳон беҳ аз ростӣ нест.
Гуфт:
— Дар он шаш ҳафт сол ҳеҷ кисаи саба руфӯ кардӣ ба хонаи муҳташаме?
Гуфт:
— Кардам.
Гуфт:
— Куҷо?
Гуфт:
— Ба хонаи қозии шаҳр. Ду динор музди он бидод.
Гуфт:
— Агар он кисаро бинӣ, шиносӣ?
Гуфт:
— Шиносам.
Маҳмуд даст дар зери ниҳоле кард ва кисаро бардошт ва ба дасти руфӯгар дод.
Гуфт:
— Ин киса аст.
Султон гуфт:
— Руфӯкарда кадом ҷой аст? Маро бинамой!
Ангушт бар ниҳод, ки ин ҷойгаҳ аст. Маҳмуд тааҷҷуб кард ва хира фурӯ бимонд, азбаски некӯ карда буд.
Гуфт:
— Агар ҳоҷат ояд, бар рӯи қозӣ гувоҳӣ тавонӣ дод?
Гуфт:
— Чаро натавонам?
Дарвақт кас фиристод ва қозиро хонд ва дигареро гуфт:
— Бирав худованди кисаро бихон!
Чун қозӣ ҳозир шуд ва салом кард ва бар одат бинишаст, Маҳмуд рӯй ба қозӣ оварду гуфт:
— Ту марди пир ва олим бошӣ ва ман қазо ба ту додаам ва хунҳою молҳо ба ту супурдаам ва бар ту эътимод карда ва даҳ ҳазор мард ҳаст дар мамолики ман аз ту олимтар. Ҳамаро зоеъ гузошта туро баргузидаам ва ин шуғли динӣ ба ту супоридаам. Он гоҳ ту хиёнат кунӣ ва шарти амонат ва маросими диёнат фурӯ гузорӣ ва моли марди мусулмон ҷумла бибарӣ ва ӯро маҳрум бигузорӣ?!
Гуфт:
— Эй худованд, ин чӣ ҳадис бошад ва ин кӣ гӯяд? Ман ин накардаам.
Маҳмуд гуфт:
— Эй мунофиқ, ин хиёнат ту кардӣ ва ман мегӯям.
Ва пас кисаро бад-ӯ намуду гуфт:

— Ин он аст, ки пеши ту ниҳодаанд, ту бишикофтӣ ва зар бурун кардӣ ва мис бадали он зар дар он ҷо ниҳодӣ ва киса руфӯ кардӣ. Он гоҳ худованди зарро гуфтӣ, сарбаста ба муҳри хеш овардӣ ва ҳамчунон боз бурдӣ, чизе бари ман намудӣ! Феълу сирати ту дар диёнат чунин аст?!

Қозӣ гуфт:

— На ин кисаро ҳаргиз бидидаам ва на аз ин ки мегӯед, хабар надорам.

Маҳмуд гуфт:

— Ин ду мардро дароваред!

Хоҷае бирафт, худованди зар ва руфӯгар пеши Маҳмуд овард. Маҳмуд гуфт:

— Эй дурӯғзан, инак худованди зар ва руфӯгар, ки кисаро руфӯ кардааст!

Қозӣ хиҷил шуд ва рӯяш зард гашт ва аз бим ларза бар танаш афтод, ки сухан натавонист кард. Маҳмуд гуфт:

— Баргиредаш ва бо ӯ мувакжил бошед, то ҳамин соат зари ин мардро боз диҳад ва илло бифармоям, то гарданаш бизананд.

Қозиро аз пеши султон бадар кашиданд ниммурда ва дар навбатхона биншонданд ва гуфтанд:

— Ҳин, зар бидеҳ!

Қозӣ гуфт:

— Вакили маро биёваред!

Вакили ӯро биёварданд ва нишон бидод.

Вакил рафт ва ҳар ду ҳазор динори нишопурӣ дуруст биёвард ва ба худованди киса таслим кард. Дигар рӯз султон Маҳмуд ба мазолим биншаст ва хиёнати қозӣ бо бузургон бармало бигуфт. Пас фармуд қозиро биёварданд ва нагунсор аз кунгураи даргоҳ биёвехтанд ва бузургон бисьёр шафоат карданд, ки марди пиру олим аст. То панҷоҳ ҳазор динор худро бозхарид. Фурӯ гирифтандаш ва низ ҳаргиз ӯро қазо нафармуд.

Аз «Сиёсатнома»

## ШАБ ДАРОЗ АСТУ ҚАЛАНДАР БЕКОР

Дарвеши бенавое, ки кораш кӯчагардӣ ва биёбонивардӣ буд, вақте дар зимни саёҳат ба шаҳри Балх расид. Чун он ҷоро шаҳре муаззаму пурнеъмат ва хушобуҳаво дид, раҳли иқомат афканд. Ҳанӯз муддате аз таваттуни ӯ нагузашта буд, ки зане ихтиёр кард. Чун шаби зифоф расид, дарвеш нахуст машғули кори аврод шуд, ки худо ӯро ба неъмат, хонаву зану мол расонида.

Зан ҳар қадар сабр кард, дид, дарвеш сахт машғули розу ниёз ба даргоҳи бениёз аст ва бо ӯ намепардозад. Лизо ба вай гуфт:

— Эй шавҳари меҳрубон, дуову намозро аз дастат нагирифтаанд ва ин корро вақт бисьёр аст, имшаб туро вазифаи дигаре дар пеш аст ва кори дигаре даркор аст.

Шавҳар гуфт: Эй зан, ин қадар бетобӣ макун, **«шаб дароз асту қаландар бекор»**.

Аз «Достонҳои амсол» II

## ШАБХЕЗ БОШ, ТО КОМРАВО БОШӢ

Дастур гуфт: Шунидам, ки Бузурҷмеҳр бомдод ба хидмати Хусрав шитофтӣ ва ӯро гуфтӣ: «Шабхез бош, то комраво бошӣ!»

Хусрав ба ҳукми он, ки муошарат ва муоқарат дар самони агонӣ ва ичтимои ғавоӣ шаб гузашта будӣ ва бо моҳпайкарон то матлаи офтоб бар нози болиши танаъум сар ниҳода, аз Бузурҷмеҳр ба сабаби ин калима пораe мутаассиру мутағайир гашта, ин маънӣ ҳамчун сарзанише донистӣ.

Як рӯз Хусрав ҷокаронро бифармуд, то ба вақти субҳе, ки дидаи ҷаҳон аз сиёҳаи зулмот ва сапедаи нур нимкушода бошад ва Бузурҷмеҳр рӯй ба хизмат ниҳад, мутанаккирвор бар вай зананд ва бе осебе, ки расонанд, ҷомаи ӯ бисitonанд.

Ҷокарон ба ҳукми фармон рафтанд ва он бозӣ дар пардаи торикии шаб ба Бузурҷмеҳр намуданд.

Ӯ бозгашт ва ҷомаи дигар бипӯшид. Чун ба ҳазрат омад, бар хилофи одат гузашта бегоҳтарак шуда буд.

Хусрав пурсид, ки мӯҷиби дер омадан чист?

Гуфт:

— Меомадам, дуздон бар ман афтоданд ва ҷомаи ман бибурданд. Ман ба тартиби ҷомаи дигар машғул шудам.

Хусрав гуфт:

— На ҳар рӯз насиҳати ту ин буд, ки **шабхез бош, то комраво бошӣ!»** Пас ин офат ба ту ҳам аз шабхезӣ расид?

Бузурҷмеҳр бар иртиҷол ҷавоб дод, ки шабхез дуздон буданд, ки пеш аз ман бархостанд, то коми ишон раво шуд.

Хусрав аз балоҳатгуфторӣ ва саводу ҳузурҷавобии ӯ хиҷил ва мулзам гашт.

Аз «Марзбонмома»

## ШАМЪЕ, КИ БА ХОНА РАВО АСТ, БА МАСҶИД ҲАРОМ АСТ

Бозоргоне назр кард барои рӯшнони масҷиде, ки дар ҳамсоягии ӯ аст, чиҳил шаб шамъ ҳадия бидиҳад. Ва ҳама шаб ходими масҷид ба сарои бозоргон мешитофт ва шамъи назриро мегирифт. Чиҳил шаб поён ёфт, вале ӯ ҳар шаб ба дари сарои вай мерафт ва ба исрори зиёд шамъи назриро мутолаба мекард.

Як шаб, ки бозоргон аз ибромн ходим ва имом ба сутӯх омада буд, ба василаи ходим ба имом паём дод:

— Дер замонест, ки муддати он шамъи харшаба ба сар омадааст. Аммо шамъи харшабаи дигаре дорам, ки агар он низ ба кор ояд, биёву биситон!

Ходим чун хабар ба имом боз гуфт, вай барошуфт ва посух фиристод:

— Эй хоча, моро маъзур дор, ки «шамъе, ки ба хона равост, ба масчид харом аст».

Аз «Достонхои амсол» I

## ЯК БОР ЧАСТӢ МАЛАХАК, ДУ БОР ЧАСТӢ МАЛАХАК, ОХИР БА ДАСТӢ МАЛАХАК!

Зани як одами факир ба хаммом рафт. Хаммомчизан ӯро ба хаммом рох надода гуфт:

— Имрӯз зани сарраммоли подшох ба хаммом даромадааст ва амр додааст, ки касеро ба хаммом рох надихам.

Факирзан аз ин харакати хаммомчизан маъюс шуда, ба хонааш баргашт ва дар хона бо шавхараш низоъ сар карда гуфт:

— Ё бояд раммолӣ карда, саррамоли подшох шавӣ ё маро талок дихӣ, ба ғайр аз ин рохи сеюме нест.

Факирмард дар холати душвор монда буд, ӯ фикр мекард: «Агар ин зан аз дастам баромада равад, мумкин аст, ки ман зани дигаре гирифта натавонам, агар «раммолӣ мекунам» гӯям, аз ин кор хабаре надорам, пас чӣ бояд кунам?...»

Факирмард бо хамин мулохизахо бо зани худ гуфт:

— Чорае ғайр аз ин нест, ки ман бояд ба хотири ту раммолӣ кунам, аммо ин корро хеч намедонам. Акнун худат рох нишон дех! Ман ба раммол шудан тайёрам.

Занак дар чавоби шавхараш гуфт:

— Хозир бархезу ба дарбори подшох рав ва арз кун, ки ман раммол мебошам. Хар чизе, ки подшох аз ту пурсад, мухлат гир. Ба хона биё ва ман чавобашро мегӯям, ту рафта ба подшох чавоб медихӣ!

Факирмард тарсону ларзон ва паси сар хор-хорон ба дарбори подшохӣ рафта арз кард, ки ман раммол мебошам ва ба хизмат тайёрам.

Иттифоко хамон рӯз як дона алмоси подшох гум шуда буд ва раммолхои дигар, хатто саррамол хам дуздро наёфта буд ва подшох ба як раммоли нав мӯхточ буд. Бинобар ин аризаи факирмард зуд кабул шуду ӯро подшох ба хузураш даровард, ёфта додани алмоси худро ба ӯ фармуд.

«Алмос?.. Ин чи бошад?...»—фикр кард факирмард. Подшоҳ аз андешаманд шуда истодани раммол пай бурд, ки ӯ чи будани алмосро хуб намедонад, бинобар ин эзоҳ дод.

—Алмос як чизи қиматбаҳост, ки барои зинат ба кор меравад. Хусусан алмоси ман аз ҷинси бисьёр аъло буд. Агар вайро ёфта диҳӣ, ҳаққи хизматат хароҷоти яксолаатро мебардорад.

Факирмард аз чизҳои зинатӣ танҳо «марҷон»-ро шунида буд, зеро зани ӯ ҳамеша «дигар занон марҷон доранду ман надорам, ба ман ҳам марҷон ёфта деҳ!»—гуфта ӯро танг мекард.

Ба ҳамин мулоҳиза ба подшоҳ гуфт:

—Медонам, медонам, марҷон аст. То фардо ёфта медиҳам.

Подшоҳ гуфт:

—Алмос аз марҷон басе қиматтар аст.

—Медонам, медонам, марҷон аст, марҷон хуб аст! —гӯён раммол сухани подшоҳро бурид.

Подшоҳ ба ин «нодон» дуру дароз гуфтугузор карда истоданро лозим надониста гуфт:

—Хуб, чизе ки бошад, вайро ёфта медиҳӣ ё не?

—Марҷон аст, то фардо мӯҳлат диҳед, ёфта медиҳам! Подшоҳ, бе он ки ба ёфт шудани алмосаш боварӣ дошта бошад, раммолро рухсат дод.

Раммол ба хонааш омада воқеаро ба занаш ҳикоят кард. Зану шӯй дар бораи фардо ба подшоҳ, чӣ ҷавоб додан дар маслиҳат буданд, ки дарвоза тақ-тақ шуд. Раммол дарро кушод. Як зани ҷавони соҳибҷамол, ки сару рӯяш бо зинатҳои шоҳона ороиш дода шуда буд, ба хона даромад ва раммолро ба гӯшае бурда ба вай гуфт:

—Ман ба шумо сад тиллои сурх медиҳам, ки фардо сирри маро дар пеши подшоҳ фош накунед, лекин барои дурӯғ набаровардани сухани имрӯзаи шумо ман алмосро ба мурғи марҷон мехӯронам. Шумо фардо ба подшоҳ гӯед, ки «алмосро мурғи марҷон хӯрдааст», подшоҳ мурғро мекушонад ва алмос аз даруни мурғ мебарояд, шумо аз подшоҳ ҳам ҳаққи хизмати дурусте меситонед.

Раммол, бе он ки ҳақиқати ҳолро донад, сад тиллои нақдро аз дасти занак гирифта, таклифи ӯро қабул карда ва хурсанд ҳам буд, ки аз ғайри чашмдошташ роҳи ёфта додани чизи гумшудаи подшоҳ ёфт шуд.

Воқеа ин тавр буд: Алмоси подшоҳро ҳамин зани соҳибҷамол, ки канизаки подшоҳ буд, Марҷон ном дошт, дуздида буд.

Вақте ки байни подшоҳ ва раммол сухан дар бораи алмос мерафт, ӯ аз пушти дар гӯш медод. Модоме ки калимаи марҷонро аз забони раммол шунид, яқин донист, ки ӯ

duздро ёфтааст ва ба чӣ мулоҳиза ки бошад, аз дасти ӯ ситонда додани вайро то фардо мавқуф гузоштааст.

Вақте ки раммол ба хонаи худ баргашт, канизак ҳам аз дунболи ӯ давида ва ба тарзе ки дар боло дидем, кори худро ислоҳ кард.

Фардои он рӯз раммол алмоси подшоҳро аз даруни мурги марҷон ёфта дод, соҳиби инъом шуд.

Баъд аз як ҳафтаи ин ҳодиса дуздон хазинаи подшоҳиро дуздиданд, тилло танга ва ҷавоҳири бисьёреро гирифта бурданд.

Подшоҳ ба раммоли наврас кас монда, ёфта додани чизҳои аз хазина гумшудаашро аз вай хоҳиш кард.

Раммол ба ҳоли душворе монда, «ҳар чӣ қадар дер шавад, ҳамон қадар беҳтар аст» гуён аз подшоҳ чил рӯз мӯҳлат гирифта, ба хонаи худ омад ва бо зани худ маслиҳат мекард, аммо ҳеҷ тадбире ба хотирашон намерасид, ки бо вай хазинаи гумшударо пайдо кунанд.

Раммол ба зани худ мегуфт:

— Баъд аз чил рӯз дурӯғ будани раммолии ман ба подшоҳ маълум хоҳад шуд, дар он вақт дур нест, ки подшоҳ ҳар чизеро, ки ба ман додааст, талаб карда гирад, ҳатто аҷаб нест, ки бинобар дурӯғгӯиям маро кушад.

Шаб шуд. Раммол ба занаш гуфт:

— Шаби дуюм расид, раммол бо оҳанги ғамгинона ба занаш гуфт:

— Акнун аз чил ду рафт...

Шаби сеюм расид, раммол гуфт:

— Аз чил се рафт...

Ба ҳамин тариқ, аз мӯҳлати чилрӯза 39 рӯз гузашт, раммол ба зани худ гуфт:

— Имрӯз 39 шуд, танҳо як монд, фардо чил пур мешавад, кор тамом, вассалом...

Дар ҳамин вақт аз бом касе ба рӯи ҳавлӣ фуромад. Занак фарьёд кашид:

— Дузд омад!

— Ман барои сулҳ омадаам, натарсед! — гуфт он каси аз бом фуроянда.

Раммол бо тарсу ларзи бисьёр каси аз бом фурояндаро пешвоз гирифта пурсид:

— Чӣ гуна сулҳ?

— Ман ба шумо як халта тилло оварда медиҳам. Аммо чизҳоеро, ки аз хазинаи подшоҳӣ дуздидаем, бе он ки як сӯзанашро кам кунем, бурда дар зери фалон ғор пинҳон мекунем. Шумо ба подшоҳ хабар диҳед, ки кас фиристода, чизҳои дуздидаашро кашонда гирад. Аммо шумо моро дастгир накунонед ва ба куштан надиҳед.

Раммол, бе он ки ҳақиқати ҳолро донад, ин «сулҳ»-ро

қабул кард. Он кас дар ҳамон нимшабӣ рафта, як халта тилло оварда, боз таъкид кард, ки сирри онҳоро фош накунад.

Асли воқеа ин гуна буд.

Чил нафар дузд хазинаи подшоҳиро дуздида буданд. Вақте ки подшоҳ кори онҳоро ба раммол дод, дар дили онҳо ваҳм афтод. Онҳо метарсиданд, ки мабодо раммол сирри онҳоро кушода, дастгирашон кунонад. Бо вуҷуди ин дуздон то 39 рӯз сабр карданд. Шаби 39-ум сардори дуздон барои аҳволфаҳмӣ ба боми раммол баромада, ӯро поид. Вақте ки аз даҳони раммол калимаҳои «имрӯз 39 шуд, танҳо як монд, фардо чил пур мешавад, кор тамом, вассалом»-ро шунид, ӯ гумон кард, ки «раммол чил нафар будани дуздонро ёфтааст, то ҳол ӯ ҳатто 39 нафари онҳоро муайян мекунад, ки кор тамом мешавад».

Сардори дуздон бо ин мулоҳиза бо раммол сулҳ карданро муносиб дид ва ба тартибе, ки дила гузаштем, дили раммолро ёфт.

Бо ҳамин ҳодисаи тасодуфӣ раммол молҳои хазинаи подшоҳро ҳам ёфта дод. Подшоҳ ба раммол гуфт:

— Акнун туро дар пеши худ як имтиҳони дигар мекунам, агар аз ин имтиҳон дуруст барои, туро саррамол таъин мекунам. Ҳозир барои ба он озмоиш тайёр шудани ман ту аз хона берун баромада исто!

Раммол аз пеши подшоҳ баромад. Подшоҳ хост, ки дар мушташ чизеро пинҳон кунад ва дар дили худ гуфт: «Агар ангуштарин ва ё монанди ин як чизи муқаррариро дар муштам пинҳон кунам, аҷаб нест, ки раммол бо қиёс ва гумон дарьёбад, бояд чизеро пинҳон кунам, ки ҳаргиз ба хотири касе нагузарад.

Подшоҳ дар бораи ин гуна як чиз фикр мекард, ки як малах аз равзан ба хона даромад. Подшоҳ хост, ки он малахро дошта пинҳон кунад. Ӯ ба ҳамин ният аз ҷояш хеста, ба малах чанг зад, аммо малах ба даст надаромад ва раҳоӣ ёфт. Дар мартабаи дуюми чанг задани подшоҳ ҳам малах ба даст надаромада халос шуд. Аммо дар мартабаи сеюм малах дар чанголи подшоҳ банд шуд, подшоҳ вайро дар мушти худ пинҳон карду раммолро пеши худ чеғ зада даровварда гуфт:

— Дарьёб, ки дар мушти ман чист?

Ба назари раммол охирин рӯзи хушбахтии худаш намоён шуда буд. Ӯ ҳаргиз намедонист, ки дар мушти подшоҳ чӣ чиз аст. Ба ин андеша муносиби ҳоли худ гуфт:

— **«Як бор ҷастӣ малахак, ду бор ҷастӣ малахак, охир ба дастӣ малахак»** — яъне раммол мехост ба худаш бигӯяд, ки «як бор иттифоқо алмосро аз мурғи марҷон ёфтӣ ва аз чанги подшоҳ ҷастӣ — роҳӣ ёфтӣ, дуюм бор дуздонро

ба тарзи тасодуфи ёфти, боз дастӣ — раҳоӣ ёфтӣ, акнун ин чизро наёфтию ба даст афтодӣ».

Аммо подшоҳ:

— Ёфтӣ, ёфтӣ! — гӯён мушташро кушод ва аз дасти ӯ малах парида рафт.

Подшоҳ мувофиқи ваъдаи худ раммолро сарромоли худ кард ва зани ӯ фардои он рӯз ҳаммом рафта, озодона даромад ва ба муроду мақсадаш расид.

Аз «Латифаҳои тоҷикӣ»

## ШУТУРЕ ДИДӢ, ПАЙДОСТ, КИ НАДИДАӢ!

Шахсе хост зиндагии қозиро айнан бубинад. Як рӯз дар хонаи қозӣ дар маҳалле пинҳон шуд. Қозӣ маъшуқаи худро ҳозир карду машғул ба муошақа шуд.

— Инак, мавқеи он расида, ки амири аҳмар ба фатҳи қалъаи байзо ҳуҷумовар шавад.

Шахсе, ки аз паси парда мутарассиди фурсат буд, қадре тааммул кард, то ногаҳон табли кӯчакро, ки ҳамроҳ оварда буд, сахт кӯбида, бонг барзад, ки ҷанг ва ҳамла бидуни таббол ва мусиқӣ маза надорад!

Қозӣ ва маъшуқа чун насими садои нобаҳангом шуниданд, мутаваҳҳим гардида, ба хаёли он ки ачина ва шаётин аст, бараҳна рӯ ба фирор гузоштанд.

Он шахс либосҳои ҳардуро ҷамъ карда, қотири қозиро, ки дами дар буд, савор шуда, ба манзили худ мурочиат кард.

Чанд рӯз баъд аз ин воқеа аҳолии шаҳр бо ниҳояти таъаҷҷуб он шахсро диданд, ки савори астари қозӣ шуда ва ридои қозӣ бар дӯш дорад. Пас ӯро таваққуф карда, назди қозӣ burданд.

Қозӣ пурсид:

— Либос ва қотирро чаро дуздидӣ? Чӣ вақт ин корро кардӣ?

Гуфт:

— Чанд рӯз қабл дар як ҷанги муҳимме ширкат доштам. Амири аҳмар мехост ба фатҳи қалъаи байзо пардозад. Иттифоқан муҳоҷимин шикаст хӯрда, фирор карданд ва банда ҳам ки таббол будам, инҳоро, ки дар майдони ҷанг рехтаву пошида буданд, бар сабаби ғанимат мутасарриф шудам.

Қозӣ фаҳмид, матлаб чист ва ӯро наздик талабида ба гӯшаш гуфт:

— Ғаноимро ба ту бахшидам. Аммо агар аз ту пурсанд: **«Шутуре дидӣ, пайдост, ки надидаӣ!»**.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

## ЯК БОМУ ДУ ҲАВО

Гуянд, пиразане писарею духтаре дошт. Писарро кадхудо кард ва духтарро ба шавҳар дод. Шабе дар айёми тобистон дар пушти бом хобида буданд. Пиразан бархост, ки аз писару духтар хабаре бигирад. Аз он ҷо, ки муҳаббати модарон ба духтарон бештар аст, аввал ба болини духтар рафт ва лиҳоф аз болои ӯ бардошт ва гуфт:

— Ҷони модар, ҳаво гарм аст, мулоҳиза дорам, ки озор бикашӣ ва баъд аз он лиҳофи писарро бар болои ӯ андохт ва гуфт:

— Ҷони модар, ҳаво сард аст, метарсам, сармо бухурӣ. Писар гуфт: Эй модар **«як бому ду ҳаво»**.

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

## ЯКЕ БАР САД ОЯД, НА САД БАР ЯКЕ

Шунидам, ки ринде чигартофта
Дурусте кӯҳан дошт навъёфта.
Шунид аз дабирони диворсанҷ,
Ки зар зар кашад дар ҷаҳон, ганҷ ганҷ.
Ба бозор шуд, то ба зар зар кашад,
Ба як мағриба мағрибӣ даркашад.
Ба дӯкони гавҳарфурӯшӣ расид,
Ки зар бештар з-он ба як ҷо надид.
Ба уммеди он ганҷ девор баст,
Барандохт динори худро зи даст.
Чу динораш аз даст парвоз кард,
Сӯи ганҷи сарроф сарбоз кард.
Фурӯ монд мард аз зар ангехтан
В-аз он як адад дар сад омехтан.
Ба зорӣ намуд аз паи зар хурӯш,
Бинолид дар марди гавҳарфурӯш,
Ки аз мулки дунё ба чандин дираиг
Дурусте зар оварда будам ба чанг.
Шунидам на аз зираке, з-аблаҳе,
Ки «зар зар кашад» чун баробар ниҳӣ.
Ба ганҷинаи ин дукон тохтам,
Зари худ баробар барандохтам.
Магар гардад он зар бад-ин рехта,
Худ ин зар бад-он зар шуд омехта.
Бихандид саррофи озодмард
В-аз омезиши зар бад-ӯ қисса кард,
Ки бисёр н-ояд бари андаке,
**«Яке бар сад ояд, на сад бар яке»**.

Низомии Ганҷавӣ

## ҚАДРИ ОФИЯТ КАСЕ ДОНАД, КИ БА МУСИБАТ ГИРИФТОР ОЯД

Подшоҳе бо ғуломе аҷамӣ дар киштӣ нишаст ва ғулом ҳаргиз дарьё надида буд ва меҳнати киштӣ наёзмуда, гиръяву зорӣ дарниҳод ва ларза бар андомаш уфтод. Чан-

дон ки мулотифат карданд, ором намегирифт ва айши малик аз ӯ мунағғас буд, чора надонистанд. Ҳакиме дар он киштӣ буд. Маликро гуфт:

— Агар фармон диҳӣ, ман ӯро ба тарике хомӯш гардонам.

Гуфт: Ғояти лутфу карам бошад.

Бифармуд, то ғуломро ба дарьё андохтанд. Боре чанд ғӯта хӯрд, мӯяш гирифтанду пеши киштӣ оварданд. Ба ду даст дар сукkони киштӣ овехт. Чун баромад, ба гӯшае бинишасту қарор ёфт.

Маликро аҷаб омад, пурсид:

— Дар ин чӣ ҳикмат буд?

Гуфт:

— Аз аввал меҳнати ғарқа шудан ночашида буд ва қадри саломатии киштӣ намедонист. Ҳамчунон **«Қадри офият касе донад, ки ба мусибате гирифтор ояд».**

Саъдии Шерозӣ

## ҲАМА ЧИЗ ҲАМГИНОН ДОНАНД ВА ҲАМГИНОН ҲАНӮЗ АЗ МОДАР НАЗОДААНД

Шунидаам, ки ба рӯзгори Хусрав дар вақти вазорати Бузурҷмеҳри ҳаким расуле омад аз Рум. Кисро бинишаст, чунон ки расми мулуки аҷам буд ва расулро бор дод ва подшоҳро бо расул борнома мебоист, ки кунад ба Бузурҷмеҳр, яъне ки маро чунин вазирест. Пеши расул бо Бузурҷмеҳр гуфт:

— Эй фалон, ҳама чиз, ки дар олам аст, ту донӣ?

Ва хост, ки ӯ гуяд: «Донам».

Бузурҷмеҳр гуфт:

— На, эй худойгон.

Хусрав аз он тира шуду аз расул хиҷил шуд.

Пурсид, ки ҳама чиз кӣ донад?

Гуфт:

—**«Ҳама чиз ҳамгинон донанд ва ҳамгинон ҳанӯз аз модар назодаанд».**

Аз «Қобуснома»

## ҲАР БАҲОРЕРО ХАЗОНЕ ВА ҲАР РОҲЕРО ПОЁНЕ БОШАД

Овардаанд, ки дар боғе булбуле бар шохи дарахте ошьёнае дошт ва дар чаману боғ бо овози худ ғарра буд. Чун фасли баҳор рафту хазон даромад, булбул дар боғ омад, на ранги гул диду на бӯи сунбул шунид ва аз бенавоӣ аз наво фуру монд. Булбули гурусна ба дарьюза пеши мӯр рафту гуфт:

— Чӣ шавад, агар имрӯз кароматт кунӣ, ки аз гуруснагӣ мемирам?

Мур гуфт:

— **Намедонистӣ, ки «ҳар баҳореро хазоне ва ҳар роҳеро поёне бошад».**

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## ҲАР КАСЕРО БАҲРИ КОРЕ СОХТАНД, МЕҲРИ ӮРО БАР ДИЛАШ АНДОХТАНД

... Ёқут ва Ҳиндухоча ҳар ду бародарон буданд, ки халифа Муътасимбиллоҳ ишонро харида, Ёқутро ба тир андохтан ва Ҳиндухочаро ба хат навиштан супурда буд. Аммо Ёқутро майл ба хат навиштан буд ва Ҳиндухочаро завқи тир андохтан. Ёқут ҳамвора тирҳои худро қалам сохтӣ ва ба хат навиштан пардохтӣ ва Ҳиндухоча давоту қаламро бар тоқи нисьён ниҳодӣ ва ҳар чӣ ба дасташ афтод, ба тир ва камон додӣ:

Ҳинду надидаам, ки чу туркони ҷангҷӯй,
Ҳар-ч овлаш ба даст, ба тиру камон диҳад.

Аммо Ёқутро устодаш лати бисьёр карда, сари ӯро шикаста, дар хона андохт ва дари он хонаро чун ба дурҷи ёқут муқаффал сохт.

Ёқут дид, ки ёқути ноб аз сарчашмаи сари ӯ ба рӯяш медавад ва котиби қазо ҷадовили шангарф бар сафҳаи рухсори ӯ мекашад, аз зоеъ шудани он хун ва талаф гаштани явқоти ҳумоюнаш ҳайф меомад, ангушти худро килксифат дар он хун зада, деворҳои хонаро ба хати шанҷарф ба масобаи катиба муноққаш мегардонид. Чун устодаш омад ва он ҳолатро мушоҳида кард, рост монанди қалам хунаш ба сар давид ва ашки ҳасрат бар чеҳра афшонд ва мисли давот даҳонаш аз ғояти таааҷҷуб боз монд.

Ҳиндухочаро низ устодаш маҳбус гардонид ва давоту қалам пеши ӯ ниҳода, тиру камонро ситонид.

Овардаанд, ки шохчаи чӯби таре пеши вай афтода буд, онро камонсифат хам гардонида, ба абрешиме барбаст ва қаламҳои худро тири он сохта, ба тирандозӣ машғул мебуд.

Устодаш даромад ва онро бидид, монанди камон гиреҳи ҳайрат бар гӯшаи абрӯ зада, чун тири аз камон ҷаста рӯй ба даргоҳи халифа овард ва дар роҳ ба устоди Ёқуташ иттифоқи мулоқот афтод.

Ҳар кадом воқеаи шогирди худро баён карданду гуфтанд, ки ин қазия воҷибуларз аст, халифаро бар ин маънӣ иттилоъ додан лозим ва фарз. Алқисса, рафтанду ҳолат ва воқеатро машрӯҳ ба масомеи ҷалол расониданд.

Халифа бисьёр тааҷҷуб намуда фармуд, ки шогирдонро истибдол фармоянд ва дар тарбияти ишон тариқи эҳтимому истеъҷол паймоянд:

«Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,
Меҳри ӯро бар дилаш андохтанд...»

Зайниддини Восифӣ

## ҲАР КӢ АВВАЛБИН БУВАД, АЪМО БУВАД, ҲАР КӢ ОХИРБИН, ЧӢ БОМАЪНО БУВАД.

Он яке омад ба пеши заргаре,
Ки тарозу деҳ, ки барсанҷам заре.
Гуфт: Рав, хоҷа, маро ғирбол нест,
Гуфт: Мизон деҳ, бар ин тасхар маист.
Гуфт: Ҷорӯбе надорам дар дӯкон.
Гуфт: Бас, бас, ин мазоҳикро бимон!
Ман тарозуе ҳамехоҳам, бидеҳ,
Хештанро кар макун, ҳар сӯ маҷеҳ!
Гуфт: Бишнидам сухан, кар нестам,
То напиндорӣ, ки бемаънистам.
Ин шунидам, лек пирӣ муртаиш,
Даст ларзон, ҷисми ту номунтаиш.
Фаҳм кардам, лек пири нотавон,
Дастат аз заъф аст ларзон ҳар замон.
В-он зари ту ҳам куроза хӯрду мурд,
Даст ларзон, пас, бирезад зарри хурд.
Пас, бигу: Эй-хоҷа, ҷорӯбе биёр,
То биҷӯям зарри худро дар ғубор.
Чун бирӯбӣ, хокро ҷамъ оварӣ,
Гӯиям: (—) Ғирбол хоҳам, эй харӣ.
Ман зи аввал дидам охирро тамом,
Ҷои дигар рав аз ин ҷо, вассалом!
«Ҳар кӣ аввалбин бувад, аъмо бувад,
Ҳар кӣ охирбин, чӣ бомаъно бувад».
Ҳар кӣ аввал бингарад пойни кор,
Андар охир ӯ нагардад шармсор.

Ҷалолиддини Румӣ

## ҲАР КӢ НОН АЗ АМАЛИ ХЕШ ХӮРАД, МИННАТ АЗ ҲОТАМИ ТОЙ НАБАРАД

Ҳотами Тойро гуфтанд: Аз худ бузургҳимматтар дар ҷаҳон дидаӣ ё шунидаӣ?

Гуфт:

— Бале. Рӯзе чиҳил шутур қурбон карда будам умарои арабро, пас ба гӯшаи саҳрое ба ҳоҷате бурун рафта будам. Хоркашеро дидам, пуштае фароҳам оварда. Гуфтамаш:

— Ба меҳмонии Ҳотам чаро нараваӣ, ки халқе бар симоти ӯ гирд омадаанд?

Гуфт:

— «Ҳар кӣ нон аз амали хеш хӯрад,
Миннат аз Ҳотами Той набарад».

Пас инсоф додаму ӯро ба ҳиммату ҷавонмардӣ аз худ бартар дидам.

Саъдии Шерозӣ

## ҲАР КОР, КИ ИВАЗ ДОРАД, ГИЛА НАДОРАД

Шахсе ба манзили дӯсти худ рафт. Чун вакти сарфи ғизо расид, соҳибхона косае шир назди ӯ ниҳоду гуфт:

— Майл фармоед, ки мост, панир, равған, қара, кашк, қоро, саршир ва ғайра аз шир аст!

Меҳмон бихӯрду дам назад ва рафт ва барои талофи соҳибхонаро ба манзили худ даъват кард. Ва чун мавқеи хӯрдани хӯрок шуд, як шохаи мав назди вай гузошту гуфт:

— Тановул фармоед, ки дӯшоб, ҳалво, шираву кишмиш ва ғайра аз ҳамин шох ба амал меояд.

Ин акс-ул-амал меҳмонро хуш наёмада, қаҳр карду аз хона берун рафт. Ва пас аз чанд рӯзи дигар, ки дар кӯчае ба ҳам расиданд, мизбон, ки меҳмони худро бар сари ҷараёни мазкур дилхӯру ранҷидахотир дид, барои рафъи кудурут боби суханро боз кард ва меҳмон низ гила оғоз намуд.

Мизбон гуфт: Эй рафиқ, ин кори ман ивази он коре буд, ки ту кардӣ «**Ҳар кор, ки иваз дорад, гила надорад**».

Аз «Достонҳои амсол» II

## ҲАРФИ ҲИСОБӢ ҶАВОБ НАДОРАД

Зани шахсе пас аз се моҳ таъҳил зоид. Шавҳар ба ӯ гуфт:

— Мегӯянд, занҳо боястӣ нӯҳ моҳ бачаро дар шикам нигоҳ доранд, ту чӣ тавр семоҳа зоидай?

Зан гуфт:

— Аҷаб! Маълум мешавад, ту абадан аз ҳисоб саррииштае надорӣ! Магар се моҳ нест, ки ту маро гирифтаӣ?

Шавҳар гуфт:

— Чаро?

Гуфт:

— Бисёр хуб: се моҳ ҳам ҳаст, ки ман зани ту шудаам, ин шаш моҳ, се моҳ ҳам бачаро дар шикам доштаам, ин нӯҳ моҳ. Ҳоло агар ба ин ҷавоби ман, ки аз рӯи ҳисоб аст, ҷавобе дорӣ, бигӯ?

Шавҳар гуфт:

— **«Ҳарфе, ки аз рӯи ҳисоб аст, ҷавоб надорад»**.

Аз «Достонҳои амсол» II

## ҲАР ЧӢ БА ДИЛ ФУРУД ОЯД, ДАР ДИДА НИКӮ НАМОЯД

Ҳасани Маймандиро гуфтанд:

Султон Маҳмуд чандин бандаи соҳибҷамол дорад, ки ҳар яке бадеи ҷаҳонеанд, чӣ гуна афтодааст, ки бо ҳеч як

аз ишои майлу муҳаббате надорад, чунон ки бо Аёз, ки ҳусни зиёдатӣ надорад?

— Гуфт:

— «Ҳар чӣ ба дил фурӯд ояд, дар дида никӯ намояд»...

Касе ба дидаи инкор агар нигоҳ кунад,
Нишонаи сурати Юсуф диҳад ба нохубӣ.
В-агар ба чашми иродат нигаҳ кунӣ дар дев,
Фариштаат бинамояд ба чашм каррӯбӣ.

Саъдии Шерозӣ

## ҲАР ЧӢ ХОР ОЯД, РӮЗЕ БА КОР ОЯД

Рӯзе деҳқони пире бо писар аз деҳ ба тарафи шаҳр мерафтанд. Дар байни роҳ падар поранаъле дид, ба писар гуфт:

— Фарзандҷон, инро бигир!

Писар гуфт:

— Эй падар, чунин порнаъли муҳаккар моро ба чӣ кор ояд?

Падар дар ҷавоби писар ҳеҷ нагуфт ва порнаълро худ бардошт ва дар ҷайб гузошт. Вақте ба шаҳр расиданд ва кори худро анҷом доданд, пири хирадманд порнаълро ба мевафурӯш дод ва миқдоре гелос дар муқобили он харид ва дар ҷайби худ рехт. Ҳамин ки падару писар ба тарафи деҳ бозгаштанд, дар байни роҳ бар асари тобиши сӯзони нури офтоб ташнагӣ бар писар ғалаба ёфт, ба падар шикоят кард. Падар донаҳои гелосро тадриҷан ба ӯ дод, хӯрд ва рафъи аташаш гардида, дар поён ба падар гуфт:

— Ростӣ, агар ин гелосҳо набуд, аз ташнагӣ мемурдам.

Падар гуфт:

— Фарзанд, медонӣ, ки инҳоро аз чӣ маҳал харидам?

Гуфт:

— На.

Гуфт:

— Аз маҳали қимати ҳамон наълпорае, ки ту онро қобили бардоштан надонистӣ ва наяндешидӣ, ки **«ҳар чӣ хор ояд, рӯзе ба кор ояд»**.

Аз «Достонҳои амсол» I

## ҲЕҶ АРЗОНЕ БЕ ИЛЛАТ НЕСТ ВА ҲЕҶ ГАРОНЕ БЕ САБАБ

Гӯянд, арбобе ду нафар навкар дошт, ки ба як нафар моҳе панҷоҳ тумну ба дигаре моҳе як сад туман ҳуқуқ медод.

Рӯзе он, ки панҷоҳ туман мегирифт, аз арбоби худ пурсид:

— Иллати ин ки ба ман моҳе панҷоҳ туман ҳуқуқ меди-

хӣ, дар сурате ки корам ва заҳматам ба маротиб беш аз ҳамкорорам ҳаст ва ба ӯ бо он ки хеле камтар аз ман заҳмат мекашад, як сад туман мепардозӣ, чист ва ин табъизи нораво, ки худо ҳам намеписандад, ту чаро бар хилофи инсоф меписандӣ?

Иттифоқан дар ҳамин ҳине, ки навкар аз арбоб пурсиши гиламезро мекард, садои занги корвон аз пушти хона бархост. Арбоб ба ӯ гуфт:

— Ту аввал бубин, ин чӣ садоест ва бозгард, то ман иллати ин амали худро ба ту бозгӯям.

Навкар рафту бозгашт ва гуфт:

— Қофилаест убур мекунад ва ин садои занги шутурони он аст.

Арбоб гуфт:

—Бисьёр хуб, ин посухи ту буд, ҳоло ҳамкоратро ҳам мефиристам, то бубинам, ӯ чӣ ҷавоб меоварад ва ӯро садо зад ва гуфт:

— Бирав дар хиёбон, бубин ин садои занг аз чист?

Навкар рафт ва бозгашту гуфт:

— Корвонест дар ҳоли убур, дорои яксад нафар шутур ва сию панҷ раъс қотир, ки бори онҳо қумош ва магзи бодом аст ва аз Исфаҳон бор гирифта, ба тарафи Шероз меравад.

Арбоб рӯ ба навкари муътариз намуд ва гуфт:

— Бубин, гузориши тӯ ба гузориши ӯ аз ҳайси диққат дар амри таҳқиқ чӣ тафовути фоҳише дорад. Ба ҳамин нисбат низ мизони ҳуқуқи ту бо ҳуқуқи ӯ тафовут хоҳад дошт ва гаронии ҳуқуқи ӯ бе сабаб ва арзонии ҳуқуқи ту бе иллат нест.

Аз «Достонҳои амсол» I

## ҶИЛАВИ ДАРЬЕРО МЕШАВАД БАСТ, АММО ДАРИ ДАҲАНИ МАРДУМРО НАМЕТАВОН БАСТ

...Рӯзе Луқмони Ҳаким бо писари худ равонаи манзиле шуд. Фарзанд савору падар пиёда ба дунболи ӯ равон шуд. Масофате, ки тай карданд, ба ҷамоате расиданд. Вақте он ҷамоат ишонро бад-он ҳолат диданд, рӯ ба писари Луқмон карда гуфтанд:

— Эй писари беадаб, падари пири заифу нотавони ту пиёда меравад ва ту ҷавони кавию тавоно савор шудаӣ? Эҳтирому кӯмак ба падар ҳамин тавр аст?

Писар пиёда ва падар савор раҳсипор шуданд. Миқдоре дигар аз роҳ, ки тай намуданд, расиданд ба гурӯҳи дигар. Онҳо вақте ишонро бад-он ҳол диданд, падарро мухотаб сохта гуфтанд:

— Эй пирамарди танпарвар, оё вазифаи падар ҳамин аст,

ки писари ҷавони заҳматнадида ва ранҷнакашидаро пиёда ба дунболи худ медавонӣ ва худ савор шудаӣ? Ин аст тарики фарзанддорӣ ва парваришу нигаҳдории авлод?!

Луқмон аз ҳимор ба зер омада ва онро ҷилав андохта ва худу фарзанд дар ақиби он равон шуданд.

Қадре ки роҳ рафтанд, ба ҷамъе расиданд ва он мардум вақте онҳоро бад-он тартиб мушоҳида намуданд, гуфтанд:

— Аҷаб мардуми нодону бешууре ҳастед, ки хари бебор дар ҷилаватон меравад ва худатон пиёда меравед!

Ҳар ду савор шуданд ва қадре ки роҳ рафтанд, расиданд ба лаби дарьёе, ки ҷилави онро сад баста буданд. Ҷамъе дар он ҷо буданд, вақте ишонро бад-он сурат диданд, гуфтанд:

— Магар худо раҳм дар дили шумо наёфарида? «Раҳм хуб аст, агар дар дили кофар бошад», шумо ду нафар бар як ҳайвони забонбаста савор шудаед. Магар инсофу мурувват надоред?

Ҳар ду аз дарозгуш пиёда шуданд ва чанд қадам аз он мардум, ки дур шуданд, Луқмон гуфт:

— Эй фарзанд, ҳоло фаҳмидӣ, ки ҳар андоза ба майлу дилхоҳи халқ рафтор кунӣ, боз наметавон ризояти онҳоро ба даст оварад ва ҷилави интиқодоти ишонро гирифт ва сипас, ишора ба тарафи дарьё кард ва гуфт:

— Эй фарзанд, **«Ҷилави дарьёро метавон баст, аммо дари даҳани мардумро наметавон баст».**

Аз «Достонҳои амсол» II

## ҶУЗ БА ХИРАДМАНД МАФАРМО АМАЛ, ГАРЧИ АМАЛ КОРИ ХИРАДМАНД НЕСТ

Султон Санҷарро пурсиданд, дар он вақт ки ба дасти ғузон гирифтор шуда буд, ки чӣ буд, ки мулке ба-дин вусъату оростагӣ, ки туро буд, чунин мухтал шуд?

Гуфт:

— Корҳои бузург ба мардуми хурд фармудам ва корҳои хурд ба мардуми бузург руҷӯъ кардам, ки мардуми хурд корҳои бузургро натавонистанд кард ва мардуми бузург аз корҳои хурд ор доштанд ва дар пай нарафтанд. Ҳар ду кор табоҳ шуд ва нуқсон ба мулк расид ва кори вилояту лашкар рӯй ба фасод оварад.

«Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд нест»

Аз «Тазкират-уш-шуаро»-и
Давлатшоҳи Самарқандӣ

## ЧӮЯНДА ЁБАНДА АСТ

Овардаанд, ки дар билоди Яман ҳакиме буд, ки ӯро фазлу дониш дар камол буд ва ба ҳамаи улум ороста. Ва бо худ шарт карда буд, ки зане ба ақди худ оварад, ки дар камол мисли худаш бошад. Ҳарчанд саъй кард, наёфт. То рӯзе дар сафар бо шахсе рафиқ шуд ва он мард араб буд. Ҳаким гуфт:

— Эй аъробӣ, «агар рафиқи шафиқӣ, дурустпаймон бош!» Он мард гуфт:

— Чӣ бояд кард?

Гуфт:

— Нардбоне ба роҳ бияндозем, то тайи роҳ шавад. Араб гуфт:

— Эй аҷам, нардбон дар ин роҳ аз куҷо ба ҳам расонем? Ҳаким донист, ки он мард маҷҳул аст. Пас порае роҳ рафтанд, ки ҳаким гуфт:

— Эй бародар, аввал ту бар ман менишинӣ ё ман бар ту нишинам?

Он мард гуфт:

— Эй азиз, ман бори аммомаи туро натавонам кашид, ту низ чӣ гуна метавонӣ ҷуссаи маро кашид?

Чун ҳаким боз ҷавоби номуносиб шунид, хомӯш шуд. Чун порае роҳ бирафтанд, ба киштзоре расиданд сабзу хуррам. Ҳаким гуфт:

— Оё ин зироатро хӯрдаанд ё хоҳанд хӯрд?

Араб гуфт:

— Эй аҷам, ту аҷаб марди нодон будаӣ! Ин зироат ҳанӯз хӯша набастааст ва дона накардааст, ту мепурсӣ ин зироатро хӯрдаанд ё хоҳанд хӯрд.

Ҳаким донист, ки марди аблаҳест ва хир аз бир фарқ накардааст. Дигар ҳарф назад, то ин ки рӯзи дигар ба қабилае расиданд, ки марде фавт шуда буд. Ишон ба намози ҷаноза ҳозир шуданд. Баъд аз ин намоз ҳаким гуфт, ки оё ин мурда бошад ё зинда?

Он араб гуфт:

— Ҳеҷ кас чунин номаъқул намегӯяд. Эй аҷам, ҳамчун девонагон сухан мегӯӣ. Ман тоқати он надорам, ки ин ҳарфҳоро бишунавам. Магар ту ақл надорӣ, ки мурдаро мебаранд, ки дар хок дафн мекунанд, ту мепурсӣ, ки мурдааст ё зинда.

Ҳаким табассуме карду хомӯш шуд, то он ки ба маконе расиданд. Ҳаким чун ғариб буд ва роҳ ба ҷое надошт, он араб ба хона бурда меҳмон кард.

Он араб духтаре дошт чун моҳи тобон ва хуршеди дурахшон дар ғояти латофату камоли фиросату маърифат. Ва одати духтар он буд, ки ҳар вақт падараш аз сафар

меомад, мепурсид, ки дар ин сафар бо кӣ рафиқ будӣ ва чӣ дидӣ.

Ба тариқи одат аз падар пурсид. Он араб гуфт:

— Эй фарзанд, дар ин сафар маҷҳуле ҳамроҳи ман буд, ки ҳаргиз надида будам, чун девонагон сухан мекард ва маро ба ҷон оварда буд.

Духтар пурсид, ки чӣ гуфтугӯ мекард?

Аъробӣ аз аввал то ба охир нақл кард. Баъд аз он гуфт:

— Эй духтар, «ҷавоби аблаҳон — хомӯшӣ» буд, ҷавобаш нагуфтам ва чун ӯ ғариб буд, ӯро ба хона овардам.

Он духтар гуфт:

— Эй падар, ӯ маҷҳул нест, ту нафаҳмидаӣ. Аз саволҳои ӯ маълум аст, ки ӯ марди фозилу донишманд мебошад ва ту қадри ӯ надонистаӣ. Ӯ хоста туро биёзмояд.

Пас духтар гуфт:

— «Ҳамнишин аз мардуми доно гузин!» Алҳол ин зарбулмасал шуда. Аввал он, ки гуфт «пардбоне ба роҳ биандозем», ин масал машҳур аст, яъне ҳаклу ҳикояте дар миён оварем ва ба сухан машғул шавем, то зуд қатъи роҳ шавад ва ин ки гуфтааст, ки «ту бар ман нишинӣ ё ман бар ту нишинам», яъне аввал ман ба сухан шурӯъ кунам ё ту шурӯъ мекунӣ, ва ин ки гуфта «ҳосили ин зироатро хӯрдаанд ё хоҳанд хӯрд» ишора ба он аст, ки оё соҳиби ин зироат қарз надорад ё парешон бошад, ки танҳоҳи қарз диҳад ва ин ки пурсида, ки «ин мард мурда бошад ё зинда», яъне аз ин мард фарзанд монда бошад ё китобе тасниф карда бошад, ё масоҷиду мадорис ва работ сохта, ё на? Яке аз инҳо ба вуҷуд оварда? Пас, зинда хоҳад буд, ки пас аз марг номашро ба некӣ баранд, ё ин ки аблаҳу нодон ва дуньёпараст буда, ки номаш дар миён гӯё нашавад. Эй падар, ту ғалат кардӣ. Ба хидмати он мард бирав! Ва узр бихоҳ ва тафсири сухани ӯ бикун, то ҳамл бар ҳамоқату сафоҳати ту накунад, ки хидмати уламоро кардан хуб аст ва лаҳзае суханони ишонро ғанимат бояд шумурд.

Пас падари духтар ба хидмати ҳаким рафт ва аз ӯ узрҳо хост ва тафсири суханони ӯ карду гуфт:

— Дар роҳ хотири ман мушавваш буд, акнун ҷавоби ҳарфҳои туро гуфтам, то бидонӣ, ки бар маонии он иттилоъ доштам. Ҳаким гуфт:

— Ин ҷавобҳо аз ту нест, рост бигӯ, ки аз кӣ омухтаӣ? Пас илҳоҳ кард. Он мард гуфт:

— Духтаре дорам дар ниҳояти фасоҳату балоғат, ки бар мардони рӯзгор механдад ва алломаи ин замонаро дар паллаи киёсат ҳеҷ намешуморад, ӯ маро таълим намуд.

Чун ҳаким ин суханонро бишунид, бағоят хушҳол шуд, он гоҳ аз падари духтар иҷозат хост, то духтарро мулоқот кунад. Падар иҷозат дод. Ҳаким бо духтар такаллум намуд

ва ҳамаи одоби ӯро писандид ва аз тарафайн рағбат шуд. Ҳаким ӯро аз падараш хостгорӣ намуд. Падараш низ розӣ шуда. Духтарро ба ақди худ даровард ва бо ҳам хуш баромада. Ҳаким шукри илоҳӣ ба ҷой оварда гуфт:

— Солҳо дар талаби чунин зане будам ва мавқуф ба ин вақт буд, ки гуфтаанд: **«Ҷӯянда ёбанда аст».**

Духтар гуфт:

— Оре чунин аст.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

## НОМГӮИ МАЪХАЗҲОИ ИСТИФОДАШУДА


I

АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ (тав. 1414, ваф. 1492) 1. **«Асарҳои мунтахаб»** (дар панҷ ҷилд), Душанбе, 1962; 2. **«Баҳористон»**, Душанбе, 1966.

АБДУЛҲАМИДИ МУНШӢ (тав. ва ваф. маълум нест). **«Калила ва Димна»** (таълифаш 1143/44). Теҳрон.

ВОИЗИ КОШИФӢ (ваф. 1503/04). **«Анвори Суҳайлӣ ё Калила ва Димна»** (таълифаш 1501/02). Чопи сангии Нувал Кишур.

ЗАЙНИДДИНИ ВОСИФӢ (тав. 1485, ваф. 1566/67) **«Бадоеъ-ул-вақоеъ»**, ч. 1—2, М., 1961.

КАЙКОВУС (тав. 1022/23, ваф. 1098/99) 1. **«Насиҳатнома»**. Теҳрон, 1933; 2. **«Насиҳатнома»**. Душанбе, 1968.

КАМОЛИДДИНИ БИНОӢ (тав. 1453, ваф. 1512) «Биноӣ», Абдулғанӣ Мирзоев, Н. Д. Т., Сталинобод, 1957.

МАРЗБОН б. РУСТАМ б. ШЕРВОН «МАРЗБОННОМА» (тахминан солҳои 1210 ва 1225 аз забони арабӣ тарҷима шудааст). Теҳрон, 1908.

МУҲАММАДАЛИИ ҲАБЛРУДӢ 1. **«Ҷомеъ-ут-тамсил»**, чопи сангӣ, Табриз, 1877/78; 2. **«Маҷмӯъ-ул-амсол»**. Теҳрон, 1965.

НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ (тав. 1141, ваф. 1209) **«Куллиёти хамсаи Ҳаким. Низомии Ганҷавӣ»** («Махзан-ул-асрор», «Хисрав ва Ширин», **«Лайлӣ ва Маҷнун»**, **«Хафт пайкар»** ва «Искандарнома»). Теҳрон, 1962.

НИЗОМУЛМУЛК (тав. тахминан 1016, ваф. 1092/93). **«Сиёсатнома»** (таълифаш 1092), Порис, 1891.

НОСИРИ ХИСРАВ (тав. 1003/4, ваф. 1068) **«Девони ашъор»**. Теҳрон, 1965.

САЪДИИ ШЕРОЗӢ (тав. 1207, ваф. 1292) 1. **«Мунтахаби куллиёт»**. Сталинобод, 1956; 2. **«Куллиёти Саъдӣ»**. Теҳрон, 1961.

УБАЙДИ ЗОКОНӢ (тав. 1270/71, ваф. 1370) **«Куллиёти Убайди Зоконӣ»**. Теҳрон, 1955.

ФАРИДАДДИНИ АТТОР (тав. 537 ҳ.— 1142/1143, ваф. 629 ҳ.— 1221 м.). **«Девони қасоид ва ғазалиёт»**. Теҳрон, 1319.

ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ (тав. 1207, ваф. 1273/74) **«Маснавии Маънавӣ»**, Теҳрон, 1957.

II

**«Баҳори аҷам» Тек-Чанди Баҳар** (соли 1739/40 ба итмом расонида аст). Чопи сангии Навал Кишур, 1894.

**«Латифаҳои тоҷикӣ»**. Ҷамъкунанда А. П. Деҳотӣ, Душанбе, 1954.

**«Маҷмуаи латоиф»** (Гулчини латоифи манзум мансуб ба бузургтарини шуаро ва нависандагон ва латифасароёни форсзабонони баъд аз ислом то авохири аҳди коҷор). Гирдоваранда Аҳмади Суруш. Теҳрон, 1955.

**«Тазкират-уш-шуаро»** Амир Давлатшоҳи Самарқандӣ (тав. 1437, ваф. 1491). Теҳрон, 1958.

## МУНДАРИЧА

Сарсухан . . . . . . . . . . . . . . 3
Чанд сухан оид ба пайдоиш, ташаккул ва инкишофи жанри тамсил дар адабиёти классикии форсу тоҷик . . . . . . . 17
Тамсилҳо дар «Калила ва Димна» ва «Анвори Суҳайлӣ» . . . 35
Аввал намоз, баъд аз он ниёз . . . . . . . . . 40
Аввал рафиқ, охир тариқ . . . . . . . . . 41
Аввал таом, баъд аз он калом . . . . . . . . . 44

Агар бинӣ, ки нобинову чоҳ аст
Агар хомӯш бинишинӣ гуноҳ аст . . . . . . 45

Агар дуои атфол мустаҷоб будӣ, як муаллим дар ҳама олам зинда намондӣ . . . . . . . . . . . . —
Агар рафтӣ, бурдӣ в-агар хуфтӣ, мурдӣ . . . . . . —
«Агар»-ро бо «Магар» тазвиҷ карданд, аз ипон бачае шуд «кошкӣ» ном . . . . . . . . . . . . . 46

Агар тӯтӣ забон мебаст дар ком,
На худро дар қафас дидӣ, на дар дом! . . . . . 47

Аз ин сутун то он сутун фараҷ аст . . . . . . . 49
Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст . . . . . . 50
Амонатро нашояд хиёнат кард . . . . . . . . 55
Ангушт-ангушт мабар, то хик-хик нарезӣ . . . . . . 56
Ангушт намак аст, харвор ҳам намак аст . . . . . . 58

Андак-андак бо ҳам шавад бисёр,
Дона-дона-ст ғалла дар анбор . . . . . . . 59

Ба дӯстӣ дӯсте меканад пӯсте . . . . . . . . —
Барканда беҳ он риш, ки дар дасти занон аст . . . . . 60
Бародарон ҷанг кунанд, душманон бовар кунанд . . . . 61
Барои иҳодан чӣ сангу чӣ зар . . . . . . . . 62

Ба сиҳдил чӣ суд гуфтани ваъз,
Наравад мехи оҳанин дар санг . . . . . . . —

Ба сухан аблаҳ мегиранд, аммо раҳо намекунанд . . . . . 63

Бе пир марав ту дар харобот,
Ҳарчанд Сикандари Замонӣ . . . . . . . . 64

Бӯрьёбоф агарчи бофандаст,
Набарандаш ба коргоҳи ҳарир . . . . . . . 65

Гоҳ бошад, ки кӯдаки нодон,
Ба ғалат бар ҳадаф занад тире . . . . . . . 66

Гуноҳи бача ба гардани ота . . . . . . . . —
Гурусна имон надорад . . . . . . . . . . 67
Дар кори хайр ҳоҷати истихора нест . . . . . . . —

Дастбурида қадри дастбуридаро медонад . . . . —
Дигарон киштанд, мо хӯрдем, мо мекорем, то дигарон бихӯранд 68
Дуздро қароқчӣ задааст. . . . . . . . . 69
Дуредгарӣ кори бӯзина нест. . . . . . . . 69
Дурӯғи маслиҳатомез беҳ, ки рости фитнаангез. . . . 70
Духтари дӯшизаро шӯи дӯшиза бояд бувад. . . . —

Душмани доно, ки ғами ҷон бувад,
Беҳтар аз он дӯст, ки нодон бувад . . . . . 71

Душманро хор нашояд дошт, агарчи ҳақир душмане бувад. . 74

Душман чу ба даст омаду мағлуби ту шуд,
Ҳукми хирад он аст, ки амонаш надиҳӣ. . . . 75

Забони сурх сари сабз медиҳад барбод. . . . . . 79
Зани ҷавонро агар тире дар паҳлӯ нишинад, беҳ, ки пире. . 81
Зар зарро меорад. . . . . . . . . . . 82
Захми забон бадтар аз захми шамшер. . . . . . 83
Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост. . . . . —
Имрӯз — нақд, фардо — насья. . . . . . . 84
Иштибоҳ дар санад нест, дар кӯзаи асал аст. . . . . —

Калоғ хост мисли кабк роҳ биравад,
Роҳ рафтани худаш ҳам аз ёдаш рафт. . . . . 85

Кас нагӯяд, ки дӯғи ман турш аст. . . . . . . —
Кор аз маҳкамкорӣ айб намекунад. . . . . . . 86

Косаи чинӣ, ки садо мекунад,
Худ сифати хеш адо мекунад. . . . . . . . —

Кӣ мегӯяд, ки асби доруға ҷав намехӯрад? . . . . 87
Лаззати ёфтан аз ёфта беҳ! . . . . . . . —
Макри зан иблис дид, бар замин бинӣ кашид. . . . —

Мискин харак орзӯи дум кард,
Ноёфта дум, ду гӯш гум кард. . . . . . . 92

Мори бад беҳ аз ёри бад. . . . . . . . . —
Мурдан ба иллат беҳ аз зиндагонӣ ба мазаллат. . . . 93

На ба мансаб бувад баландии мард,
Балки мансаб шавад ба мард баланд. . . . . —

На шири шутур, на дидори араб! . . . . . . 94
Неки куну ба об андоз! . . . . . . . . . —

Неши каждум на аз пайи кин аст,
Муқтазои табиаташ ин аст. . . . . . . . 96

Нигаҳ дор, к-оид замоне ба кор,
Агарчи бувад дар ҷаҳон рагъси мор. . . . . . 97

Нони якрӯза чи бар пушту чи дар шикам . . . . . 102
Он вақт, ки чик-чики мастонат буд, ёди зимистонат набуд. . —
Он кӣ фил мехарид, париду рафт. . . . . . . 103

Он чӣ ба хиљат тавон пеш бурдан,
Ба ҳазор савор муяссар нашавад. . . . . . . —

Он чӣ дар дег аст, ба чумча меояд. . . . . . . 104

Он чӣ дар оина ҷавон бинад,
Пир дар хишти хом он бинад. . . . . . . . —

Ошиқам, аммо то лаби бом. . . . . . . . —

Оқибат гургзода гург шавад,
Гарчи бо одамӣ бузург шавад. . . . . . . . 105

Оҳи соҳибдардро бошад асар. . . . . . . . 107

Пашша чу пур шуд, бизанад пилро,
(Бо ҳама тундиву салобат, ки ӯст). . . . . . . —

Пирию сад айб. . . . . . . . . . . 109
Раҳмат ба кафандузди аввал . . . . . . . . 110
Сағ донаду пинадӯз дар анбон чист. . . . . . . —
Сарбурида сухан намегӯяд. . . . . . . . . —
Сари кӯчаку риши дароз нишони аҳмақист. . . . . —
Себ то фурӯд омадан ҳазор чарх мезанад. . . . . 111
Тамаъ-балои ҷон. . . . . . . . . . . 112
Тарбият яксон асту тобоеъ мухталиф . . . . . . —

Тагоре бишканад, мосте бирезад,
Ҷаҳон гардад ба коми косалесон. . . . . . . —

То аблаҳ дар ҷаҳон ҳаст, муфлис дар намемонад. . . 113
То неъматеро нахӯрӣ, шукрашро ба ҷо наёвар, ё нахӯрда шукр макун! . . . . . . . . . . . . . 114
Тухмдузд — шутурдузд мешавад. . . . . . . . 115
Фаввора чун баланд шавад, сарнагун шавад. . . . . —

Хари Исо гараш ба Макка баранд,
Чун биёяд, ҳанӯз хар бошад. . . . . . . . 117

Хирси шикорнокардаро ҳаргиз пӯст мафурӯшед! . . . —
Хонаи дӯст бирӯбу дари душманон макӯб! . . . . 119
Хулкардаро тадбир нест. . . . . . . . . —

Хӯи бад бар табиате, ки нишаст,
Наравад то ба вақти марг аз даст. . . . . . . 122

Чашми соҳиб асари дигаре дорад. . . . . . . 124
Чашми тангди дунёдорро ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр. . 125
Чун ғӯшт ганда шавад, намакаш барзананд, чора чӣ бошад, чун бигандад намак? . . . . . . . . . . . 126
Шаб дароз асту қаландар бекор. . . . . . . . 137
Шабхез бош, то комраво бошӣ. . . . . . . . 138
Шамъе, ки ба хона раво аст, ба масҷид ҳаром аст. . . —
Як бор частӣ малахак, ду бор частӣ малахак, охир ба дастӣ малахак! . . . . . . . . . . . . . 139
Шутуре диди, пайдост, ки надидаӣ! . . . . . . 143
Як бому ду ҳаво. . . . . . . . . . . 144
Яке бар сад онд, на сад бар яке. . . . . . . —
Қадри офият касе донад, ки ба мусибат гирифтор оид. . —
Ҳама чиз ҳамгинон донанд ва ҳамгинон ҳанӯз аз модар назодаанд. . . . . . . . . . . . . . 145
Ҳар баҳореро хазоне ва ҳар роҳеро поёне бошад. . . —

Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,
Меҳри ӯро бар дилаш андохтанд. . . . . . . 146

Ҳар кӣ аввалбин бувад, аъмо бувад,
Ҳаркӣ охирбин, чи бомаъно бувад. . . . . . . 147

Ҳар кӣ нон аз амали хеш хӯрад,
Миннат аз Ҳотами Той набарад. . . . . . . —

Ҳар кор, ки иваз дорад, гила надорад. . . . . . 148
Ҳарфи ҳисобӣ ҷавоб надорад. . . . . . . . —

Ҳар чӣ ба дил фурӯд ояд,
Дар дида нику намояд. . . . . . . . . —

Ҳар чи хор ояд, рӯзе ба кор ояд . . . . . . . 149
Ҳеҷ арзоне бе иллат нест ва ҳеҷ гароне бе сабаб. . . . . —

**Ҷилави дарьёро мешавад баст, аммо дари даҳани мардумро на-тавон баст.** . . . . . . . . . . . . . . . 150

Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд нест. . . . . . . 151

Ҷуянда ёбанда аст . . . . . . . . . . . . . 152
Номгӯи маъхазҳои истифодашуда. . . . . . . . . . 155